# МАТНИ МАЪРЎЗА

## АЗ ФАННИ

# ЗАБОНИ АДАБИИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

## (морфология)

## *Маърӯзаи 1*

## *Морфология ҳамчун таълимот дар бораи калима*

Забон муҳимтарин воситаи алоқаи одамизод аст. Инсоният бо воситаи забон ба якдигар фикр баён мекунад ва фикри якдигарро мефаҳмад. Ҳамаи калимаҳои забон якҷоя таркиби луғавиро ташкил медиҳанд.

**Грамматика** сохти калима, ибора ва ҷумларо меомӯзад. Грамматика (морфология ва синтаксис) маҷмӯи қоидаҳост. Морфология як боби грамматика буда, қоидаҳои таъғир ёфтани онро меомӯзад. Калимасозӣ боби алоҳидаи морфологияро ташкил медиҳад. Дар калимасозӣи забони тоҷикӣ бештар типӣ мураккаб бо аффиксҳо сохтани калимаҳо мебошад.

Нутқи мо аз воҳидҳои алоҳидаи забон иборат буда пеш аз ҳама ба ҷумлаҳо ҷудо мешавад. Ҷумлаҳо бошад дар навбати худ ба ибораҳо ва ибораҳо ба калимаҳо ҷудо мешавад. Калимаҳо асосан ба ҳиссаҳо яъне ба морфемаҳо тақсим мешавад. **Морфема** аз калимаи юнонии **морфе "шакл"** гирифта шудааст. Ҳар кадоми ин ҳиссаҳо дорои як маъно ва вазифа ҳастанд.Чунончӣ: Калимаҳои мисгар , оҳангар аз рӯи маъно ба морфемаҳои **мис, оҳан, гар** ҷудо мешаванд. Яъне дар ин ҷо оҳан ва мис ҳиссаи асосии калима буда **гар** бо калима омада аз рӯи касбу кор номи шахс месозад.

Морфемаҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. **Морфемаҳои калимасоз-**яъне бо калимаҳо омада калимаҳои нав месозад. Чунончи оҳан**гар**, сарой**бон**, гул**зор**, тиракторч**ӣ**.

**Морфемаҳои калимабанд :** Ин барои нишон додани муносиба ва алоқаи калимаҳо хизмат мекунад. Чунончи: Ӯ хон**ад**, Вай шин**ад** . Дар ин ҷумла морфемаи –ад хабарро ба мубтадо мебандад.

Калимаҳо илова бар ин боз ба воҳидҳои хурди овозӣ- ба ҳиҷоҳо низ ҷудо мешавад. Мисол: Ош-хо-на,Оф-то-ба, Ки-тоб-хо-на ва ғайра

Ҳиҷоҳо дар навбати худ ба овозҳои алоҳидаи нутқ –ба **фонемаҳо** ҷудо мешавад. Фонема аз калимаи юнонии фоне гирифта шуда маънояш **"овоз"** мебошад. Фонема дигар ба ҳиссаи алоҳида ҷудо намешавад.

### Мавзӯи Морфология

Омӯхтани тағйирёбии калимаҳо восита ва тарзҳои сохта шудани шаклҳои гуногуни калима мавзӯи морфология мебошад.

Ҳаммаи он тағйирҳои як калима, ки мафҳуми асосиро ифода намуда, дар айни замон ба он мафҳуми иловагие ҳамроҳ мекунанд ва ё дар ҷумлаи калимаеро ба калимаи дигар мебанданд, шакли калима номида мешавад: **хонам**, **хони**, **мехонам** ва монанди ин шаклҳои гуногуни як калима мебошанд, вале калимаҳои **хоно** ва **хониш**ро шаклҳои як калима шумоеридан ҳаргиз дуруст нест, зеро ин ду калима мафҳумҳои алоҳидаи навро ифода мекунанд.

Ба воситаҳои морфема на танҳо шаклҳои гуногуни як калима, балки калимаҳои нав низ сохта мешаванд. Бинобар ин омӯхтани калима низ ба мавзӯи морфология мешавад.

Нутқи мо аз калимаҳо иборат аст. Забон гуфта мо пеш аз ҳама калимаҳоро дар назар дорем, ки ба воситаи онҳо одамон мубодилаи фикр мекунанд. Аз қадим боз калима бо хусусиятҳои худ диққати аҳли чамъиятро, ва пеш аз ҳама олимонро, ба худ чалб менамояд. Ин тасодуфӣ нест, чунки калима дорои сифатҳои калима мебошад. Масалан, калима метавонад инсонро ҳам хурсанд ва ҳам хафа кунад, вай қобил аст ӯро руҳбаланд созадё, баракс, руҳафтода ва маъюс гардонад. Ин гуна хусусияти калима баъзан мӯъчизанок менамояд, вале дар ин чо ҳеч гуна муъчиза нест: калима маҳсулоти муносибати дуру дарози одамон ва натичаи тачрибаи чамъиятии онҳо мебошад.

**Сохти калима ва шаклҳои он**

**Калимасозӣ** як соҳаи илми забон буда,таркиб ва сохти калимаҳоро меомӯзад.

**Имло** як соҳаи илми забон аст, ки қоидаҳои навишти калимаро меомӯзонад.

Дар забони адабии ҳозираи точик калима ва шаклҳои калима бо тариқи зерин сохта мешаванд:

1. Ба воситаи як кардани калимаҳо – сохти мураккаби калимаҳо.
2. Ба воситаҳои калимаҳои алоҳида – сохти калимаҳо ва шаклҳо.
3. Аффиксатсия –ба воситаи префикс ва суффиксҳо сохта шудани калимаҳо ва шаклҳо.

Ба воситаи **тарзи якум** калимаҳои мураккаб сохта мешаванд **(роҳбар, китобхона, пешқадам, гуфтугӯ); бо тарзи дуюм**, бо сохти таркиби калимаҳои нав (чунончи, **сар кардан**) ва шаклҳои таркибии як феъл) (**хонда будам, хонда истода будам**) сохта мешаванд. Ба воситаи такрор сохта шудани калимаҳо низ ба ҳамин тип дохил мешаванд қоғази раҳ-раҳ ва монанди инҳо.

**Ба тарзи сеюм**, яъне ба воситаи аффексатсия калимаи сохта (чунончи, **коргар, ақлнок, ҳамсоя**) ва шаклҳои сохта (**хондаам, мехондаам**) ташкил меёбанд.

Ҳамин тарз, калимаҳо аз чиҳати сохташон дар калимасозӣ содда **(кор, роҳ, китоб),** сохта (**ҳамроҳ, коргар**), мураккаб (**роҳбар, китобхона, хушбахт**) ва таркибӣ мешаванд (**кор кардан, истироҳат кардан**).

**Таркиби калима**

Онҳо ҳиссаи калима, ки дорои маънои асосӣ буда, дигар ба чузъҳои маънодир тақсим намешаванд, **реша** ном дорад. маънои асосии луғавии калима дар реша мебошад.Мисол: гул, одоб,бино, сиёҳ, санг,лаб,бад, нек ва ғайра.

**Суффикс**- он ҳиссаи калима мебошад, ки пас аз реша омада, маънои онро тағир медиҳад. - Зор, гар, истон,чи, она, ча, о,ва ғайра.

**Префикс**- он ҳиссаи калима мебошад, ки дар аввали реша омада маънои онро тағир медиҳад.ч: бе, бо,но,бар ва ғайра.

**Асос-** ҳиссаи маънидори калима буда, реша ва суффиксу префиксҳоро дар бар мегирад. Нобино, хонача,гулзор, бомаслиҳат.

Калимаи сиёҳидонча ба чор ҳисса чудо мешавад: **сиёҳ-й-дон-ча**. Ҳар кадом аз ин ҳиссаҳо маъно доранд: **сиёҳ** маънои луғавй дошта, рангро мефаҳмонад; ҳиссаҳои дигар маънои грамматикй доранд: **-й** ба чй нисбат доштани чизеро мефаҳмонанд, **-дон** -зарфиятро ва –**чй** хурд будани чизеро нишон медиҳад. Дар калимаи **сиёҳдонча** реша **сиёҳ** буда, аз ин реша сиёҳ

бо илова кардани аффексҳо калимаҳои **сиёҳй, сиёҳак, сиёҳча, сиёҳидон** сохта шудаанд.

Дар калимаҳои **сиёҳй, оҳангар, хониш, хоно** ҳиссаҳои пас аз реша омадаги : -й, -гар, -иш ва –о суффикс мебошанд.

Дар калимаҳои **ҳамсоя, боғайрат, нотарс**, ҳиссаҳои **соя, ғайра**т ва **тарс** реша буда ҳиссаҳои **ҳам, бо но**, ки паз аз реша омадаанд, преффекс мебошанд.

Таркиби калима аз як реша ё аз реша суффикс иборат шуда метавонад: **коргар, оҳанин, нотарс, бераҳмона.**

**Калимаҳои мураккаб:** саркор, роҳбар, хушбахт, гирдогирд, гуфтугӯ, ҷустуҷӯ, ҳафтсола, моҳихӯрак ва ғайра

**Калимаҳои таркибӣ:** Чойхона–қироатхона, илмӣ-омавӣ,моддӣ-маишӣ, республикаи демократии афғонистон, ГЕС,

Дар калимаҳои мураккаби таркиби калима аз якчанд реша иборат мешаванд, чунончи, китобхона, пешқадамон ва монанди ин.

### *Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ*

1. Чаро калимаро воҳиди асосии забон мегӯянд?
2. Таркиби калимаҳо аз чиҳо иборат аст?
3. Сохти калимаҳоро номбар кунед.
4. Ҳиссаҳои нутқ дар кадом боби грамматика омӯхта мешавад?
5. Асос аз реша чи фарқ дорад?
6. Морфемаҳо чанд хел мешаавнд?
7. Воҳиди хурдтарини забон чист?

### Адабиётҳо:


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3.Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
4.Н. Ёраҳмадова. Маҷмӯаи машқҳо ва матнҳо аз фанни забони муосири тоҷик


## *Маърӯзаи 2*

## *ПРИНСИПҲОИ БА ҲИССАҲОИ НУТҚ*
## *ҶУДО КАРДАНИ КАЛИМАҲО*

# ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

Калимаҳо бо маънои луғавии худ, бо категорияҳои грамматикӣ ва бо тарз ва типҳои калимасозии худ ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд, ки дар кадоми ин гурӯҳҳо ҳиссаҳои нутқ ном доранд. Ҳиссаҳои нутқ дар ибора ва ҷумла доштанашон низ аз якдигар фарқ мекунанд. Ҳамин тарз шуда, ҳар як ҳиссаи нутқ дар забони адабии тоҷик маънои лексики хос, категорияҳои муайяни морфологӣ ва типҳои алоҳидаи калимасозӣ дошта, вазифаи маълуми синтаксисиро адо мекунанд.

Дар забони адабии тоҷик даҳ ҳиссаи нутқ нишон дода мешаванд: **исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешоянду пасоянд, пайвандакҳо, ҳиссачаҳо, нидо.**

Ҳамаи ин ҳиссаҳои нутқ дар асоси маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳ чудо мешаванд:

1. Ҳиссаҳои мустақили нутқ
2. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ

**Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф** ҳиссаҳои мустақили нутқ буда, **пешоянду пасоянд, пайвандакҳо** инчунин **ҳиссачаҳо** ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ мебошанд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ маънои мустақили луғавӣ дошта предмет, аломат, хосият, ҳолат ва амалро мефаҳмонанд: одам, шаҳр, хона, хуб, илмӣ, панч, хондан,омадан, фардо, пагоҳӣ.

Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ маънои мустақили луғавӣ надошта, муносибати байни ҳодисаҳои воқеатро мефаҳмонанд: **ба ту гуфтам, аз вай гирифтам, Барот ва Барно, китобро хонанд ва ғайра.**

**Нидо** ба хусусиятҳои хоси худ ва бо калимаҳои дигар надоштани алоқаи синтаксисӣ гурӯҳи алоҳидаро ташкил намуда  намуда, ба ҳиссаҳои мустақил ва ё ёридиҳандаи нутқ дохил намешавад. **Ваҳ,** чи хуш медамад насими баҳор**!, Оббо**, боз ҳамин омад.

Аз ҳиссаҳои нутқ исм, сифат, шумора, ва ҷонишин аҳамият ва маънои номӣ дошта, исм – предметро, сифат –аломати предметро, шумора миқдори предметро бо адад мефаҳмонад, ҷонишин бошад ба ҷои исм, сифат, шумора омада метавонад. Бинобар ин **исм, сифат, шумора** ва **ҷонишинро** ҳиссаҳои номии нутқ меноманд.

## Исм

Исм предметро фаҳмонда ба саволҳои ки киҳо? ва чи чиҳо? ҷавоб мешавад. Исм дорои катигорияҳои грамматикии шумора, номуайянӣ(е) мебошад.

Исм ба худ суфиксҳои калимасоз дорад.Чунончӣ –чи,-гар,-ор,-иш,-зор ва монанди инҳо.

Исм ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад, вале исм, ҳамчун ифодакунандаи номи предмет, дар ҷумла, пеш аз ҳама, мубтадо, муайянкунанда ва пуркунанда шуда меоянд. Исм дар таркиби изофӣ чӣ чузъи якум (муайяншаванда) ва чӣ ҷузъи дуюм (муайянкунанда) шуда меояд.

**Сифат**

Сифат аломати предметро мефаҳмонад. Дар сифат категорияи шумора ва номуайянӣ нест. Сифатҳои асли дараҷаи қиёсӣ доранд. Дар калимасозӣ сифат аз исм фарқ мекунад, преффексҳояш низ сермаҳсул мебошанд. Сифат дар ҷумла муайянкунанда (ҷузъи дуюми таркиби изофӣ) ва хабар шуда меоянд. Гурӯҳи маълуми сифатҳо дар ҷумла ба вазифаи ҳол меоянд. Сифат ба сари худ пешоянд ва пасоянд намегирад.

Шумора миқдор ва тартиби предметро бо адад ифода мекунад. Шумора аломати номуайяниро намегирад, категорияи ҷамъ ва танҳо надорад. Шумораи миқдорӣ нумератив мегирад. Аз шумораҳои миқдорӣ бо суффикси –ум шумораҳои тартибӣ сохта мешаванд. Шумораҳо дар ҷумла, пеш аз ҳама, муайянкунанда шуда метавонанд.

Ҷонишин калимаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо предмет ва аломатҳои онро ифода намуда худи предметро номбар ва моҳияташро муайян намекунанд, чунончи, ин вай, ҳамин, ҳама.

Одатан ҷонишин ба ҷои ягон ҳиссаи номии нутқ (исм, сифат, шумора) ба кор бурда мешавад. Маънои конкретии ҷонишин танҳо дар матн зоҳир мегардад.

Феъл ҳиссаи мустаъқиқи нутқ буда, амал ва ё протсесҳои дигарро ҳамчун амал мефаҳмонад: **оромидан, хобидан**; **зоҳиршавӣ ва тағйирёбии аломат: сабзидан, дигар шудан; муносибат ба касе ё чизе: дӯст доштан, бад дидан** ва монанди инҳо. Дар калимасозии феъл сохти таркибӣ хеле сермаҳсул аст.

Феълҳо дар забони адабии тоҷик системаи шаклҳои зиёд ва гуногунро ташкил медиҳанд, ки ҳамаи онҳоро ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Шаклҳои тасрифии феъл ки системаи муайяни тасрифӣ доранд: **хондам, хондӣ, хонд; хондаам, хондай, хондааст** ва монанди инҳо.

Шаклҳои тасрифии феъл, яъне ҳамон шаклҳои замони ва сиғавии гуногун, ки аз рӯи шахсҳо тағйир меёбанд, шаклҳои шахсии феъл номида мешаванд.

2. Масдар (инфинатив) шакли таснифшавандаи феъл Буда, амалро умуман бо шахс ва замон нисбат надода номбар мекунад. Бинобар ин масдарро исми феълӣ низ меноманд. Масдар тарзҳои феълӣ дорад, суффикси ҷамъро мегирад (**хонданҳо**), дар ҷумла мубтадо (**хондан давом дорад**), хабар (**мақсади вай хондан аст**), муайянкунанда (**хондани китоб**) ва пуркунанда шуда меояд (**хонданро дӯст медорам**).

3. Сифати феълӣ шакли таснифшавандаи феъл буда, амали асосии феъли зикркардаро вобаста ба ҳамоне ҳамчун аломати шахс ё предмет ифода мекунад: **мактуби навишташуда, вазифаи супорида мешудагӣ.**

4. Феъли ҳол шакли тасрифшавандаи феъл буда, амали ифодагиеро ифода мекунад, ки он аломати феъли асосӣ аст: Муродова **фикркунон** ба тарафи тутзор ҳаракат кард.

Зарф низ ҳиссаи мустаъқилмнои нутқ буда, ҳолат, тарзи амал вақту ҳангом, маҳаллу макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шраҳу эъзоҳ медиҳад.

Таърихи бештарини зарфҳо нисбатан нав буда, онҳо бо мурури замон баъдтар тадриҷан аз ҳисоби ҳиссаҳои нутқ ташаккул ёфтаанд. Баъзе зарфҳо аз

чумла, зарфҳои дина, дишаб, дирӯз ва ғайра аз чиҳати сохту маъно хеле қадимианд.

Гурӯҳи дигар ҳиссаҳои нутқ аз калимаҳои ёридиҳанда иборат буда, онҳо дар нутқ муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода мекунанд. Ҳиссачаҳо, пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ ба шумор меравад.

Пайвандакҳо калимаҳое, ки аъзои чумлаи содда ва ё чумлаҳоро бо якдигар мепайванданд.

Пешоянду пасояндҳо бо ҳамроҳи калимаҳои дигар: бо исм, чонишин, шумора ва калимаҳои исмгашта кор фармуда мешаванд ва барои ифода гардидани вазифаҳои синтаксисии калимаҳои мустаъқилмаъно ёри медиҳад.

Ҳиссачаҳо ба фикри гуфташуда муносибати гӯяндаро ифода мекунад. Онҳо барои таъкид ва ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии калима, ибора ва чумлаҳо хизмат мекунанд.

Нидоҳо типии махсуси калимаҳо буда, чи аз калимаҳо мустаъқилмаъно ва чӣ аз ёридиҳандаҳо фарқ мекунанд. Нидоҳо барои ифодаи ҳиссиёт ва майлҳои иродавӣ хизмат мекунанд.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:***

1. Дар асоси маъно ва вазифаашон ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ба чанд гурӯҳ чудо мешаванд?
2. Чаро ҳиссаҳои мустаъқилмаъноии нутқ мегӯянд?
3. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ маъноии мустаъқили луғавӣ доранд, ё не, агар дошта бошанд, чиро мефаҳмонанд?
4. Чаро дар сифат категорияи шумора ва муайянӣ нест.

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, чилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3.Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
4. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
5.Н. Ёраҳмадова. Мачмӯаи машқҳо ва матнҳо аз фанни забони муосири точик

***Маърӯзаи 3***

## *ИСМ ҲАМЧУН ҲИССАИ МУСТАЪҚИЛМАЪНОИ НУТҚ*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

### МАЪЛУМОТИ УМУМ/ ДАР БОРАИ ИСМ

Исм ҳиссаи мустақилмаъноии нутқ буда, предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода менамояд. Исм ҳамчун гурӯҳи луғавию грамматикии калимаҳо номи предметҳои конкрет, чонварон, чисмҳои моеъ,

ҳодисаҳои олами табиӣ, мафҳумҳои абстрактро дар бар мегирад. Маънои предметпи исм маҳз дар он ифода меёбад, ки танҳо исм предметҳои конкретро мефаҳмонад. Дар ин гуна мавридҳо маънои луғавию грамматикии исм ба ҳам мувофиқат мекунад, предметро мефаҳмонад. Асоси нсмро номи предметҳо ташкил медиҳад.

Вазифаи синтаксисии исм гуногун аст. Исм дар ҷумла пеш аз ҳама мубтадо ва пуркунанда шуда меояд ва бо ин хусусияти худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад.

Ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда дигар ҳиссаҳои нутқ вақте меоянд, ки дар ҷумла ба вазифаи исм оянд, ё ки ба ин ҳиссаи нутқ гузашта бошанд.

Исм вақте ки ба вазифан мубтадо меояд, хабар ба он аз ҷиҳати шахсу шумора мувофиқат мекунад. Исм ба вазифаи хабар ба таври фаровон истифода мешавад. Вай ҳангоми хабар шуда омаданаш аксар бо бандакҳои хабарӣ сурат мегирад, бе бандакҳои хабарӣ омадани исм кам воқеъ мегардад.

## КАТЕГОРИЯҲОИ ИСМ

Исм дорои категорияҳои махсуси морфологӣ мебошад. Категорияи шумора ва номуайянӣ ишоратӣ хоси исманд.

Исмҳо ҷондору беҷон, хосу ҷинс,моддӣ ва маънӣ, кулу ҷузъ,конкрету абстракт мешаванд. ва ва Як гурӯҳ исмҳо, масалан, исмҳои шахс ва ғайришахс, ҷинс ва хос, конкрет ва абстракт аз ҳам на танҳо аз ҷиҳати маънӣ, балки аз ҷиҳати тағирот, калимасозӣ ва муносибаташон ба категорияҳои грамматикӣ низ фарқ мекунанд.

## ИСМҲОИ хос ва ҷинс.

Исмҳо ба ду гурӯҳ: исмҳои ҷинс ва исмҳои хос ҷудо мешаванд. Як гурӯҳи исмҳоро исмҳои хос ташкил менамоянд. Исмҳои хос ба шахс ва предметҳои алоҳида мансубанд, онҳо барои аз предметҳои хамҷинсашон фарқ кунондани одамон ва предметҳои ҷудогона истифода мешаванд. Масалан, номи умумии исмҳои хоси Амӯ, Сир, Зарафшон, Вахш ва ғайра дарё мебошад, вале дар асоси хусусиятҳои фарққунандаашон ба онҳо номҳои алоҳида гузоштаанд, ки онро исми хос меноманд. Исмҳои ҷинс номи умумии предметҳои ҳамҷинс ва амалу ҳолат мебошанд. Мисол: **одам, дарахт, кӯл, дарё, шаҳр, сурат, неки, гармӣ** ва ғайра.

Ба ҳамин тариқ, шаҳр исми ҷинс, вале Москва, Душанбе, Панҷакент, Самарканд, Тошканд исмҳои хос, одам, инсон исмҳои ҷинс, аммо Зафар, Ғолиб, Ширин, Садаф исмҳои хос мебошанд. Ҳамин тавр, номҳои махсуси одамон, фамилия, номҳои географӣ, воқеаҳои таърихӣ, дарёҳо, кӯлҳо, баҳрҳо, уқёнусҳо, номҳои асарҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, номҳон астрономӣ ва ғайра, инчунин лақабҳо ва тахаллусҳо ба гурӯҳи исмҳои хос дохил мешаванд.

Дар забони адабин ҳозираи тоҷик барои сохтаии фамилия, номи падар ва тахаллус воситаҳои махсуси грамматикӣ ҳастанд. Чунончи, суффикси -ӣ ҳам тахаллус, ҳам фамилия ва хам номи падар месозад: Рӯдакӣ, Ҷомӣ (тахаллус), Зарифӣ, Рахимӣ, Ансорӣ, Асрорӣ (фамилия ва номи падар). Фамилия ва номи падар инчунин ба воситаи калимаи зода ҳам сохта мешавад: Турсунзода, Мирзозода ва ғайра.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик фамилия ва номи падар бештар ба воситаи суффиксҳои аз забони русӣ гирифташуда сохта мешаванд: **ов-ев, ова-ева, ович**-евич, **овна-евна**; Одил Зокирович Собиров, Зафар Шукурович Шодиев, Дилбар Латифовна Бозорова, Зебо Кабировна Абдуллоева.

Исмҳои ҷинсу хос на танҳо аз ҷиҳати маъно, балки бо хусусиятҳои хоси грамматикиашон низ аз ҳам фарқ мекунанд. Чунончи, категорияи ҷамъ ба исмҳон ҷинс мансуб аст, на ба исмҳои хос, чунки исмҳои хос номи предметҳои алоҳида мебошанд. Исмҳои хос ҳамон вақт дар шакли ҷамъ истифода мешаванд, ки чун образ, намояндаи ҳамон синфу гурӯҳ ва ё хонавода тасаввур карда шаванд: **Шодиҳо, Гулбибиҳо, Шарифҳо, Одинаҳо, Камолҳо.**

Исмҳои хоси Шаҳристон, Регистон, Марғзор, Ҳисор, Варзоб, Кӯлоб, Шер, Санг ва амсоли инҳо бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадаанд.

Баъзан исмҳои ҷинсе, ки шахсро далолат мекунанд, ҳамчун номи ин ё он маҳал ва ё район ба исми хос мегузаранд ва маконро ифода менамоянд: Оҳангарон, Мисгарон (номи деҳа, гузар).

Баъзан ҳамчун исми хос истифода шудани исмҳои абстракт низ мушоҳида мешавад. фермерҳои«Дӯстӣ», «Ҳосилот», «Меҳнат», «Зафар» ба ҳамин гурӯҳ мансубанд.

## ИСМҲОИ КОНКРЕТ ВА АБСТРАКТ

Исмҳое, ки инсон ва предметҳои олами ҳастиро ифода менамоянд, исми конкрет ном доранд: модар, ҳамшира, гул, дарахт, санг, кӯҳсор ва ғайра. Хусусияти грамматикии исмҳои конкрет дар шумурдашавандагиашон буда, миқдори онҳоро бо рақам низ таъин кардан мумкин аст: ду бародар, се дарахт, даҳ стул, сад танга.

Исмҳои конкрет ҳам дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ истеъмол мешавад: **Деҳқонҳо, каланду бел дар даст молҳои кориро пеш андохта, ба қишлоқ баргаштанд** *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Исмҳои моеъ ба гуруҳи исмҳои ҷинсн конкрет мансуб мебошанд. Исмҳои моеъ аз дигар навъи исмҳои конкрет бо он хусусияти худ фарқ мекунанд, ки онҳоро тақсим ва чен кардан мумкин бошад ҳам, мисли дигар исмҳои конкрет донашумур кардан мумкин нест. Ба ин гурӯҳ исмҳои конкрети типи зерин дохил мешаванд: **нефть, бензин, керосин**, **об, равған, шароб, май** ва ғайра.

Маълум аст, ки баъзе калимаҳо ба якчанд маъно истифода мешаванд. Аз ҳамин нуқтаи назар агар об ба маънои нӯшокӣ истифода шавад, суффикси ҷамъбандӣ қабул намекунад, дар ин ҳолат миқдори онро ченакҳои махсус таъин мекунанд, вале агар об ба маънои дарё, ҷӯй, ҷӯяк ва амсоли инҳо истифода шавад, инчунин дар хусуси навъҳои он (обҳои газнок) сухан равад, он гоҳ суффикси ҷамъбандӣ қабул мекунад.

Баъзе исмҳои конкрет агарчи моеъ набошанд ҳам, бо хусусияти шумурданашавандагиашон ба ҳамин гурӯҳи исмҳо мансубият пайдо мекунанд. Исмҳои ғалла, гандум, ҷав, зағир, арзан, шакар, оҳақ, рег, барф ва амсоли инҳо, кн аз донаҳо ва ҳиссаҳои хурд-хурд иборат буда, шумурданашон номумкин аст, ба ҳамин гурӯҳ медароянд. Ин қабил исмҳо одатан шакли ҷамъ надоранд.

Исмҳои абстракт мафҳумҳои амал, аломат ва ҳолатро номбар мекунанд: бориш, сабзиш, некӣ, бадӣ, гуруснагӣ, некӣ, бадӣ,дӯстӣ ва ғайра.

Исмҳои абстракт асосан дар шакли танҳо воқеъ мегарданд. Баъзан дар шакли ҷамъ воқеъ шудани онҳо на ин ки шумурдашавандагиашон, балки якчанд бор воқеъ шудани он амалу аломат ва ҳолатро далолат мекунад: **Некиҳои шуморо фаромӯш нахоҳам кард.**

Баъзан барои таъкиди тӯлкашии ҳодисаю воқеаҳо ва риояи услуби гуфтугӯ исмҳои абстракт дар шакли ҷамъ меоянд: **Вақтҳои охир камнамо шудед?**

**Исмҳои кул ва ҷузъ**

Исмҳои кул номи умумии предметҳои ҳамҷинс аст: Нақлиёт- трамвай, метро, мошин,автобус ва ғ.

**Адабиёт-** китоб,рӯзнома, маҷалла, назм, наср, ҷинс, метод ва ғ.

**Гул**-себарга, тоҷи хуроз,лола, савсан,садбарг ва ғ.

**Бориш** –борон, барф, жола, шабнам ва ғ

Исмҳои ҷуз номи яке аз предметҳои ҳамҷинс мебошад.м: себарга,бойчечак,сабзи пиёз, шолғом, гандум ,ҷав,шолӣ(растанӣ

## ИСМҲОИ ШАХС ВА ҒАЙРИШАХС.

Мисолҳои забони тоҷикӣ ва таҳлили онҳо нишон медиҳад, ки исмҳоро ба ду гурӯҳ: исмҳои ифодакунандаи шахс ва ғайришахс тақсим кардан мумкин аст.

Дар забони тоҷикӣ исмҳои шахс ба саволи **кӣ?** ҷавоб мешаванд.Исмҳои ғайришахс ба саволи **чӣ** ҷавоб мешавад. Тафовути дигари исмҳои шахс аз исмҳои ғайришахс дар мувофиқати хабар бо онҳо мушоҳида мешавад. Чунончи, хабар бо исмҳои шахс, ки мубтадо шуда омадаанд, ҳамеша мувофиқат мекунад, вале агар исмҳои ғайришахс мубтадо шуда оянд, гоҳо ин қоида риоя намешавад. Масалан, исми ғайришахс ба вазифаи мубтадо дар шакли ҷамъ ояд ҳам, гохо хабар дар шакли танҳо меояд ва ин нодуруст нест. Гоҳо исмҳои шахс дар шакли танҳо мубтадо шуда оянд, хабар дар шакли ҷамъ омада, муносибати субъектӣ-эҳтиромро ифода мекунад, ки ин ҳолат ҳангоми мубтадо шудани дигар исмҳо рӯй намедихад. Агар мубтадо бо исмҳон ҷомеи ғайришахс ифода шуда бошад, хабар дар шакли танҳо меояд, вале агар мубтадо ба исмҳои ҷомеи ифодакунандаи шахс ифода шуда бошад, хабар дар шакли ҷамъ низ омада метавонад: Мардум омад. Мардум омаданд. Суффикси **ҷамъбандии -ино** танҳо бо исмҳои шахс меояд.

Тафовути исмҳои шахс ва ғайришахс дар тарзҳои морфологии калимасозӣ равшантар зоҳир мешавад.

## ИФОДАИ ҶИНСИЯТ ДАР ИСМ

Дар забони адабин ҳозираи тоҷик ҷинсияти табиии исмҳои ҷондор бо тарзҳои гуногун ифода меёбад:

**1. Бо роҳи луғавӣ.** Барои ифодаи ҷинсият калимаҳои махсусе истифода мешаванд, ки дар як вақт ҳам ҷинсият ва ҳам ба кадом гурӯҳи исмҳо (одамон, ҳайвонҳо ё паррандагон) мансуб будани онҳоро далолат мекунанд. Ҷунончи, калимаҳои мард, зан, писар, духтар нисбат ба одамон, нар, мода нисбат ба ҳайвонот ва хурӯсу мокиён нисбат ба паррандагон истифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ маънои аксари исмҳои ифодакунандаи шахс ба кадом ҷинс тааллуқ доштани онро низ нишон медиҳанд. Чунончи, ҷинси мардона: амак, тағоӣ, падар, бобо, почо, язна, ако, ҷӯра, бародар, додар; ҷинси занона:

амма, хола, янга, модар, бибӣ, ҳамшира, дугона. Ин гуна калимаҳо дар исмҳои ифодакунандаи ҳайвонот низ дида мешавад: такка, сирка, қӯшқор, меш, ҷавона, ғуноҷин ва ғайра.

**2. Бо роҳи калимасозӣ**. Калимаҳое, ки ҷинсиятро далолат мекунанд, ҳамчун ҳиссаи калимаи мураккаб воқеъ мегарданд. Аммо дар ин гуна мавридҳо ба воситаи калимаҳои ифодакунандаи ҷинсият исми нав сохта намешавад, балки ба кадом ҷинс мансуб будани ҳиссаи асосӣ муайян мегардад. Аз ин рӯ, вазифаи ин гуна калимаҳо ба вазифаи морфемаи ифодакунан даи ҷинсият мувофиқат мекунад:

**Дар вақте ки ман дар боғча будам, сменаи якум тамом шуд ва коргарзанони аз кор фориғшуда ба боғча омаданд, ки аз он ҷо бачагонашонро гирифта ба хонаҳошон бираванд (С. Айнӣ,** Куллиёт). **Волейболбоздухтарони мо вохӯриро бо дугонаҳои москвагии худ ба ҳисоби 0:3 бохтанд («Маориф ва маданият»), Баъд кудукчимардак омад (Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ). Ноиб дар ҷавоб баъд аз нақли деҳқони миёнаҳол коркуни фаъол, соҳиби панҷ таноб замин, як сар гови корӣ ва як сар модагов будани Ҳамрохрафиқ гуфт... (С. Айнӣ, Куллиёт).**

**3.** Баъзе исмҳои шахс дар ду шакл воқеъ мешаванд, ки як ҷинси мардона ва дигаре ҷинси занонаро далолат мекунад**:** котиб-котиба, муаллим-муаллима, шоир-шоира, ходим-ходима, олим-олима, мураббӣ-мураббия, мухбир-мухбира. Ин калимаҳо бо ҳамин ду шаклашон аз забони арабӣ ба тоҷикӣ дохил шуда анд: Пас аз фурсате Шопур, Баён, мусиқачиён, раққос ва раққосаҳо, инчунин дигарон медароянд *(А.Деҳотӣ,* Куллиёт). Ба ходима фармоям гӯям, дилам наосуд («Садон Шарқ»).

Дар барат тоҷик чун хеши ту буд,
Шоира Амрижа дар пеши ту буд.
*(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

Ин ҳолат дар исмҳои хос низ мушоҳида мешавад: Олим-Олима, Нодир-Нодира, Шамсӣ-Шамсия, Комил-Комила.

Ин тарзи ифода дар калимаҳое, ки аз забони русӣ ва ё ба воситаи он ба таркиби луғавии забони адабии тоҷик дохил шудаанд, низ мушоҳида мешавад: фарош-фарошка, студент-студентка, акушер-акушерка ва м. ин.

Бояд кайд кард, ки бо суффикси **-а** ва **-ка** исмҳо аз дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ дохил шуда, дар ҳамон шаклу маьниашон дар таркиби луғавӣ мондан гирифтанд. Ифодаи ҷинсияти табий дар забони тоҷикӣ бо роҳи калимасозӣ, ба воситаи калимаи мустақилмано ба амал меояд. Ин тарзи ифода дар калимаҳое, ки аз дигар забонҳо ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, низ мушоҳида мешавад: хизматчизан, агрономдухтар, ва ғ.

## КАТЕГОРИЯИ НОМУАЙЯН/ ВА ИШОРАТИИ ИСМ

Исм дорои категорияи номуаянӣ мебошад. Номуайянии исм пеш аз ҳама ба воситаи артикли -е ифода меёбад. Артикли -е бо ҳамаи хелҳои исм омада метавонад. Аз ҳиссаҳои нутқ артикли -е-ро исм қабул менамояд. Ин аст, ки артиклн -е аломати грамматикӣ ва нишондиҳандаи исм ҳамчун ҳиссаи нутқ ба шумор меравад.

Чи хеле ки дида мешавад, артикли -е на танҳо барои нишон додани номуайянии исм, балки барои маҳдуд кардани доираи мафҳуми вай низ ҳизмат кардааст.

Артикли -е инчунин аломати грамматикии номуайянии исмҳо мебошад. Чунончи, дар ҷумлаи «Табарро гирифта, ҳезумро майда кард» номуайянии табар ифода наёфтааст, аммо дар ҷумлаи Табареро гирифта ҳезумро майда кард» табар муайян нест ва ин номуайянии ӯ ба воситаи артикли -е ифода ёфтааст.

Вазифаи номуайяниро ба кадом муносибат иҷро намуданн артикли -е дар матн басо равшан зоҳир мегардад. Матн барои таъин кардани мавқеи истеъмоли артиклн -е яке аз воситаҳои асоси ба шумор меравад.

Хусусияти маҳдудкунии мафҳуми луғавии артикли -е дар исмҳои шумурдашаванда ба дараҷае мерасад, ки вай дар баробари номуаянӣ ягонагии предметро ҳам далолат мекунад;

Дӯст медорад ӯ **ҷавонеро**,
Писари хубу қаҳрамонеро.

*(М.Турсунзода,* Ас. мунт.).

Ҳайрат **қаламе** ва **коғазе** аз кисаи бағалии худ бароварда ҳарфҳои суханони Рустамҷаро, ки дар охири умраш барои нишон додани қотили худ «Азими деҳчагӣ бо корд зад» гуфта буд, бо ҳисоби абҷад шумурда дид ва ин шумора 1306 баромад (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Дар исмҳои ченаки вақт: сол, тобистон, зимистон, моҳ, ҳафта, рӯз, соат, дақиқа ва амсоли инҳо артикли -е ягонагии предметро басо равшан ифода менамояд:

Аҳмад-махдум соле як бор ба туманҳои Бухоро саёҳат мекард (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Аммо ҳар дуи онҳо дар мадраса ду ҳуҷраро банд карда монда, рӯзе як бор ба он ҷо омада мерафтанд (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Баъд аз соате Ашрафҷон Ҳоҷӣ Абдулазизро бо духтараш гирифта овард (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Хӯҷаин сар хам карда ба фикр фурӯ рафту баъд аз дақиқае сарашро бардошта ба ман нигоҳ карда, ба гап даромад (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Дар ифодаи номуайяниву ягонагии исмҳо калимаи як низ истифода мешавад ва дар бисёр мавридҳо ҳамчун муродифи артикли -е воқеъ мегардад: Нобино дар ин ҷои сухани худ бо як сукути андӯҳгинона як сония аз гуфтор бозистода, боз давом намуд.... (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Як шаб, аввали шаб ҳанӯз кӯчаҳо пуродам ва дуконҳои сари бозори Кӯшмадраса кушода буданд, ки Абдусаттор аз ҳавлиаш барои гӯштхарӣ баромад... (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Шаберо ба сар бурда будам ба хорӣ *(П.Сулаймонӣ,* Маҷ. шеърҳо).

Ягонагӣ ва номуайянии исм баъзан бо ёрии ҳам артикли **-е** ва ҳам калимаи **як** ифода мешавад. Дар ин гуна ҳолатҳо омезиш ёфтани услуби китобатӣ (артикли -е) бо услуби гуфтугӯии халқӣ (бо калимаи як) мушоҳида мешавад:

Мадрасаи Бадалбек дар як баландие воқеъ шуда буд... (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ман як рӯзе бо як ҳамроҳи худ аз Коғон ба шаҳр омадан мехостам (С. *Айнӣ,* Куллиёт).

Агар калимаи як ба маънои пурраи шуморагиаш омада бошад, исм ҳеҷ гоҳ артикл намегирад:

Дар аризаи вай як халлоҷӣ, як чарху дук, як пахтасабад, як офтобаи чӯян, як чумча, як табақи сафол ва як дона ҳам деги чӯяни гӯшакшикаста навишта буд (С.*Айнӣ,* Ғуломон).

Дар ифодаи номуайянӣ ва ягонагии исм калимаи ягон низ истифода мешавад. Вай дар баъзе исмҳо бо артикли -е ҳамчун муродиф зоҳир мегардад: Ҳанӯз дар ҳавлиаш ягон кори зӯртар бароял, ӯ ҳам маро бурда, кардани он корро мефармуд (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ягон гуноҳ надошта бошанд, барои чи онҳоро бароварда сар мезананд? (*Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

Дар ҳамаи ин мисолҳо калимаи ягонро бо артикли -е иваз кардан мумкин аст: кори зӯртаре, гуноҳе.

Дар як исм истифода шудани ҳам калимаи ягон ва ҳам артикли -е низ мушоҳида мешавад. Чунончи:

Ягон нақше дида намешавад (*«Садои Шарқ»).* Пас ягон сабабе будааст, ки аз ин пеш мукотиба доштаанд (“*Садои Шарқ”).* Агар корро бо ягон баҳонае лат диҳад, ба муддати бекориатон баробари коркарди ҳамешагиатон ҳақ диҳад (*Х.Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

Бо исм ба замми артилки -е ва шумораи як ҷонишини **кадом ва кимкадом** омада, номуайянии онро равшантар ва таъкид мекунад, инчунин ба ҷумла тобиши гуфтугӯи мебахшад:

Кадом як кас аз тирезаи духтурхона ба рӯи мизи Саодат ин чормағзро ҳаво дода, худаш ғайб задааст.

Дар ифодаи номуайянӣ категорияи морфологии шумора бетаъсир нест. Артикли -е дар вазифаи номуайянӣ асосан бо исмҳои танҳо, инчунин ҷомеъ, ки шаклан танҳоянд, истифода мешавад. Чунончи, дар мисолҳои зерин артикли -е бо исмҳои ҷомеъ омадааст:

Гурӯҳе мерафтанд, гурӯҳе меомаданд *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Артикли -е на танҳо бо исмҳои ҷинс ва номуайян, балки бо исмҳои хос ва ягонаи муайян ннз омада, ба яке аз аломатҳои онҳо ишора менамояд, ки он бо ҷумлаи пайрав ба хотир оварда мешавад, аммо ин тарзи истифодаи артикли -е маъмул набуда, хусусияти услубӣ дорад: **Умрихола ба Сафаре, ки аз саҳна ба ӯ чашм дӯхта меистод, нигоҳ карда гиряолуд бо изтироб гуфт** *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

## КАТЕГОРИЯИ ШУМОРА ДАР ИСМ

Исмҳо ду шакли шумора — танҳо ва ҷамъ доранд. Исмҳои танҳо асоси категорияи ҷамъ мебошанд. Номи аслии одамону ҷонварон ва предметҳо пеш аз ҳама дар шакли танҳо ифода меёбад. Исмҳо дар шакли танҳо якто будани предмет, ҳодиса, воқеа, мафҳуми алоҳидаро мефаҳмонанд. Чунончи: Кодир, одам, писар, гӯсола, буз, саг, дарахт, санг, чӯб, об, шамол ва ғайра.

мефаҳмонад. Дар забони адабии тоҷик исмҳо бо суффиксҳои **-ҳо** ва **-он** ҷамъ баста мешаванд.

Бо суффикси **-ҳо** ҳамаи исмҳои ҷондору беҷон ҷамъ баста мешаванд. Чунончи:

а) исмҳои ҷондор: Аминҳо, оқсаққолҳо, бойҳо, муллоҳо, элнавкарҳо ва амалдорҳои ин туманҳо шабу рӯз аз бозор ба бозор, аз деҳа ба деҳа асп медавонданд *(С.Айнӣ,* Ғуломон). Машкобҳо, бофандаҳо, нонвойҳо, қассобҳо, мардикорҳо, ба куҷо рафтаанд. *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). исмҳое, ки муносибати хешутабориро фаҳмонда, бо садоноки **а** тамом мешавад: акаҳо, укаҳо, ҷӯраҳо, аммаҳо, холаҳо;

1) баъзе исмҳои ҷондор, ки бо садоноки **а** тамом шудаанд: аккаҳо, таккаҳо, серкаҳо;
2) калимаҳои русиву интернасионалӣ, ки бо суффикси -ка тамом мешаванд: студенткаҳо, аспиранткаҳо, артисткаҳо, салисткаҳо;
3) сифатҳои феълии исмшуда, ки бо суффикси **-ги** сохта шудаанд: омадагиҳо, дидагиҳо, рафтагиҳо, хӯрдагиҳо, шунидагиҳо;
4) калимаҳои русиву интернасионалӣ, ки бо -ат, -ант, -ог тамом шудаанд, бештар бо суффикси ҷамъбандии «ҳо» меоянд: солдатҳо, депутатҳо, лауреатҳо, аспирантҳо, сержантҳо, курсантҳо, педагогҳо, геологҳо, археологҳо, биологҳо;

6) номи баъзе миллатҳо: грузинҳо, арманиҳо, финҳо, украинҳо, французҳо ва ғайра;

7) исмҳои хос низ бо суффикси -ҳо ҷамъ баста мешаванд: Одинаҳо, Шарифҳо, Сангинҳо, Гулбибиҳо ва ғайра.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:***

1.Исм чист? Аломатҳои грамматикии исмро номбар кунед?
2.Исми модӣ аз исми маънӣ чӣ фарқ дорад?
3.Исмҳо дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзоҳои чумла омада метавонад? мегӯянд?
4.Исмҳо чанд шакли шумора доранд?
5. Катигорияи номуайянии исм асосан бо кадом восита ифода мегардад?

***Адабиётҳо:***


**1.**Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, чилди 1. Душанбе, 1985
2.Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2.-Душанбе,Дониш, 1986
3.Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
**4.** Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
5. Рустамов Ш. Исм. – Душанбе, Ирфон, 1977.
6. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забонҳои адабии ҳозираи точик. - Душанбе, Маориф, 1972.


***Маърӯзаи 4***

***Тарз ва роҳҳои сохта шудани исмҳо***

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## КАЛИМАСОЗИИ ИСМ

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Бо нн роҳ таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав пурра мешавад. Бисёр калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, хоҷагӣ, илму маданият ва ғайраҳо пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омаданд ва бо сохти грамматикӣ ва қонунҳои дохилии забон пурра мувофиқат мекунанд. Бо роҳи калимасозӣ бойшавии таркиби луғавӣ бар хилофи бевосита гирифтани калимаҳо аз дигар забонҳо ҳамеша инкишоф меёбад, чунки вай аҳволи забонро пурра инъикос мекунад.

Тарзҳон калимасозӣ ҳам тадриҷан инкишоф ва такмил меёбанд. Ҳар як намуди калимасозӣ дар марҳилаи худ барои бою пурра шудани таркиби луғавӣ роли калон мебозад. Инкишофу такомули калимасозӣ мувофиқи талаботу қонунияти дохилии забон ба амал меояд. Забон барои пурра ва бо нозукиҳояш ифода намудани фикр ва барои ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи мубодилаи афкор аз ҳамаи воситаҳо истифода мекунад. Чунин талаботи забон барои инкишофи калимасозӣ восита ва омили муҳим мебошад.

Просесси калимасозӣ ва воситаҳои он бо грамматика алоқаи мустаҳкам дорад. Хусусияти калимасозии забон ба хусусияти сохти грамматикии он зич вобаста аст.

Исм ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ тарзҳои гуногуни калимасозӣ дорад:

## КАЛИМАСОЗИИ МОРФОЛОГ/

Калимасозии морфологӣ типи сермаҳсултарин буда, дар навбати худ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешавад:

а) **Бо суффиксҳо сохта шудани исм**. Бо суффиксҳо сохта шудани исм типи сермаҳсултарини калимасозии морфологӣ ба шумор меравад. Чунончи, кор**гар**, чашма**сор**, гулз**ор**, дарав**гар**, даравгар**ӣ**, муаллим**ӣ,** нағз**ӣ** ва ғайра.

б) **Бо префикс сохта шудани исм**. Бо префикс сохта шудани исм типи каммаҳсултарини калимасозии исм ба шумор меравад. Дар забони тоҷикӣ асосан як префикси калимасози –**ҳам** мушоҳида мешавад: **ҳам**роҳ**, ҳам**кор**, ҳам**да**м.**

в) **Бо префикс ва суффикс сохта шудани исм**. Ии тарзи исмсозӣ ба забони адабии тоҷик характернок нест. Ба ин роҳ сохта шудани калимаи ҳамшира ба назар мерасад, ки дар он префикси **ҳам-** ва суффикси ***-а*** бо решаи калима **шир** чунон омехта шуда рафтааст, ки ҳамшира ҳамчун калимаи рехта ба назар мерасад, аммо муайян будани ҳиссаи маънодори вай — **шир** барои таъмин кардани сохти морфологии он имконият медиҳад.

## КАЛИМАСОЗИИ ЛЕКСИК/-СИНТАКСИС/

Дар забони адабии тоҷик ҳамчун калима бе ҳеҷ гуна тағирот истифода шудани таркибу ибораҳо мушоҳида мешавад. Азбаски таркибу ибораҳо ҳамчун воҳиди луғавии забон истифода мешаванд, ба ҳиссаи мустақили нутқ мансубият пайдо мекунанд ва ба он мегузаранд. Чунончи: **мардикор,**

**Шаҳринав, рӯидарича, рӯиҷо** ва ғайраҳо, ки ибораҳои изофӣ мебошанд, ба исм гузаштаанд. Дар боби исм ин тарзи калимасозӣ бемаҳсул аст.

## КАЛИМАСОЗИИ ЛЕКСИК/-СЕМАНТИК/

Ин тарзи калимасозӣ дар забони адабии тоҷик сермаҳсул аст. Дар ин тарзи калимасозӣ ҳодисаи ба маъноҳои гуногун ва мухталиф истифода шудани ҳамон як калима мушоҳида мешавад. Ин ҳодиса ба серманъноии калимаҳо ва дар асоси он пайдо шудани омонимҳо вобаста аст. Чунончи, калимаи **бар** танҳо дар доираи исм ба якчанд маъно истифода мешавад: баҳру **бар** (хушкӣ), **бар** (ҳосил), қаду бари ҷома. Бояд илова кард, ки **бар** ҳамчун феъли фармоиш, пешоянд ва префикс ҳам истифода мешавад.

## СУФФИКСҲОИ ИСМСОЗ

Дар забони адабии тоҷик барои сохтани исм суффиксҳо ба таври фаровон истифода мешаваид.

Суффиксҳои исмсоз вобаста бадарача, мавқеи истеъмолиашон сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд, Ба системаи морфологӣ танҳо суффиксҳои сермаҳсул тааллуқ доранд. Сермаҳсулии суффиксҳо махсусан дар калимасозии воҳидҳои нави забон равшан зоҳир мегардад. Суффиксҳои сермаҳсул на танҳо аз калимаҳои тоҷикӣ, балки аз калимаҳои интернасионалӣ ҳам исмҳои нав месозанд. Суффиксҳои бемаҳсул дар калимаҳое мушоҳида мешаванд, ки дар давраҳои гузашта бештар истеъмол мешуданд, инчунин ба воситаи ин гуна суффиксҳо аз неологизмҳо исм сохта намешавад.

Вазифаи асосӣ ва муҳимми ҳар як суффикс аз он иборат аст, ки вай ба калимаи сохтааш чӣ гуна маъно мебахшад. Суффиксҳо аз ҳамин нуқтаи назар тасниф карда мешаванд, аммо бояд қайд кард, ки бисёр суффиксҳои исмсози забони адабии тоҷик муштаракваэифа мебошанд. Ҳангоми таъин намудани вазифаи вай серманъноӣ, гуногунвазифагӣ ва хусусияти абстрактии вай ба ҳисоб гирифта мешавад.

Характеристикаи морфологии суффиксҳо чунин масъалаҳоро ба миён мегузорад:

1. Суффикс аз кадом ҳиссаҳои нутқ ва аз чӣ хел асосҳо исм сохта метавонад. Вақте ки суффиксҳо аз ин ҷиҳат аз назар гузаронида мешаванд, аз якдигар тафовут доштани онҳо боз ҳам равшантар мегардад. Баъзе суффиксҳо танҳо аз исм исми нав месозанд, дигаре аз сифат ва сеюмӣ аз шумора ё феъл.

Суффиксҳое ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд, вале ин ба маънои исми сохта таъсир нарасонида наметавонад. Агар суффикс аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ танҳо як хел исм (чунончи, исми шахс) созад ҳам, онҳо бо тобишҳои маъноиашон бояд аз ҳам тафовут дошта бошанд. Чунончи, суффикси –**чӣ** аз исми трактор исми шахс — тракторчӣ месозад, ки ин касбу шуғли ӯро далолат мекунад. Ҳамин суффикс аз сифати аъло низ исми шахс **аълочӣ** месозад, ки дар ин ҷо на касбу кор, балки ба сифате молик будани шахсро мефаҳмонад.

Ба маънои исми сохта на танҳо аз ҳиссаҳои гуногунии нутқ сохта шудани он, балки аз калимаҳои гуногунмаъноӣ як ҳиссаи нутқ сохта шуданн исм ҳам таъсир расонда мегавонад. Чунончи, бо суффикси **-зор** исм сохта шудааст**:**

**гулзор** ва **корзор**, ки аз ҳам тафовути калон доранд, яке макону фаровонни асосашро, дигаре ҳарбу зарбро мефаҳмонад.

2. Аз суффиксҳои содда чӣ гуна суффиксҳои мураккаб ба амал меоянд. Чунончи, аз суффиксҳои **-гар** ва **-ги** суффикси мураккабӣ **-гарӣ** ба амал омадааст.

Суффикси **–гонӣ** дар калимаи зиндагонӣ аз суффикси ҷамъбандии -гон ва суффикси калимасози -ӣ ташаккул ёфтааст.

Суффиксҳое, ки бо исмҳо меояд, мувофиқи маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд:

**1) суффиксҳои калимасоз**

**2) суффиксҳои шаклсоз.**

Тафовути ин ду гурӯҳи суффиксҳо аз он иборат аст, ки суффиксҳои калимасоз аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозанд. Исми сохта аз ҷиҳати ифодаи маъно аз асоси худ ба куллӣ фарқ мекунад. Чунончи, исми оҳангар шахс ва машғулияти онро мефаҳмонад, аммо исми оҳан предметро далолат мекунад. Суффиксҳои шаклсоз калимаи нав намесозанд, онҳо танҳо бо як ҳиссаи нутқ меоянд, исмҳои бо ин суффиксҳо омада маънои луғавии худро тағир намедиҳанд, балки ба калимаҳо танҳо тобишҳои маъноӣ бахшида метавонанд. Чунончи, духтар, **духтарча, духтарак**.

Суффиксҳои исмсози забони тоҷикӣ хеле бисёр ва гуно-гунвазифа мебошанд. Ҳар як суффикс мавқеи махсуси истеъмолӣ дорад.

Таснифоти суффиксҳо аз рӯи он гузаронида мешавад, ки онҳо ба исми сохтаашон чӣ гуна маъно медиҳанд. Чунончи, онҳо исмҳои зерин месозанд:

1. **Исмҳои ифодакунандаи шахс.**
2. **Исмҳои ифодакунандаи предметҳо.**
3. **Исмҳои макон.**
4. **Исмҳои абстракт.**

## СУФФИКСҲОЕ, КИ ИСМИ ШАХС МЕСОЗАНД.

Суффикси –**чӣ** аз исмҳо исм месозад, ки онҳо:

а) шахсро аз рӯи касбу ҳунар ифода менамоянд: **карнайчӣ, рубобчӣ. Тракторчӣ, шикорчӣ, подачӣ**, ва ғайра;

б) шахсро аз рӯи ихтисос мефаҳмонанд: **иқтисодчӣ, назариётчӣ, адабиётчӣ.**

в) шахсро вобаста ба тарзи кор ва қобилияташ мефаҳмонанд: **ташкилотчӣ** ва ғайра;

г) шахсро аз рӯи хислату кирдор ва муносибату амалиёташ мефаҳмонанд**: тӯҳматчӣ, воҳимачӣ** ва ғайра;

д) ба таълимоте ва равияе пайрав будани шахсро нишон медиҳанд: **халқчӣ,республикачӣ,шариатчӣ.** Он саллакалони шариатчӣ кӣбуд? (С.*Айнӣ).* Дар калимаи «аълочӣ» ва «дурӯғчӣ», ки ба ҳамин гурӯҳ мансуб аст, суффикси –чӣ аз сифат исм сохтааст.

Хонет сӯзад, дурӯғчӣ! (С. *Улуғзода*).

е) шахсро вобаста ба мавқеи иҷтимоӣ номбар мекунанд: ... хонаҳои хизматчиён ва баъзе коргаронн завод аз мо дуртар, дар поёни токзор воқеъ шуда буд (С. *Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар Қалъаи Хум, дар як шаб се духтар, ду муаллим ва шаш **хизматчии** ташкилотҳоро бе ҳеҷ гуноҳ кушта, ба дарёи Панҷ партофтӣ. (С.*Деҳотӣ*)

з) шахсро аз рӯи машғулият ва ҳолат ифода мекунанд: **маърӯзачӣ**, **ҳашарчӣ, ёрдамчӣ,** миёнчӣ, саёҳатчӣ ва ғайра.Рафиқ Азимов, ҳашарчӣ чӣ лозим, худи мо ҳашарчӣ*(А.* Деҳотӣ, Куллиёт).

**Суффикси -гар.**

Суффикси -гар каммаҳсул мебошад. Аксарияти исмҳое, ки бо ин суффикс сохта шудаанд, ба гурӯҳи калимаҳои таърихӣ дохил шуда истодаанд. **ҳалвогар, шишагар, шамшергар, чармгар, сӯзангар, суратгар, оҳангар, наългар, мисгар, мехгар, кулолгар, оинагар** ва ғайра. Баъд ба оҳангар шогирд шудам..*(Ҷ. Икромӣ,* Духтари оташ). ... сангҳое, ки ӯ мефурӯхт, ҳамагӣ арзонбаҳо ва оддӣ буданд, ки заргарҳо ё мисгарҳо харида, ба нигинакориҳои зарфҳо кор мефармуданд (С.Айнӣ, Куллиёт)

а) Ин гуна исмҳо аз сифати феълӣ низ бо суффикси -гар сохта мешаванд: рехтагар, шустагар;

б) шахсро аз рӯи мавқеи иҷтимоӣ ва мансубият ба ин ё он муассиса мефаҳмонад**: савдогар, коргар, барзгар, тавонгар**..

в) шахсро аз рӯи хислату кирдораш нишон медиҳад: **яғмогар, ошӯбгар**, размоар, имдодгар ва ғайра;

г) шахсро вобаста ба амалиёт, машғулият ва ҳаракаташ нишон медиҳад: тарбиятгар, созишгар, маслиҳатгар, даъвогар, варзишгар.

**Сиффикси -гор.**

Суффикси -гор каммаҳсул мебошад. Ба воситаи суффикси **-гор** аз исму асосҳои фаъл исмҳои ифодакунандаи шахс сохта мешавад:

а) Бо суффикси -гор аз исм исми нав сохта мешавад, ки вай шахсро аз рӯи амалиёту машғулияташ далолат мекунад: хизматгор, мадад**гор**. Ман дар аввалҳои соли таҳсили 1891—1892 (дар охирҳои моҳи сентябр) ана ба ҳамин ҳавлӣ хизмат**гор** шуда даромадам *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

б) Аз асоси замони ҳозираи феъл бо суффикси -гор исме сохта мешавад, ки шахсро аз рӯи ихтисосу машғулият ифода менамояд:

Шеъре ба номи некат, омӯз**гор**, дорам,
Дар анҷуман ба дастат чун тӯҳфае супорам.

*(Боқӣ Раҳимзода,* Муаллим).

Не,— гуфт боз махдум,— шумо талаб кардаед, талаб**гор** аввал сар мекунад *(*С.Айнӣ, Куллиёт). Аммо; модом ки ҷаноби Қорӣ харидор шуда омадаанд, дар байни харидор ва фурӯшгор вазифаи арбобиро шумо ба ҷо оварда, кори моро сабук кардаед *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

**Сиффикси -бон.**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ду хусусияти «бон» мушоҳида мешавад: дар баъзе калимаҳо вай маънои луғавии худро барҳам дода, ба категорияи морфемаҳои калимасоз гузаштааст. Чунончи, ба категорияи калимасоз гузаштани -бон дар калимаҳои мизбон, нигаҳ**бон**, бод**бон** ва союбон

равшан зоҳир мегардад. Дар баъзе калимаҳои дигар -бон маънои луғавии худро то андозае суст карда, дар просесси гузариш ба морфема мебошад. Хусусияти гузариши вайро ба инобат гирифта, дар қатори морфемаҳо додани вай муносиб дониста шуд.

а) Суффикси -бон аз исмҳо исми нав месозад; шахсро аз рӯи касбу кор ва машғулияташ ифода мекунад, ки он аз асоси калима муайян мегардад: боғбон, галабон, осиёбон, посбон, саройбон, дарбон ва ғайра.

б) Исмҳо бо суффикси -бон чигунагии шахс ва муносибати уро ба каси дигар мефаҳмонанд:Ман мехоҳам акнун дар бораи кӣ будан ва чӣ будани пуштибони амир, ки ба воситаи ӯ ва баъзан бевосита пуштибони ҳамаи аркони давлати амир аст, ду-се калима гап занам *(С.*Айнӣ, Ёддоштҳо).

в) Бо суффикси **-бон** аз асоси замони гузаштаи феъл сохта мешавад, ки шахсро аз рӯи амал ифода мекунад: Рав, Маҳкам дар ҷои Сафар дидбон шудааст (С. *Улуғзода*).

г) Суффикси **-бон** бо исмҳо омада номи чиз низ месозад! соябон, бодбон.

**Суффикси -ор.**

Ин суффикс каммаҳсул аст. Вай аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл исм месозад, ки шахсро аз рӯи касбу кор мефаҳмонад: харидор, парастор ва ғайра.

Дар ин миён ба вазифаи мардикор ба сифати харидор Махдуми ҳазорагӣ пайдо шуд..(С. *Айнӣ,* Куллиёт).

Исмҳои маънии гуфтор, сӯхтор, куштор низ аз асоси замони гузаштаи феъл бо суффикси -ор сохта шудаанд.

**Суффикси -во (вой).**

Ин суффикс бемаҳсул аст. Ба воситаи ин суффикс аз исм исми наве сохта мешавад, ки шахсро мувофики касбу ҳунараш номбар мекунад: ба ягон самоворчӣ, нон**вой** ё ошпаз об кашонда медодам... *(С. Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо)

**Суффикси -андар.**

Суффикси **-андар** бо исмҳои ифодакунандан шахс омада, исми нав месозад, ки он бо шахси дар асоси калима номбаршуда дар кадом муносибат буданро мефаҳмонад: модар**андар**, падар**андар**.

**Суффикси -ур.**

Ин суффикс бемаҳсул мебошад, бо исм омада, шахсро аз руи ҳолату вазъият мефаҳмонад: муздур, ганҷур.

**Суффикси -вар.**

Ин суффикс бо исмҳо омада, касбу вазъият ва ба чизе молик будани шахсро мефаҳмонад: сарвар, шиновар

**Суффикси -ак**

Суффикси -ак сермаҳсул аст, ба воситаи вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм сохта мешавад.

1. Бо исм омада исми нав месозад, ки:

а) предметро ба таври умумӣ ифода мекунад: намак, мардумак.

б) предметро ба предмети асоси калима монанд мекунад айнак, гавҳарак, забонак, дастак, гўшак, сўзанак...

г) Аз исми абстракт номи беморӣ сохтааст: Хоришак

д) Аз исму сифат номи ҳашароту ҷонварон месозад: кирмак, харак, хомўшак.

е) Аз калимаҳои тақлидӣ исмҳои гуногун месозад:қарсак, ҳуштак. чирчирак.

**Суффикси -ча.**

Дар калимасозии суффикси -ча ду ҳолат мушоҳида мешавад.

1) Дар аввал ҳамчун морфемаи шаклсоз ба калима васл шуда бошад ҳам, рафта-рафта маънои хурдии калима барҳам хўрда ва ё хеле суст шуда, калима маънои нав гирифта, аз асоси худ дур шудааст: **олуча, мўрча, ҳиссача, токча, остинча, думча ва ғайра.**

2) Ин суффикс аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад:

а) Аз исм исми нав месозад, ки муносибати таъинотӣ дорад: бўғча, бозича.

б) Ба воситаи суффикси -ча аз исми амалу ҳолат исми конкрет сохта мешавад, ки вай натиҷаи ҳамон амалро ифода менамояд: **гармича.**

в) Суффикси -ча аз сифат исм месозад, ки предметро аз рўи аломаташ нишон медиҳад: **алоча, сурхча**.

**Суффикси -/.**

Суффикси **-ӣ се**рмаҳсул мебошад. Вай бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада исм месозад.

1. Аз исм исми нав месозад, ки таъинот ва нисбату мансубиятро мефаҳмонад: шоҳӣ,сўзанӣ, қаламӣ, тақсимӣ, сарӣ.

2. Аз сифат исм месозад, ки предметро аз рўю аломаташ ифода менамояд: сабзӣ, сиёҳӣ, сафедӣ, равшанӣ, кабудӣ. Аз сари ин ҳама **кабудӣ** ва сояву салқин гармии тобистон ҳам он қадар маълум намегардад *(С.Улугзода,* Субҳи ҷавонии мо). Онҳо бо ангуштони худ аз косаҳо сабзӣ ва шалғами калон-калон пора кардашударо гирифта ба даҳон меандохтанд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

**Суффикси -гоҳ.**

Суффикси -гоҳ аз исмҳо исми нав месозад, ки предметро мефаҳмонад: Даст**гоҳ**

**Суффикси -ок.**

Ин суффикс бемаҳсул мебошад. Ба воситаи он на танҳо аз калимаҳон нав исм сохта намешавад, балки доираи истеъмолаш басо маҳдуд буда, танҳо бо якчанд калимаи маълум меояду бас. Чунончи, суффикси **-ок** аз асоси замонн ҳозираи феъл исм сохтааст: Аз падараш ғайр аз **хўрок** ва **пўшок** чизи дигареро надидааст *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

## СУФФИКСҲОЕ, КИ ИСМИ МАКОН МЕСОЗАД.

Дар забони адабии тоҷик як гурўҳ суффиксҳо ҳастанд, ки барои сохтанн исмҳои макон хизмат мекунанд:

**Суффикси -гоҳ.**

Суффикси -гоҳ аслан калимаи мустақилмаъно буда, дар просесси инкишофи ифодакунандаи макон танҳо дар таркиби калима меояд. Вай ҳам

мисли калимаи ҷой (ҷо) маконро ба таври умумӣ нишон медодааст, ки ин ба суффиксшавии он имконият додааст. Ҳоло дар бисёр мавридҳо дар таркиби калимаҳо -гоҳ ва ҷо истеъмол меёбанд: **идгоҳ— идҷо, подагоҳ — подаҷо, хобгоҳ — хобҷой, бозоргоҳ — бозорҷой** ва ғайра.Суффикси -гоҳ дар исмсозӣ яке аз суффиксҳои сермаҳсул ба шумор меравад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исми макон месозад.

**1. Аз исмҳои гуногун:**

а) Аз исмҳои конкрет. Ба воситаи суффикси -гоҳ на аз ҳамаи исимҳои конкрет, балки танҳо аз онҳое исми макон сохта мешавад, ки семантикаашон мувофиқ аст. Чунончи, бозоргоҳ, бандаргоҳ, гулӯгоҳ, хобгоҳ, камаргоҳ, киштгоҳ, камингоҳ, лангаргоҳ, лашкаргоҳ, нахчиргоҳ, нишонгоҳ, пойгоҳӣ пойгаҳ, сайдгоҳ, ўрдугоҳ ва ғайра.

Азбаски суффикси -гоҳ исми макон месозад, одатан бо исмн макон намеояд. Аммо бо калимаи «манзил» ва «бозор», ки маконро мефаҳмонанд, омадани -гоҳ мушоҳида мешавад: Он ҷо манзилгоҳи як чӯпон будааст *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Мо ба бозоргоҳ рафтем *(С.* Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо).

Бо ин калимаҳо омадани суффикси -гоҳ дар адабиёти классикӣ низ мушоҳида мешавад.

б) Аз исми абстракт.

Исмҳои абстракт амалу ҳолатҳои гуногунро ифода менамоянд, суффикси **-гоҳ** бо онҳо омада исме месозад, ки макони амалу ҳолат ва машғулиятро мефаҳмонад: Чунончи ҷилвагоҳ, ҷанггоҳ, ҷавлонгоҳ, қатлгоҳ: Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо ёрии суффиксҳои калимасоз аз феъл исми амал сохтан басо характернок аст. Исмҳои амале, ки суффикси **-гоҳ** қабул намуда, ба исми макон мегузаранд, асосан аз асоси замони хозираи феъл бо суффикси -иш сохта мешаванд. Ин гуна исмҳо макони машғулият, амалиёт, мавзеъ ва ҷои истиқомату муассисаҳои гуногунро далолат мекунанд. Чунончи: Омӯзишгоҳ (омӯз+иш + гоҳ), донишгоҳ(дон + иш + гоҳ), резишгоҳ, ситоишгоҳ, намоишгоҳ, бошишгоҳ, гардишгоҳ, парастишгоҳ, буришгоҳ ва ғайра.

2. **Аз сифат.** Суффикси -гоҳ аз сифатҳо низ исми макон месозад, ки хусусияти таъинотӣ дорад, вале дар ин вазифа вай бемаҳсул буда, танҳо бо ду-се калима меояд; оромгоҳ, амонгоҳ, хилватгоҳ. Муаллиф чунин сатрҳои дар девори он оромгоҳ қайдшударо меовард *(«*Маориф ва маданият*»).*

3. **Аз феъл**. Суффикси -гоҳ ҳам аз асоси замони ҳозира ва ҳам аз асоси замони гузаштаи феъл исми макone месозад, ки ҷой ва роҳи ҳаракатро мефаҳмонад|

а) аз асоси замони ҳозираи феъл: истгоҳ, гурезгоҳ, гузаргоҳ;

б) аз асоси замони гузаштаи феъл: нишастгоҳ, даромадгоҳ, баромадгоҳ, фаромадгоҳ, зодгоҳ.

## Суффикси -а.

Ба воситаи суффикси -а аз сифат ва исм исми макон сохта мешавад: хароба, пушта.

## Суффикси -но.

Суффикси -но бемаҳсул буда, аз сифат исми макон месозад, ки хусусияти нисбӣ дорад: тангно:

**Суффикси -зор.**

Суффикси -зор сермаҳсул мебошад. Ин суффикс бо исм ома-да макону фаровониро мефаҳмонад. Суффикси -зор асосан бо исмҳои ифодакунандаи растанию набобот меояд: тутзор, токзор, себзор, саксавулзор ва ғ.Баъд аз он ҳар тарафи даштҳо, кӯлҳо, найзорҳо ва пахтазорҳоро аз як сар кофтуков кардааст *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Дар он тараф аз дур дарахтз**о**ре намудор буд ва он дарахт**зор**ро аз токзори завод як девори бисёр дарозе, ки охираш дар даруни чакалакз**ор** гум шуда мерафт, ҷудо мекард*(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

**Суффикси -зор** инчунин бо исмҳое меояд, ки онҳо растанню набототро намефаҳмонанд, балки предметҳои гуногун буда, шумурданашавандаанд ва ё шумурданашон аз имкон дур аст. Дар ин гуна калимаҳо ҳам суффикси -**зор** ба макон ва фаровонии асоси худ далолат мекунад. Миқдори ин гуна калимаҳо зиёд нест. Чунончи: регзор, ситоразор, сайёразор.

**Суффикси -истон | -стон.**

Суффикси -истон бо исмҳон ифодакунандаи халқу миллат омада, номҳои географӣ месозад: Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Гурҷистон, Ҳиндустон ва монанди инҳо.

Ин суффикс бо исмҳои гуногуни конкрет омада, макон ва фаровонии предметро ифода менамояд. Агар суффикси **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи набототу растаниҳо ва калимаи регу санг ояд, бо суффикси-зор ҳамвазифа мешавад: гулистон, найистон, сарвистон, боғистон, регистон, сангистон ва ғайра.

Суффикси **-истон** бо предметҳои конкрети дигар низ истифода мешавад ва дар ин ҷо ҳам **-истон** макону фаровонии предмети асосашро далолат мекунад: кӯҳистон, қабристон, ғористон, гӯристон, лаълистон, мазористон.

Суффикси -истон бо исмҳои ифодакунандаи шахс низ омада метавонад: бемористон, Юсуфистон.

Юсуф**истон** кард рӯят кулбаи эҳзони ман!*(А. Деҳотӣ,)*

Исмҳои замон: баҳор ва шаб исмҳои ягона бошанд ҳам, суффикси -истон қабул менамояд: баҳористон, шабистон.

**Суффикси -сор.**

Суффикси -сор каммаҳсул мебошад, вай танҳо бу ду-се калима омада, макон ва фаровонии онҳоро мефаҳмонад: кӯҳсор, чашмасор, шохсор.

**Суффикси -лох.**

Суффикси -лох бемаҳсул буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо бо ду калима санг ва пӯст меояду макон ва фаровонии онҳоро нишон медиҳад: санглоҳ пӯстлох.

**Суффикси -бор.**

Суффикси -бор бемаҳсул буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик танҳо бо калимаи ҷӯй омада, макону фаровониро ифода мекунад: ҷӯйбор

**Суффикси -ина.**

Суффикси -ина низ бемаҳсул буда, танҳо дар сохтани калимаи ганҷ**ина** мушоҳида шуд, ки макону фаровонин асосашро мефаҳмонад: Дар бештарини

ганҷинаҳо ва миёнбастҳои ҳуҷраҳои вай хумҳои шароби мавизӣ ҷӯшида меистод *(С.Айнӣ,К*уллиёт).

Дари ганҷина имшаб нағз во шуд,

Намедонам ба фикри ту чиҳо шуд... *(М.Турсунзода*)

**Суффикси -дон**

Суффикси -дон сермаҳсул мебошад. Вай исмҳои конкрети макон ва зарфият месозад. Муносибати асос бо калимаи сохта дар он зоҳир мешавад, ки исми нав барои предмети дар асос номбурда ҳамчун зарф ва ё анбори хонае хизмат мекунад: хокистардон, сиёҳидон, қаламдон, китобдон, нондон, намакдон, алавдон, шамъдон, тухмдон, коҳдон, лойдон ва ғайра.

**СУФФИКСҲОЕ, КИ ИСМИ АБСТРАКТ МЕСОЗАНД.**

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик барои сохтанн исмҳои абстракт суффиксҳои зерин истифода мешаванд:

**Суффикси -/.**

Суффикси-**ӣ** дар сохтани исмҳои абстракт суффикси сермаҳсултарин ба шумор меравад. Ба воситаи вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва неологизмҳо исмҳои абстракт сохта мешавад..

**1. Аз сифат**. Сифатҳо барои ба амал омадани исмҳои абстракт заминаи асосӣ ба шумор мераваид. Ба воситаи суффикси -ӣ аз сифатҳои содда, сохта ва мураккаб исми абстракт сохта мешавад, ки онҳо аломат, хосият ва ҳолатро хамчун предмет номбар мекунанд: Як одами сафедчеҳраи чашму абрӯсиёҳи кулӯтариши хушқадубаст буд, ки бо зебоии ҳайкали ӯ одам кам дида мешуд *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Саводнокии бародарамро дида, эҳтироми ман ба вай зиёдтар мешуд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Писанд омад ӯро қаландарвашӣ,

Шабу рӯз машғули айшу хушӣ... *(С.Айнӣ,* Куллиёт)

**2. Аз исм**. Аз гурӯҳи муайяни исм бо суффикси **-ӣ** исми абстракт сохтан мумкин аст:

а) Аз исмҳое, ки шахсро аз рӯи касбу кор, ихтисос ва машғулияташон мефаҳмонанд, ба воситаи суффикси -ӣ исмҳои абстракт сохта мешавад, ки онҳо касбу кор, ихтисос ва машғулиятро ба таври умумӣ, ҷудо аз шахс ифода менамоянд. Асоси ин гуна исмҳо дар шакли содда, сохта ва мураккаб омада метавонад. Мисол: деҳқонӣ, косибӣ, шофёрӣ, инҷенерӣ, савдогарӣ, коргарӣ, кирмакпарварӣ, боғдорӣ ва ғайра.

б) Аз исмҳое исми абстракт сохта мешавад, ки онҳо муноснбати гуногунро мефаҳмонанд. Дар исмҳои абстракт на предмет, балки ҳамон муносибат ба таври умумӣ ифода карда мешавад: бародарӣ, модарӣ, падарӣ, хоҳарӣ, дӯстӣ, душманӣ.

Аз исмҳое, ки синну сол ва калонию хурдӣ ва ё ягон давраи зиндагиро ифода мекунанд, бо суффикси -ӣ исми абстракт сохта мешавад. Баъзеи онҳо аслан сифат буда, ба исм гузаштаанд: кӯдакӣ, ҷавонӣ, пирӣ, арӯсӣ, келинчакӣ, бӯзбалагӣ.

**Суффикси -гӣ**

Суффикси –гӣ варианти суффикси -ӯ мебошад:

Дар баробари мардонагию диловарии онҳо густохии ман ҳеҷ аст (С.*Улуғзода,* Песаҳо). Дар ин айём яке аз амакҳои модарам мурд ва занаш, ки камтар саводе дошт, барои муаллимагии ман муносиб афтод *(Ҳ.Ирфон,* Дар кулбаи косибон).

Исмҳои абстракт, ки аз сифатҳои феълӣ ва сифатҳои феълии исмшуда сохта шудаанд, ҳолат ва машғулиятро номбар мекунанд: кӯфтагӣ, дилшикастагӣ, ресандагӣ, даррандагӣ, нависандагӣ, ронандагӣ ва ғайра. Пас аз кӯфтагӣ, хунукӣ ва гуруснагии роҳ он хоначаи пасти сиёҳ ва пурдуд ба мо дорулроҳати ҳақиқӣ намуд *(С.Улуғзода,* Субҳн ҷавонии мо).

### Суффикси –гарӣ.

Суффикси –гарӣ сермаҳсул буда, асосан барои сохтани исм-ҳои абстракт хизмат мекунад. Бо суффикси –гарӣ хосияти доимӣ ва давомнокию такроршавии амалу ҳолат низ ифода меёбад:

**Одамгарӣ, сахтигарӣ, софигарӣ, сипоҳигарӣ, навигарӣ, мардигарӣ, калонигарӣ, истодагарӣ, зӯригарӣ, босмачигарӣ, боигарӣ, ваҳшигарӣ, боронгарӣ ва ғайра.**

Баъзе калимаҳо аввал суффикси -ӣ ва баъд суффикси –гарӣ кабул менамоянд: мард-мардӣ-мардигарӣ, зӯр-зӯрӣ-зӯригарӣ. Аммо баъзе исму сифатҳо бе суффикси -ӯ ҳам суффикси –гарӣ-ро қабул карда метавонанд: одамгарӣ—одамигарӣ—калонгарӣ—калонигарӣ. Қайд кардан лозим аст, ки суффикси –гарӣ мансуби нутқи гуфтугӯ буда, дар забони адабии хозираи тоҷик фаровон истеъмол меёбад. Вай аз суффиксҳои -ӣ (-гӣ) тафовут дошта бошад ҳам, баъзан ҳамвазифагиашон мушоҳида мешавад: Босмачигӣ сар шуда буд... *(С.Айнӣ,* Ғуломон).— Дина шаб аз сари хирман гашта омада ба ҷогаҳ даромадам ва дар ҳамин вақт ба хотирам расид, ки дар замони босмачигарӣ он ҷо кӯрхонаи босмачиҳо буд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

## СУФФИКСҲОИ ШАКЛСОЗИ ИСМ.

### Суффикси -ча.

Суффикси **-ча** бо исмҳои конкрет омада хурдии онҳоро далолат мекунад:

Мӯйсафед ба сари оташдон рафта, аз як дегча ба деги дигар бо обгардонча шарбат гузаронида меистод ва бо белчаи кафгирмонанди сафед кардашуда даруни дегчаҳоро мекофт *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Баъзан хурдии исм бо тобиши навозиш ва ё таҳқиру нописандӣ омехта мешавад. Дар калимаҳои духтарча ва писарча тобиши навозиш аксар бо хурдӣ омехта ифода меёбад.

Суффикси -ча барои ифодаи хурдию навозиш бо исмҳои ғайришахсӣ низ меояд: Онҳо аспҳошонро чорхез гардонданд, самандча бошад, бо ҳамаи йӯрғаи ҳамвораш роҳ мепаймуд («Садои Шарқ»).

Дар исмҳое, ки калону хурдии онҳоро таъин кардан мумкин нест, суффикси -ча камии онҳоро мефаҳмонад, ки болидахотирӣ ва хушҳолиро низ далолат мекунанд: Амон дар хона шӯрбоча пухтааст *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

Суффикси -ча бо исмҳои хос низ меояд. Дар исмҳои хос ин суффикс хурдии шахсро аз рӯи пайкараш мефаҳмонад ва дар айни замон як навъ пастзанӣ ва тамасхурро ҳам ифода мекунад.

### Суффикси -ича.

Суффикси -ича варианти суффикси -ча буда, бемаҳсул аст, вай бо як-ду исми конкрети ғайришахс омада, хурдии асосашонро ифода мепамояд: дарича, буз**ича**. Асо дар**ича**и мобайни ҳавлии ҳамсояро пӯшиду ба сӯи хона кадам монд *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

## ПРЕФИКСИ ИСМСОЗ

Бо префикс сохта шуданн исм ба забони тоҷикӣ характернок нест. Дар забони адабин тоҷик дар исмсозӣ асосан як префикс — **ҳам** дида мешавад Префикси ҳам- бо исмҳо омада ҳамроҳ ва алоқаи тарафайни шахсҳо ва предметҳоро мефаҳмонад: **ҳамроҳ, ҳамсоя**, **ҳамҷинс, ҳамхона** ва ғайра:Инро шунида, оҳиста-оҳиста ба хонаи ҳамсоя гузаштам *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Бегоҳии хамон рӯз дар хонаи Ғуломалии адрасбоф ҳашт нафар ҳампеша ва ҳамкасабаҳои вай ҷамъ шуда, чой нӯшида, чилим кашида менишастанд *(Ҷ.Икромӣ).*

Дар калимаҳои ҳамнишин ва ҳамнишаст префикси **ҳам-** аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл исми ифодакунандан шахс сохтааст.

### *Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:*

1.Исмҳо мувофиқи таркиби морфологиашон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
2.Калимасозии исмҳо асосан бо кадом роҳҳо ба миён меояд?
3.Пасвандҳои сермаҳсул кадомҳоянд?
4.Ягона пешванде, ки исм месозад чӣ гуна пешванд аст?

### Адабиётҳо:

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2.Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. - Душанбе, Дониш, 1985.
**3.** Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
4.Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
5. Исм. – Душанбе, Ирфон, 1977.
6. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забонҳои адабии ҳозираи точик. - Душанбе, Маориф, 1972.

### *Маърӯзаи 5*
### *СИФАТ ХАМЧУН ҲИССАИ МУСТАКИЛИ НУТҚ*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## СИФАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ОН

Сифат ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, аломат, хосият ва чигунагии предметро ифода мекунад. Сифат ҳамчун ҳиссан нутқ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

1) Сифат аз ҷиҳати маъно аломати предметро мефаҳмонад. Аз ин ҷиҳат вай ба саволҳои **чӣ гуна?, чӣ хел**? ҷавоб мешавад.

2) Ҷамъбандӣ ба сифат хос нест. Бинобар ин дар ибораи изофии тавсифӣ исм хоҳ дар шакли танҳо ояд, хоҳ дар шакли ҷамъ, дар шумораи танҳо мондан мегирад: манзараи зебо— манзараҳои зебо, абри сафед— абрҳои сафед.

3) Сифат дараҷа дорад, нишонаи морфологии он суффиксҳои — **тар,-тари**н мебошад.

4) Сифат аффиксҳои махсуси калимасоз дорад. Дар калимасозии сифат суффиксҳо ва префиксҳо қариб баробар истифода мешаванд. Баъзе сифатҳо бо ду воситаи грамматикӣ: ҳам бо префиксу ҳам бо суффикс сохта мешаванд: Айёми бачагии **томактабиам** тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст (С.*Айнӣ, Ёд*. ҷ.1).

5) Аз ҷиҳати синтаксисӣ сифат дар ҷумла пеш аз ҳама муайянкунанда шуда меояд

Сифат дар ҷумла инчунин ба вазифаи хабар ва ҳиссаи номии он омада метавонад: Аммо Ҳабиба аз духтари хатиб **донотар, гапзанотар, дар китобхонӣ устотар буд** (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо, ҷ.1).

Сифатҳо ба вазифаи ҳоли тарзи амал низ меоянд: Мо ҳам нағзтар, бароҳаттар ва серу пурратар зиндагӣ кардан мехоҳем *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Мо тобистону зимистон, дар барфу борон, дар офтоби сӯзон гурусна ва ташна, сару побараҳна дар чӯлу биёбон аз паси гӯсфандон мегардем (С.*Айнӣ,* Ғулмон).

## ХЕЛҲОИ СИФАТ

Сифат аз ҷиҳати маъно ва вазифаи грамматикиаш ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: аслӣ ва нисбӣ. Ин ду гурӯҳ бо баъзе аломатҳояшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

## КАЛИМАСОЗ/ ДАР СИФАТ

Сифат дар забони адабии ҳозираи тоҷик чунин роҳу воситаҳои калимасозӣ дорад:

1. Ба воситаи аффиксҳо, ки дар навбати худ се хел мешаванд:

а) бо суффиксҳо,

б) бо префиксҳо,

в) бо суффиксу префиксҳо.

2. Бо роҳи васлшавии калимаҳо.
3. Ба воситаи калимаҳои таркибӣ.

Баъзе аз ҳиссаҳои нутқ ҳамчун исм, сифати феълӣ, асоси замони ҳозираи феъл дар ҷумла мафҳуми аломату хусусияти предметро пайдо карда ба сифат гузашта метавонанд: **Соати тилло, деги мис, фазои кушод, аспи бидав, рӯймоли шоҳӣ, одами шинос, офтоби тобон,ҳайвони дарранда,гови зананда,оби равон ва ғ.**

Сифатҳои феълӣ бо суффиксӣ -о асосан ба гурӯҳи сифатҳо гузаштаанд: **шамшери бурро, дасти тавоно, дидаи бино, хати хоно.**

## БО АФФИКСҲО СОХТА ШУДАНИ СИФАТ

а) **Ба воситаи суффиксҳо**

Суффиксҳои сифатсоз аз ҷиҳати калимасозӣ ва дараҷаи истеъмолиашон се хел мешаванд: сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул.

Суффиксҳое, ки қариб ба ҳар гуна калима ҳамроҳ шуда, сифатҳои нав ба нав месозанд, суффиксҳои сермаҳсул номида мешаванд: **-й, -гӣ, -она, -гона, -нок.**

Суффиксҳое, ки ба калимаҳои ҷудогона ҳамроҳ шуда, дар сохтани сифатҳои нав маҳдуданд, суффиксҳои каммаҳсул ном доранд: **-онӣ, -ак, -гун, -ин, -гин...**

Сиффикси **-ӣ (-гӣ, -вӣ).** Ин суффикс сермаҳсултарин суффикси сифатсоз мебошад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳо месозад. Сифатҳое, ки бо ин суффикс сохта мешаванд, асосан сифатҳои нисбӣ буда, аз ҷиҳати ифодаи маъно хеле гуногун мебошанд. Онҳо аломату хусусиятро нисбат ба шахсҳо, предметҳо ва амалу ҳодисаҳо мефаҳмонанд: либоси аскарӣ мӯзаи солдатӣ, кори деҳқонӣ, кори тарбиявӣ, ҷои зарурӣ, ҳусни табий, ҷомаи корӣ, бози шикорӣ.

Суффикси -ӣ ба маънои хосу мансуб будан ба шахс ё предмет сифат месозад: Бачагони онҳо либосҳои сурху сафеди идӣ пӯшида буданд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Суффикси -ӣ сифатҳое месозад, ки таъинотро ифода мекунанд: Институти педагогӣ, омӯзишгоҳи тиббӣ, флоти баҳрӣ, флоти ҳавоӣ...

Суффикси -ӣ (гӣ) сифатҳое месозад, ки аломати предметро аз ҷиҳати нисбат доштани он ба макон мефаҳмонанд- **ҳайвони хонагӣ, мурғи даштӣ, биноҳои европоӣ, тоқии чусти, олуи ҳиротӣ.**

Қудрат дар пешгоҳ нишаста, ҳайвоноти ҳонагии деҳқонҳоро ба ҳисоб мегирифт *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Онҳо дар сар тоқиҳои ҳисорӣ, дар тан ҷомаҳои пахтанок доштанд *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Суффикси **-ӣ** снфатҳое месозад, ки ба олат ва аслиҳае нисбат дода шудаанд: меҳнати дастӣ, осиёи обӣ, ҳунари дастӣ. Назар ба нақли падарам, Саидмуродхоҷа, падари ӯ одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ... дуредгариро хуб медонистааст (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Суффикси -ӣ сифатҳои нисбие месозад, ки аз кадом материал сохта шудани предметро мефаҳмонанд: Ба сари инҳо телпаки мӯйрафтаи гӯсфандӣ, ба барашон ҷомаи серпахтаи кӯтоҳи ресмонӣ, миёнашон бо чилбур аз рӯй баста ва ба пояшон мӯзаи булғории пошнабаланд буд (С.*Айнӣ,* Ғуломон).

Суффикси **-ӣ (гӣ)** сифати нисбие месозад, ки он монандӣ, ранг ва аломати зоҳириро мефаҳмонад: Нурҳои найзагӣ, осмони лоҷувардӣ, абрҳои хокистарӣ, чашмони маймунӣ. Офтоб, ки акнун ба қадри найза бардошта шуда буд, нурҳои нуқрагии худашро ба биёбони васеи пурбарф паҳн мекард (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Чашмонаш калони гӯсфандӣ, пешонааш кушоди беоҷинг буд (С.*Улуғзода,* Навобод).

**Суффикси -ӣ** бо калимаҳои тасвирӣ ва тақлидн овозӣ омада, сифати аслӣ меeозад: овози пичирросӣ, мӯзаҳои ялтосӣ, овози ҷарангосӣ, фарёди чирросӣ. Духтари коматбаланди ба назар 17-18-сола ба пеши сафи мо омада, бо овози баланди ҷарангосии худ хитоб кард (С.*Улуғзода,* Субхи ҷавонии мо).

**Суффикси -она (-гона, -вона, -ёна).** Суффиксн -она сермаҳсул аст. Ин суффикс бо исми ифодакунандаи шахс ва бо исмҳои ҷондори дигар омада, аломати предметро нисбат ба амал мефаҳмонад: Насиҳати падарона, лутфи модарона, саломи дӯстона, суханони бародарона, маслиҳати рафиқона.

Ин аст насиҳати падаронаи мо ба ту. (С.*Айнӣ,* Ас. мунт).

Суффикси она (-гона) бо исмҳои ифодакунандаи ҷинсияти табии ва сиину соли шахсҳо омада, таъинотро мефаҳмонад: Мактаби духтарона, гиряи занона, завқи кудакона, либоси мардона. Духтар ба худ осори мондагӣ намедид, бо ҳисси духтаронаи худ пай бурд, ки мақсади ин ҷавон бо ин сухан танҳо гап кунондан аст (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Аммо дар Бухоро мактабҳои духтаракона кам набуданд *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Як пирамарди тахминан ҳаштодсола ба гиряи занонаи падари Гулнор хандаи тамасхӯромезе кард (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Ин суффикс бо исмҳои замон омада, мансубият ба замонро мефаҳмонад: **мактаби шабона, либоси зимистона, сменаи рӯзона.**

Суффикси **-она (-гона)** бо шумора омада, низ сифат месозад: Устоди ягона, иттифоқи сегона.

Суффикси **-нок** бо исмҳо омада, сифати аслие месозад, ки ба аломати асосин калима соҳиб буданро мефаҳмонад: суханҳои ҳикматнок, дасти қудратнок, ҳикояҳои ғамнок, одами саводнок, эълони тантананок, одами шубҳанок, сабзаи намнок. Дар ҳуҷраҳои поини тарафи шимолиаш дар рӯзи равшани офтобнок ҳам чизеро дидан ва хондан мумкин набуд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Назар ба нақли падарам, Саидмуродхоҷа, падари ӯ одами хату саводнок буда аз хунарҳои дастӣ... дуредгариро хуб медонистааст (С.*Айнӣ,* ёддоштҳо).

**Суффикси -манд** аз исмҳо сифати аслие месозад, ки ба аломат ва хислате доро будани предметро мефаҳмонад: халқи зафарманд, одами адолатманд, ҷавонони саодатманд, одами давлатманд, меҳмони иззатманд. Ба ман аз бачагон дида, баррагон ва бузғолагони навзод ҳунармандтар намуданд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Устоамак мехост, писари хурди худ Икромхоҷаро устоди ҳунарманд кунад (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

**Суффикси-ин (-гин)** нисбатан каммаҳсул буда, сифати нисбӣ месозад: косаи чӯбин, хуми мисин, девори сангин, хумчаи сафолин, сандуқи чӯбин, кати оҳанин.

**Суффикси -ин (-гин**) бо исмҳо омада сифатҳоеро месозад, ки аз кадом материал сохта шудани предметро мефаҳмонанд: Падарам дар вақти истиқомат карданаш дар мадрасаҳои Бухоро барои равғандон кардан хумчаи сафолине харида будааст (С.*Айнӣ,* ёддоштҳо).

**Суффикси -ин** аз зарфҳои замон сифатҳое месозад, ки ба замон нисбат дода шудани аломатро мефаҳмонанд: сухани охи-рин, меҳри дерин, вазъияти аввалин...

Эй ёри азизу ҷони **ширин,**
Э дилбари меҳрубони **дерин...**
*(А. Лоҳутӣ).*

**Суффикси -ина** каммаҳсул аст. Бо исм ва сифат омада сифатҳое месозад, ки аз кадом материал сохта шуданро мефаҳмонанд ва ба аломате соҳиб буданро ифода мекунанд: ҷавони сабзина, одами қоқина, бачаи зардина.

Ин зани тахминан биступанҷсола, ки сарбанди **мӯинаи** ғафсро аз гулӯяш гузаронда баста, куртаи юрмадӯзии украинӣ дар тан дошт, хеле соҳибҷамол буд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

**Суффикси -ина** бо сифат ва зарф омада аломати предметро нисбат ба замон мефаҳмонад: хӯроки фардоина, дӯсти дерина. Шумо ҳам саломат бошед, ки қадрдонҳои дерина ва хешовандони аз хотир фаромӯшгардидаро суроғ карда омадед,-гуфт Қулмурод (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

**Суффикси -гар** каммаҳсул буда, бо исм ва гоҳо ба асоси замони ҳозираи феъл омада, ба аломате, хислате ё кирдоре соҳиб буданро мефаҳмонад: одами иғвогар, чашми афсунгар, одами ҳилагар, синфи тавонгар, фиребгар. Насими навозишгар бӯи димоғпарвари гули дарахтонро аз боғҳо ва гулҳои худрӯйро аз доманаи кӯҳҳо ба қишлоқ пароканда мекард (*Р.Ҷалил.* Одамонн ҷовид).

Вай фиристод зидди мо лашкар,
Лашкари бешумори **ғоратгар.**
*(А. Лоҳутӣ).*

**Суффикси -вар** бо исмҳо омада, ба аломате, хислате доро будани шахс ё предметро мефаҳмонад: пири ҳунарвар, ташвиқотчии суханвар, наққоши донишвар.

**Суффикси -гун** каммаҳсул аст, бо исм ва сифат омада, сифат месозад ва ба хислату аломати предмети реша монанд будани сифатро мефаҳмонад: ҷавони гандумгун, ҷеҳраи гулгун, рӯи лолагун, осмони нилгун, одами сафедгун.

Қади ин ҷавон пасттар, баданаш пургӯшт ва рӯяш гандумгуни ба сабзӣ моил менамуд *(С.Айнӣ,* ёддоштҳо). Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони дурахшонаш ба рӯи рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳариро ба рӯи гулбарги сурхи таре ҷилва медоданд (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

**Суффикси -ам** бемаҳсул аст. Бо асоси замони ҳозираи феъл омада, сифати аслӣ месозад: Устоамак ғайр аз кандакории худ ба устохонаҳои дигар ҳам нақшаҳои шинам кашида медод *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ин ҷӯйча монанди он ҷӯйчаҳое, ки дар миёни заминҳои корам кандаанд, аз лой ва гил бино наёфтааст (С.*Айнӣ,* Дохунда).

**Суффикси -ак (-як, -акак, -якак**) шаклсоз буда, ба сифат маънои хурдӣ ва навозиш медиҳад: калонак, пастак, тангак, калонакак, хубрӯякак, зебоякак, майдаякак. Дарвозаи ин мадраса аз тарафи ҷануб буда, дар пеши дарвоза саҳни тангаке ҳам дошт (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Аз дарвозаи пастаки он ҳавлӣ касе баромада рафт *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Нуралӣ дар қатори дуюми зал ҷой гирифта буд, дар паҳлуи чапи вай як марди миёнсоли фарбеҳаки тӯтибурут менишаст (С.*Улуғзода,* Навобод).

## БА ВОСИТАИ ПРЕФИКСҲО СОХТАНИ СИФАТ

Префиксҳо ҳам воситаи сермаҳсули калимасозии сифат мебошанд. Префиксҳои сифатсоз инҳоанд: **бо-, ба -, бар -, бе -, но -, то- дар.**

Префиксҳои **бо-, ба- бо** исм омада, сифатҳои аслие месозанд, ки ба аломате ва ё хосияте доро будани предметро мефаҳмонанд: одами босавод, баҷаи бамаънӣ, ҷавони бофаҳм, марди ботадбир, бачаи боинтизом, одами баақл, манзараи босафо. Ин гуна як саги боақлу бономус бо яке аз одамони беномуси амир ҳамном шавад... (С.*Айнӣ,* Ғуломон). Ба Нуралӣ аз ҳавлӣ зиёдтар соҳиби хавли Марзияхола маъқул шуд, ки аз рафтору муомилаҳояш зани хушфеъл, бамаънӣ ва одамдӯст менамуд (С.*Улуғзода,* Навобод). Давлат бачаи зирак, бофаросат, меҳнатдӯст, монанди одами калон вазнину пурбардошт аст *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Префикси **бар-** каммаҳсул аст, бо исм, сифат ва зарф омада сифат месозад: ақли баркамол, садои бардавом, гувоҳи бардурӯғ. Бештарини одамҳо маълумотҳои бардурӯғро ҳам мерасонанд (С.*Айнӣ,* Ғуломон).

Префикси бе- сермаҳсул аст, бо исм омада сифати аслие месозад, ки он ба аломат ё хислате доро набуданро мефаҳмонад: дашти беоб, баҳори бехазон, оинаи беғубор, одами безарар, аспи беором...

Префикси **но-** бо исм ва асосҳои феълӣ омада, сифати аслӣ месозад, ки ба аломат ва хусусияте доро набудани предметро мефаҳмонад: одамони нобовар, духтари ноком, ҷои нобоб, ҳодисаи ногувор, мардуми **ношод, одами ношинос**, ҳаракатҳои нолоиқ. Ба як духтари ношинос ҷавони бегона чӣ ҳам гуфта метавонист *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

**Префикси дар-** каммаҳсул аст. Префикси дар- бо калима омада дар ҳолате буданро мефаҳмонад: Абрҳои даргузар.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:***

1.Сифат чист? Чи гуна аломатҳои грамматикӣ дорад?

2.Дараҷаҳои сифатро муайян намоед?

3.Ифодаи камӣ ва хурдиву навозиш дар сифат бо кадом суффикс ифода мегардад?

4.Калимасозии сифат бо кадом роҳҳо ба амал меояд?

**Адабиётҳо:**


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. - Душанбе, Дониш, 1985
3. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
4. Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
5. Маҷидов Х. Забони адабии муосири точик, ҷилди 1, Душанбе,2007
6. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.
7. Хоҷиев С. Забони адабии точик дар ибтидои асри XX. Душанбе, Дониш, 1987.


## *Маърӯзаи 6*

## *ДАРАҶАҲОИ СИФАТИ АСЛ/*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## *ДАРАҶАҲОИ СИФАТИ АСЛ/*

## СИФАТИ АСЛ/

Сифати аслӣ аломат, хосият ва чигунагии предметро мефаҳмонад. Сифатҳои аслӣ мувофиқи маънои луғавин худ гуногун мешаванд. Онҳо ранг, бӯй, маза, вазн, хусусият, ҳарорат, устуворӣ ва дигар хосиятҳои предметҳоро ифода менамоянд: **Сурх сафед, сиёҳ, зард, кабуд, ширин, талх бамаза, хушбӯй, бадбӯй, калон, хурд, баланд, паст, майда, вазнин, сабук, ғафс, тунук, борик, васеъ, танг, фарох, гарм, хунук, салқин, мустаҳкам, сахт, мулоим, суст** ва м. ин: Ман аз ҷой хеста берун баромадам, ҳаво соф ва ором буд, боди сабук мевазид *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Сабза ва себаргаҳои ин чорбоғ сабзу хуррам буданд.*(С.Айнӣ,* Ғуломон). Ин хаёлҳои талху ширин, ин гумонҳои неку бад ва ин васвасаҳои пурташвиш, ки ҳеҷ ошиқи шайдое аз худ дураш карда наметавонад, Одинаи бехонумонро, ки саргузашти махсусе дошт, лаҳзае ба ҳоли худ ором намегузошт. (С.*Айнӣ,* Ас. мунт.) Гулбибӣ ҳам аз риши ка-лони сафеди Арбоб бо ду даст печонда гирифт (С.*Айнӣ,* Ас. мунт.).

Як гурӯҳ сифатҳои аслӣ аломати ҷисмонии одамон, чигунагии характер ва хислати одамон ва ғайраро ифода менамоянд: пир, ҷавон, **хурд, фарбех, хароб, ҷасур, далер, доно, содиқ, матин, хуб, нек, бад, нотарс, пурқувват, камқувват, тарсончак..** Мисолҳо:

Дар кишлоқ ҳеҷ кас вай барин арӯси зебо, ҳалиму доно, бо хату савод надорад. *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Бештарини сифатҳои аслӣ аз рӯи баромад ва пайдоиши худ калимаҳои решагӣ-аслӣ буда, ба давраи кадимтарини забон мансубанд: хуб, бад, сурх, сафед, нав, кухна, калон, хурд, пир, ҷавон, рост ва м. ин.

Сифатҳои аслӣ аз сифатҳои нисбӣ бо чунин хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии худ фарқ мекунанд.

1) Сифатҳои аслӣ дараҷаи қиёсӣ доранд: **хуб-хубтар-хубтарин, калон-калонтар-калонтарин.**

а) Бо зарфи микдору андоза меоянд: Бисёр хуб, хеле калон, ниҳоят васеъ, бениҳоят дур ва ғайра.

2) Мавҷудияти дараҷаи камӣ, зиёдӣ ва хурдию навозиш; сурхча, кабудча, сурхтоб, кабудтоб, сурхина, зардина, сап-сафед, сип-сиёҳ, калонакак, хушрӯякак, зебояк.

3) Аксарияти сифатҳои аслӣ калимаҳои антонимӣ доранд: хуб-бад, калон-хурд, талх-ширин, дароз-кӯтоҳ, равшан-торик...

4) Аз сифатҳои аслӣ бо ёрии суффикси -ӣ (-гӣ) исмҳои абстракт сохта мешаванд: сафед-сафедӣ, нек-некӣ, тоза-тозагӣ.

Сифатҳои нисбӣ ба ҳеҷ кадоми ин хусусиятҳо соҳиб нестанд.

## СИФАТҲОИ НИСБ/

Сифатҳои нисбӣ чигунагӣ ва аломатро аз ҷиҳати нисбат доштани он ба предметҳои дигар ва ҳодисаҳо нишон медиҳанд. Чунончи:

**1)** Нисбат ба одамон: **меҳри падарӣ, дӯстии бародарона, билети студентӣ, забони модарӣ.**

**2)** Нисбат ба предметҳо: **дарвозаи чӯбин, ҳайвони хонагӣ, кӯпруки оҳанин, ҳамёни чармин.**

**3)** Нисбат ба мафҳумҳои абстракт: **меҳнатн фикрӣ, кори илмӣ, отряди ихтиёрӣ.**

**4)** Нисбат ба макон: **биноҳои европоӣ, куртаи украинӣ, одами инҷоӣ, тоқии ҷустӣ.**

5) Нисбат ба замон: **ҳодисан имрӯза, шӯъбаи шабона**.

6) Нисбат ба амал: **курси тайёрӣ, ҳайвони корӣ, бози шикорӣ, қобилияти харидорӣ, органи шунавоӣ.**

Аз ҷиҳати морфологӣ сифатҳои нисбӣ аз сифатҳои аслӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо дараҷаи қиёсӣ ва антоним надоранд, инчунин камию зиёдӣ ва хурдию навозишро ифода намекунанд. Сифатҳои нисбӣ асосан дар шакли сохта ва пайваста зоҳир мегарданд, сифатҳои аслӣ бошанд, асосан аз калимаҳои решагӣ иборатанд, аммо баъзан бархилофи қоидаи қатъии сифатҳои нисбӣ бо таъсири сифатҳои аслӣ баъзеи онҳо суффиксҳои қиёсиро қабул карда, дараҷанок мешаванд, ин ҳолат характери умумӣ надорад ва ҳамчун ҳодисаи ҷудогонаи истисноӣ қайд карда мешавад: **шармин-шармгинтар, ғамгин-ғамгинтар, равғанин-равғанинтар**.

## ДАРАҶАҲОИ СИФАТ

Дараҷанокӣ хусусияти сифатҳои аслӣ мебошад. Сифатҳои асли се дараҷа доранд: оддӣ, қиёсӣ, олӣ.

1) **Дараҷаи оддӣ.** Дараҷаи оддӣ асос ва нуқтаи баромади дараҷаҳои киёсӣ ва олӣ ҳисоб меёбад. Сифат дар дараҷаҳои оддӣ аломат ва чигунагии предметро ба аломат ва чигунагии предмети дигар муқоиса накарда мефаҳмонад: **Ҳавои хуб, манзараи зебо, оби соф, абри сафед, бӯи хуш, ҳавои беғубор,** одами қадбаланд: Бар рӯи суфа як қолини дарози сербар пахн буд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Майдонҳои чормағзу бодомзор, зардолу, шафтолузор ва боғҳои ангури тагобӣ манзараи зебо ва фараҳфазое доштанд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Касе, ки ба ин чашмони сиёҳ, ба ин абрӯвони сиёҳ, ба ин зулфони сиёҳ, ба ин холҳои сиёҳ гирифтор шудааст, ҳар фикре, ки инҳо илқо мекунанд, магар нокарда истода метавонад *(С.Айнӣ,* Ғуломон).

**2. Дараҷаи қиёсӣ**. Сифат дар дараҷаи қиёсӣ мефаҳмонад, ки аломати хоси як предмет нисбат ба предмети дигар ва ё нисбат ба аломати мавҷудаи худи ҳамон предмет ба андозае зиёд ё кам аст. Дараҷаи қиёсӣ ба воситаи ба дараҷаи оддӣ бо илова гаштанн суффикси «тар» сохта мешавад: калонтар, баландтар, хубтар, хурдтар, ширинтар... Барои як ғулом аз озодӣ беҳтар ва барои як ошиқ аз висоли ҷононаш хубтар коре нест (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ба бемор дар ҳамин вақт аз ин беҳтар даво ҳам нест ва аз ин хубтар хӯрок ҳам нест (С.*Айнй,* Ёддоштҳо). Маълум мешавад, ки пои ман аз пои шутур ҳам сахттар ва ба сармо тобовартар будааст (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр).

Агар предмети қиёсшаванда мавҷуд бошад, бе овардани суффикси **-тар ҳ**ам ифода ёфта метавонад: Ӯ дар синну сол аз ман калон ва дар дарс баробари ман буд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Одам аз гул нозук, аз санг сахт *(зарбулмасал).*

Агар предмети киёсшаванда дар ҷумла зикр нагардад, омадани суффикси **-тар** ногузнр мешавад: Имрӯз офтоби ҷонбахш ба қишлоқ доман-доман нур пошида, гулу сабзаро зеботар, дарахтони нав баргкушодаро барнотар, кӯҳу даштро хуррамтар карда буд *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Дараҷаи қиёсӣ инчунин бо пешояндҳои номӣ-таркибии **нисбат ба**, **назар ба** низ ифода карда мешавад. Дар ин сурат ҳам зикр намудани предмети қиёсшаванда дар ҷумла ҳатмист: Ин хобгоҳаш назар ба хобгоҳи пештарааш беҳтар ва осудатар аст (С.*Айнӣ.* Куллиёт). Дигар чархҳое, ки дар ин хона мебинед, нисбат ба чархи нахустин хурдтаранд (С.*Айнӣ,* Одина).

**Сифати қиёсӣ** бо ибораи «боз ҳам» мазмуни таъкидӣ пайдо карда, аз дараҷаи қиёсӣ зиёдтар будан ва ба дараҷаи олӣ нарасидани аломату хусусияти худӣ як предметро мефаҳмонад ва ин аломат на дар муқоиса бо предметҳои дигар, балки нисбат ба аломати худи ҳамон предмет ба назар гирифта мешавад: Оби шӯхи дарёчаи қишлоқ боз ҳам шухтар шудагӣ барин ба назар метофт. (Ҷ.Икромӣ, Шодӣ).

Ёри мо арзандаи дунё шуда,
Буд **зебо боз ҳам зебо** шуда.
(М. Турсунзода).

**Дараҷаи олӣ.** Дараҷаи олии сифат баландтарин дараҷаи аломати предметро нисбат ба маҷмӯи предметҳои якхела ме-фаҳмонад. Бинобар ин, аз

як тараф, аз дараҷаи қиёсӣ болотар будани ин дараҷа ва аз тарафи дигар, ба дараҷаи қиёсӣ нисбат доштани он маълум мегардад.

**Дараҷаи олии сифат** бо се роҳ ифода меёбад:

а) бо ёрии суффикси-**тарин:** Ман мехостам, ки ҷаҳида аз пешаш бароям, бо ҳар ду дастам дасташро фишорам ва суханҳои беҳ**тарин**амро барояш гӯям(С.Улуғзода,Субҳи ҷавонии мо). Ман ин харро беҳтарини харҳо ва давандатарини онҳо гумон карда, ба як тангаю ҳашт пул то Вобканд киро кардам (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

б) **Бо роҳи ба дараҷаи оддӣ илова намудани зарфҳои ифодакунандаи мафҳуми миқдору андоза**: бисёр, хеле, ниҳоят, бениҳоят, бағоят, аз ҳад зиёд, аз андоза берун: дар рӯи ҳавлӣ як хонаи бисёр калон ва баланди похсагин буд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Вай марди қадпасти ниҳоят фарбеҳ буд (Р.Ҷалил, Шӯроб). Ҳар ду аз ин одами хушсӯҳбат бағоят хурсанд шуда буданд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

в) **Бо ёрии таркиби аз ҳама**. Дар ин сурат сифат суффиксҳои **-тар** ва -**таринр**о ҳам қабул карда метавонад: Аз ҳама калон, аз ҳама баланд, аз ҳама калонтарин, яке аз беҳтарин, яке аз хубтарин ва м. ин. Аз ҳама баландтар Ҳошим Корвон механдид, ки бо қади баланду болояш ва мӯйлаби шофаш дар байни коргарон, монанди сафедоре дар байни тутзор, намудор буд (С.*Улуғзода,* Навобод).

Дар дараҷаи олии сифат муқоисаи аломату хусусияти предметҳои якхела, вале дар дараҷаи қиёсӣ муқоисаи аломату хусусияти ҳам предметҳои якхела ва ҳам гуногун мушоҳида мешавад.

Ин мисолҳоро муқоиса кунед: Ин хел зеботарин иморати он биёбон будани ин биноро нишон медод (С.*Айнӣ,* Ғуломон) Дигар чархҳое, ки дар ин хона мебинед, нисбат ба чархи нахустин хурдтаранд.*(С.Айнӣ* Ас. мунт).

## ШАКЛИ ТАЪКИД/ ДАР СИФАТ

Шакли таъкидии сифат ба ҳадди охирин расидани аломати предметро таъкид мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат сифати таъкидӣ аз ҷиҳати маъно ба дараҷан олӣ мансубият дорад, аммо бар хилофи дараҷаи сифат шакли таъкидии он мафҳуми қиёсӣ надорад. Маънои таъкидӣ бо роҳи такрори нопурраи сифат ифода меёбад, ки дар ин ҳолат унсури дуюм шакли пурраи сифат буда, унсури якум шакли нопурраи он аст. Такрори нопурра ба тарзи зерин воқеъ мешавад: агар сифат бо ҳамсадои ҷарангнок сар шуда бошад, ба ду овози аввали он «**б**» ва агар бо ҳамсадои беҷаранг сар шавад, **п** илова мегардад: **Зард — заб-зард, лӯнда — лӯб-лӯнда, дароз — даб-дароз, сурх — суп-сурх сафед — сап-сафед, сиёҳ— сип-сиёҳ.** Гандум суп-сурх шуда пухта расида буд *(С.Айнй,* Ғуломон). Ба шуниданн ин сухан рангу рӯи Гулнор суп-сурх шуд (С.Айнӣ, Куллиёт). Риши сап-сафеди вай қариб ба миёнбандаш мерасид *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Қишлоқи хушрӯй, нигоҳ кунед, ҳама кап-кабуду суп-сурх *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Агар дар охири унсури якум, ки воситаи ифодакунандаи мафҳуми таъкидӣ ҳисоб меёбад, садоноки **а** афзояд, ҳамсадои лабии охирин ташдид меёбад, аммо дар як қисми сифатҳои таъкидӣ ин хел тағироти фонетикӣ

характернок нест: Нав—наппа—нав, калон— каппа—калон, тӯғрӣ — тӯппа—тӯғрӣ.

Падарам се соли таппа—тахт бо босмачиҳо ҷанг карда буд. *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ:***

1.Сифат чи гуна аломатҳои грамматикӣ дорад?
2.Сифатҳои аслӣ чанд дараҷа доранд?
3.Дараҷаи қиёсӣ аз дараҷаи олӣ чӣ фарқ дорад?
4.Дараҷанокӣ ба кадом хели сифат хос аст?
5.Шакли таъкидӣ ба кадом дараҷаи сифат хос аст.

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
4. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
5. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.

***Маърӯзаи 7***

## ШУМОРА ҲАМЧУН ҲИССАҲОИ НУТҚ
## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## ШУМОРА ҲАМЧУН ҲИССАҲОИ НУТҚ

Шумора яке аз ҳиссаҳои номии нутқ буда, миқдор ва тартиби предметҳоро бо адад ифода менамояд ва инчунин ададҳои беномро номбар мекунанд: **панч** китоб, **чорсаду бисту панч** рӯз ва ғайра.

Шумораҳо калимаи мустаъқилманоянд. Шумораҳо пеш аз ҳама, номи ададҳои алоҳида (абстракт) мебошанд. Вақте, ки онҳо бо исмҳо омаданд, миқдори конкретро мефаҳмонанд. Дар забони точикй калимаҳое ҳастанд, ки ададҳоро ифода накунанд, ҳам то андозае миқдори предметҳоро мефаҳмонанд. ин қабил калимаҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ шуда метавонанд. Масалан, дар ифодаҳои аксарият розй, аққалияти онҳо – то калимаҳои аксарият ва ақалият миқдорро мефаҳмонанд, вале онҳо шумора набуда, исм мебошанд(ба саволи кй чавоб мешаванд).

Ҳамаи калимаҳое, ки шумораро дар бар мегиранд калимаи мустаъқилмаъно мебошанд, аммо дар забони ҳозираи мо онҳо хеле абстракт шуда рафтаанд. Масалан, ададҳо ба мо танҳо дар бораи миқдорҳо мафҳумҳои умумиро мефаҳмонанду халос, то ба онҳо номи предметҳоро ҳамроҳ накунем, чунончи, даҳ қадам, бисту се сол нагӯем, ададҳо маънои конкретй намегиранд.

Шумораҳои асосй дар забони ҳозираи точик зиёд нестанд. Ҳамаи шумораҳо –то милиардро фақат бо бисту як калимаи решагй ифода кардан мумкин аст:

Як хашт шаст

| | | |
|---|---|---|
| Ду | нӯҳ | ҳафтод |
| Се | даҳ | ҳаштод |
| Чор | бист | навад |
| Панч | сӣ | сад |
| Шаш | чил | ҳазор |
| Ҳафт | панчоҳ | миллион |

Ададҳо то ҳозир қариб дар ҳама забонҳои гурӯҳи эронӣ тақрибан як аст. Бисёр ададҳои соддаи точикӣ ва русӣ ҳам (ки ҳар дуи ин забонҳо аз оилаи забонҳои ҳинду европоймебошанд) аслашон як аст. масалан, ду ва два, се ва три, паня ва пять муқоиса шавад. Ин фақат як далел аст бар он, ки ададҳо дар замони хеле қадим ба вучуд омадаанд.

Шумораҳо дар забони точикӣ хусусиятҳои грамматикиизиёде надоранд.

Хусусиятҳои морфологии шумораҳо аз он иборат аст, ки дар онҳо категорияи шумора (танҳо ва чамъ) нест. Шумораҳо аломати категорияи номуайянӣ (-е)-ро намегиранд.

Шумораҳои миқдорӣ нумеративҳоро мегиранд (чорта, чор дона, чор сар чор нафар ва монанди инҳо). Шумораҳои миқдорӣ бо суффикси –ум (юм) шумораи тартибӣ месозанд (чорум, сеюм)

Хусусияти синтаксисии шумораҳо дар чумла муайянкунанда шуда омадани онҳо мебошанд: даҳ нафар шогирд, Панч шаш чилд китоб.

Шумораҳои касрӣ дар чумла чун муайянкунанда пеш аз предмет (муайяншаванда) омада, ба воситаи изофа (и) ба он алоқаманд мешаванд: **шашяки** чаҳон**, чоряки** соат…

Шумораҳои тахминӣ дар чумла муайянкунанда ва ҳол шуда меоянд: Бо чашмони сиёҳ ба сӯи доя **ду-се** ало-ало нигоҳ кард (Ф.Ниёзӣ, духтари ҳамсоя).

Шумораҳо аз чиҳати сохт чор хел мешаванд:

1. Шумораи содда: **як, ду, сад…**
2. Шумораҳои сохта: **якум, дуюм**…
3. Шумораҳои мураккаб: **чордаҳ, ҳафтдаҳ, дусад**…
4. Шумораҳои таркибӣ: **бисту панч, дусаду панчову ҳашт**

Шумораҳо аз чиҳати маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳ чудо мешаванд: Шумораҳои миқдорӣ ва шумораҳои тартибӣ.

1. **Шумораҳои миқдорӣ** миқдори предметҳоро фаҳмонида, инчунин ададҳои алоҳидаро (абстрактро) номбар мекунанд: Панч стедент, даҳ қалам, ҳашт стол, дувоздаҳ ба чор тақсим мешавад. Шумораҳои миқдорӣ ба саволи чанд? чӣ қадар? чавоб мешаванд. Шумораҳои миқдорӣ ба хелҳои зерин чудо мешаванд:

1) Шумораи аслӣ
2) Шумораи тахминӣ
3) Шумораи касрӣ

1. **Шумораи аслӣ** пеш аз предметҳои шумурдашуда омада, миқдори предметҳоро бо ададҳои том мефаҳмонад: шаш аспакӣ асп давонда баромад. (Р.Чалил, Гулрӯ). Дар поёнии сандалӣ ду мӯйсафед менишаст (Айнӣ, Марги судхӯр).

Калимаҳои (ададҳои томи) **панчсад, ҳазор, ҳафтоду панч ва бист** шумораҳои аслӣ мебошанд.

Шумораи аслӣ ҳамаи ададҳои томи муқаррариро дар бар мегирад ва дигар хелҳои шумора аз он сохта мешаванд.

2) **Шумораи тахминӣ** яке аз намудҳои шумораи микдорӣ мебошанд. Онҳо микдорро ба тариқи тахминӣ ифода мекунанд: **чор-панч** кас, **даҳ-дувоздаҳ** рӯз.

Дар сохти шумораи тахминӣ қоидаи муайяне дида мешавад:

Шумораҳои тахминӣ одатан аз ду шумораи миқдории аслӣ ва касрӣ таркиб меёбанд. Дар шумораҳои тахминӣаввал адади хурд, баъд адади калон меояд: **чор панч, даҳ дувоздаҳ**.

Доираи сохта шудани шумораҳои тахминӣ муайян ва маҳдуд аст.

Шумораҳои тахминӣ одатан аз ҳамроҳ овардани ду адади паи ҳам ба вучуд меоянд: **як-ду, чор-панч, бисту як-бисту ду** ва ғ.

3) **Шумораҳое, ки ададҳои касриро мефаҳмонанд, шумораи касрӣ** номида мешаванд: **сеяк, чоряк, аз се як** ва монанди инҳо.

Лекин машинаи рост ба чои шумо раванда аз сад якто наояд, дигар ҳаммааш то нисфи роҳ меравад. (Ф.Ниёзӣ Вафо).

**Шумораи тартибӣ** тартиби предметҳоро бо ададистифода мекунад.

Шумораҳои тартибӣ аз шумораҳои аслӣ бо ҳамроҳ кардани суффикси –ум (умин) сохта мешаванд.

Дар рӯзҳои **панчум, шашум, ҳафтум** ва **ҳаштуми** март …дар даруни арк ҳам чои холи намонд (С.Айнӣ, Асарҳои мунтахаб). Анна ҳоло чуръат пайдо кардааст ва якумин мактуби худро ба падарам мефиристонад.(Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Одатан шумораи тартибӣ фақат бо суффикси **ум** сохта мешавад. Гоҳо суффикси сифатсози –**ин**-ро низ ҳамроҳ мекунанд. Шумораи тартибӣ бештар пас аз предметҳои шумурдашуда меояд.

Гоҳо суффикси шумораи тартибӣ (-ум) афтида мемонад. Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошкент як хунукии аз одат берун рӯй дод (С.Айнӣ, Асарҳои мунтахаб).

Гоҳо предмети шумораи тартибӣ (шумурдашуда) меафтад, аммо вай аз матн маълум мешавад.

Ҳодисаҳои 28-29-ро аз сар гузаронида истода, дар ин чо ҳам то хӯрдан, албатта, аз камсаводӣ аст (Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Шумораҳои тартибӣ бо тарзҳои гуногун (пурра, нопурра бо –ум ва бе – ум ) такрор ёфта, шумораҳои тартибии тахминӣ ва ё шумораҳои тартибии чида ба вучуд меоранд.

Агар шумо аз м авсими кори солҳои 1915-1916 ба он завод меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён як чавони 18-19 соларо медидед, ки либосашро аз тан кашида. (С.Айнӣ, Асарҳои мунтахаб).

Аз шумораҳои тартибӣ, ки суффикси –**ин** доранд, гоҳо **н** меафтад. Ба чои якумин – **якумӣ**, даҳумин – **даҳумӣ** мегӯянд.

Шумораҳои тартибӣ беш аз предметҳои шумурдашуда меоянд.

Шумораҳои тартибии –**ум**-дор ба худ суффикси –**ин**-ро гирад, одатан, пеш аз шумурдашуда меояд, ки дар мисолҳои боло дида шуд.

Шумораҳои тартибии **дуюм, сеюм** ба шакли дуввум, саввум низ ба кор бурда мешаванд.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1. Дар бораи маънои грамматики шумора маълумот диҳед.
2. Вазифаи синтаксисии шумораро дар чумла муайян кунед.
3. Шумораҳои аслӣ чи гуна шумора мебошанд?
4. Ба шумораҳои миқдорӣ мисолҳо оред?
5. Ба шумораҳои тартибӣ мисолҳо оред?

***Адабиётҳо:***

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Зоҳидов А. Матни маърўза – Самарқанд, СамДУ, 2000
4. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007

***Маърўзаи 8***

## СОХТИ ШУМОРАҲО
## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

Шумораҳо аз чиҳати сохт чор хел мешаванд:

5. Шумораи содда: **як, ду, сад…**
6. Шумораҳои сохта: **якум, дуюм**…
7. Шумораҳои мураккаб: **чордаҳ, ҳафтдаҳ, дусад**…
8. Шумораҳои таркибй: **бисту панч, дусаду панчову ҳашт**

Шумораҳо аз чиҳати маъно ва вазифаашон ба ду гурўҳ чудо мешаванд: Шумораҳои миқдорй ва шумораҳои тартибй.

2. **Шумораҳои миқдорй** миқдори предметҳоро фаҳмонида, инчунин ададҳои алоҳидаро (абстрактро) номбар мекунанд: Панч стедент, даҳ қалам, ҳашт стол, дувоздаҳ ба чор тақсим мешавад. Шумораҳои миқдорй ба саволи чанд? чй қадар? чавоб мешаванд. Шумораҳои миқдорй ба хелҳои зерин чудо мешаванд:

4) Шумораи аслй
5) Шумораи тахминй
6) Шумораи касрй

2. **Шумораи аслй** пеш аз предметҳои шумурдашуда омада, миқдори предметҳоро бо ададҳои том мефаҳмонад: шаш аспакй асп давонда баромад. (Р.Чалил, Гулрў). Дар поении сандалй ду мўйсафед менишаст (Айнй, Марги судхўр).

Калимаҳои (ададҳои томи) **панчсад, ҳазор, ҳафтоду панч ва бист** шумораҳои аслй мебошанд.

Шумораи аслй ҳамаи ададҳои томи муқарририро дар бар мегирад ва дигар хелҳои шумора аз он сохта мешаванд.

2) **Шумораи тахминӣ** яке аз намудҳои шумораи миқдорӣ мебошанд. Онҳо миқдорро ба тариқи тахминӣ ифода мекунанд: **чор-панч** кас, **даҳ-дувоздаҳ** рӯз.

Мӯйсафедҳо **даҳ-дувоздаҳ** нафар буданд (Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Дар сохти шумораи тахминӣ қоидаи муайяне дида мешавад:

Шумораҳои тахминӣ одатан аз ду шумораи миқдории аслӣ ва касрӣ таркиб меёбанд. Дар шумораҳои тахминйаввал адади хурд, баъд адади калон меояд: **чор панч, даҳ дувоздаҳ**.

Доираи сохта шудани шумораҳои тахминӣ муайян ва маҳдуд аст.

Шумораҳои тахминӣ одатан аз ҳамроҳ овардани ду адади паи ҳам ба вучуд меоянд: **як-ду, чор-панч, бисту як-бисту ду** ва ғ.

3) **Шумораҳое, ки ададҳои касриро мефаҳмонанд, шумораи касрӣ** номида мешаванд: **сеяк, чоряк, аз се як** ва монанди инҳо.

Лекин машинаи рост ба чои шумо раванда аз сад якто наояд, дигар ҳаммааш то нисфи роҳ меравад. (Ф.Ниёзӣ Вафо).

**Шумораи тартибӣ** тартиби предметҳоро бо ададистифода мекунад.

Шумораҳои тартибӣ аз шумораҳои аслӣ бо ҳамроҳ кардани суффикси –ум (умин) сохта мешаванд.

Дар рӯзҳои **панчум, шашум, ҳафтум** ва **ҳаштуми** март …дар даруни арк ҳам чои холи намонд (С.Айнӣ, Асарҳои мунтахаб). Анна ҳоло чуръат пайдо кардааст ва якумин мактуби худро ба падарам мефиристонад.(Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Одатан шумораи тартибӣ фақат бо суффикси ум сохта мешавад. Гоҳо суффикси сифатсози –ин-ро низ ҳамроҳ мекунанд. Шумораи тартибӣ бештар пас аз предметҳои шумурдашуда меояд.

Гоҳо суффикси шумораи тартибӣ (-ум) афтида мемонад. Дар 22 моҳи октябри соли 1918 дар ҳавои Тошкент як хунукии аз одат берун рӯй дод (С.Айнӣ, Асарҳои мунтахаб).

Гоҳо предмети шумораи тартибӣ (шумурдашуда) меафтад, аммо вай аз матн маълум мешавад.

Ҳодисаҳои 28-29-ро аз сар гузаронида истода, дар ин чо ҳам то хӯрдан, албатта, аз камсаводӣ аст (Ч.Икромӣ, Шодӣ).

Шумораҳои тартибӣ бо тарзҳои гуногун (пурра, нопурра бо –ум ва бе – ум ) такрор ёфта, шумораҳои тартибии тахминӣ ва ё шумораҳои тартибии чида ба вучуд меоранд.

Агар шумо аз м авсими кори солҳои 1915-1916 ба он завод меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён як чавони 18-19 соларо медидед, ки либосашро аз тан кашида. (С.Айнӣ, Асарҳои мунтахаб).

Аз шумораҳои тартибӣ, ки суффикси –**ин** доранд, гоҳо **н** меафтад. Ба чои якумин – **якумӣ**, даҳумин – **даҳумӣ** мегӯянд.

Шумораҳои тартибӣ беш аз предметҳои шумурдашуда меоянд.

Шумораҳои тартибии –**ум**-дор ба худ суффикси –**ин**-ро гирад, одатан, пеш аз шумурдашуда меояд, ки дар мисолҳои боло дида шуд.

### ***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1. Дар бораи маънои грамматики шумора маълумот диҳед.
2. Шумора аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?
3. Шумораҳои содда чи гуна шумора мебошанд?
4. Шумораҳои сохта чи гуна сохта мешаванд?
5. Шумораҳои таркибӣ чи гуна сохта мешаванд?

***Адабиётҳо:***

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
4. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007

***Маърӯзаи 9***

## МАФҲУМИ ҶОНИШИН

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

Ҷонишинҳо предмет ва аломати онро номбар накарда, ба таври умумй нишон медиҳад. Чонишинҳо бо маънои хеле умумии худ аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунанд. Маънои конкретии чонишинҳо танҳо дар чумла муайян мешавад.

Мирзои бой Неъмат ном дошта, як одами сисола хушхату савод буд. Ӯ ҳавдй ва ҷои истиқомат надошт (С.Айнй, Ёддоштҳо). Падарам то сини чилсолагиаш полвон (паҳлавон) будааст. Ин гуна либосҳои тоза… маро хурсанд карда буд… (С.Айнй, Ёддоштҳо).

Чонишинҳо ба чои исм, сифат ва шумора кор фармуда мешаванд. Чонишинҳоро аз рӯи муносибаташон ба исмҳо, сифатҳо ва шумораҳо ба гурӯҳҳои зерин чудо мекунанд:

1. **Ҷонишинҳои предметй**: ман, ту, мо шумо, вай, онҳо, кй, ҳеч кй, ҳеч чй, баъзе, ким-кй, ким-чй, худ, ин, он, ҳамон, ҳар кй, ҳар касс, ҳар як, ҳама.
2. **Ҷонишинҳои сифатй**: ин хел, ин гуна, чунин, чунон, чй гуна, чй хел, ҳеч гуна.
3. **Ҷонишинҳои шуморавй**: чанд, чандин, чандум, чй қадар, ин қадар, ҳамон қадар.

Чонишинҳо дар чумла ба вазифаҳои гуногуни аъзоҳои чумла меоянд. Онҳо ҳам ба вазифаҳои саръазоҳо (мубтадо ва хабар) ва ҳам аъзоҳои пайрав (муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол) меоянд.

Ман аз он сӯҳбатҳо комилан истифода мекардам. Ӯ ба ҳавлии дарун ва Иброҳим ба болохонаи берун меистоданд (С.Айнӣ, Куллиёт). Боварӣ доштам, ки дар синфи худаш ба дарс машғул аст (Ҷ.Икромӣ. Ман гунаҳкорам).

**Хелҳои ҷонишин аз рӯи маъно**

Ҷонишинҳо аз рӯи маънои худ ба хелҳои зерин чудо мешаванд:

1**. Ҷонишинҳои шахсӣ**: ман моён, моҳо (шахси якуми) ту, шумо, шумоҳо, шумоён (шахси дуюм); вай, ӯ, онҳо, вайҳо (шахси сеюм).

2. **Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ:** худ (худам, худат, худаш), хеш, хештан.

3. Ҷ**онишинҳои саволӣ**: кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо, кадом, чанд, чандум, чӣ гуна, чӣ навъ.

4. Ҷ**онишинҳои ишоратӣ**: ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон, чӣ гуна, он гунна, ин гуна, ин хел, он хел.

5**. Ҷонишнҳои таъинӣ**: ҳама, ҳар (ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар касс, ҳар кадом, ҳар як).

6. Ҷ**онишинҳои манфӣ:** ҳеч (ҳеч кӣ, ҳеч чӣ, ҳеч як, ҳеч касс, ҳеч чиз, ҳеч кадом).

7. **Ҷонишинҳои номуайянӣ**: кадом, баъзе, ягон, якчанд, фалон, фалонӣ, кимкӣ, ким кадом.

8. Ҷ**онишинҳои муштарак**: якдигар, ҳамдигар, ҳам.

1. Ҷонишинҳои шахсӣ ба ҷои шахсҳо ба кор бурда мешаванд ва аз ҷиҳати ифодаи шахсонҳо се хел мешаванд:

**шахси якум**: ман, мо (моён, моҳо)

**шахси дуюм**: ту, (шумоён, шумоҳо)

**шахси сеюм**: ӯ, вайҳо

Ҷонишинҳои шахсӣ шахсро далолат намуда, вале исмҳоро иваз карда метавонанд. Шакли танҳо ва ҷамъи ҷонишинҳои шахси I ва II бо калимаҳои алоҳида ифода мешаванд, вале шахси III аз шакли танҳо бо ёрии суффикси – ҳо баста мешавад.

Шахси танҳо ва ҷамъи ҷонишинҳои шахсиро аз ҷадвали зерин ба хубӣ дидан мумкин аст:

| Шахсҳо | танҳо | Ҷамъ |
|---|---|---|
| Шахси I | Ман | Мо (Моён, Моҳо) |
| Шахси II | Ту | Шумо (шумоён, шумоҳо) |
| Шахси III | Ӯ, вай | Онҳо, онон, вайҳо |

Ҷонишини шахси якуми танҳо ман –шахси гӯянда мебошад: **Ман** метавонам гӯям, ки материалҳои адабии худро аз он ҳавлӣ чамъ кардам (С.Айнӣ, Куллиёт)

Чонишини **мо** гурӯҳи одамонро мефаҳмонад, ки ба он шасси якум ва дуюм ҳам дохил аст:

**Мо** ба деҳа бо роҳи давродавр рафтанӣ шудем (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо). **Мо** як ҳафта ҳар шаб базму зиёфат ташкил кардем (С.Айнй, Ёддоштҳо)

Чонишини ту шахси дуюм танҳо аст, ки ба он мурочиат карда мешавад:

**Ту** хавотир нашав. Ба мо ҳеч гап намешавад (Р.Чалил, Шӯроб). **Ту** бояд хуб фаҳмй, ки …ҳамаи роҳҳои фронт охир бечуну чаро моро ба Берлин меоваранд (Ф.Ниёзй, Вафо).

Чонишини шахси дуюми чамъ – шумо (шумоҳо, шумоён) касони зиёдеро мефаҳмонад ва дигар мавриди мурочиат ба кор бурда мешавад.

**Шумо** меҳмони маро зада ба хок афкандед… (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо).

Чонишинҳои шахси сеюми танҳо ва чамъ: **ӯ, вай, онҳо, вайҳо, онон** ҳам предмет ва ҳам шахсро далолат мекунанд. Онҳо исмҳоро иваз карда метавонанд. Маънои чонишинҳои шахси сеюм назар ба чонишинҳои шахси якум ва дуюми танҳо ва чамъ хеле васеъ аст. Ин чонишинҳо шахсе ва ё предметро мефаҳмонанд, ки ҳангоми гуфтугӯ бевосита ҳозир нест, бинобар ин онҳоро шахси ғоиб ҳам меноманд.

Пиразан боз ба коса об оварда ба **ӯ** дароз намуд (Р.Чалил, Шӯроб). **Вай** ба Николаев гап зада, Шариф ва Ҳаитро дар қаровулхонаи назди анбори ҳезум… чойгир кунонд (С.Улуғзода, Субҳи чавонии мо).

## БАНДАКҶОНИШИНҲОИ ШАХС/-СОҲИБ/

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ дорои маънои семантикӣ-грамматикӣ мебошанд. Онҳо дар як вақт ҳам соҳибият ва ҳам шахсро далолат мекунанд. Онҳо ба охири исмҳо ҳамроҳ шуда, ба кӣ ва ё кадом шахс тааллуқ доштани онро мефаҳмонанд.

Бандакҷонишинҳои соҳибӣ-шахсӣ се шахс ва ду шумора доранд.

| Шахсҳо | Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|---|
| I | —ам(—ям) | —амон(— ямон) |
| II | —аг(—ят) | —атон(—ятон) |
| III | —аш(—яш) | —амон(—ямон) |

Меҳмонони мардинаро падар**ам**, амак**ам**, бобои модари**ам**, тағоиҳо**ям** ... «хушомадед» мегуфтанд, меҳмонзанонро модар**ам**, модаркалон**ам**, занони тағоиҳо**ям** ва зани амак**ам** меҳмондорӣ мекарданд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Падар**ам** дар бораи деҳа**амон** ривоятҳои қадимиро нақл мекард (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ман ҳамчунон садо набароварда кафшамро дар даҳлез кашида, ба ҳуҷра даромадам (С. *Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҷомаатро кашу аз ин тараф ба болои кӯрпача гузашта нишаста ин газетаро ба диққат хон *(Ниёза,* Вафо). Синаи ӯро сӯзише фаро гирифта, рагҳои гардану чакааш аз фишори сахти хун луққос зада, аъзои баданаш тафсида рафт *(Ниёзӣ,* Вафо).

Агар бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ бо исмҳо омада соҳибиятро ифода кунанд, онҳоро бо бандаки (и-) изофӣ ва ҷонишинҳои шахсӣ иваз намудан мумкин аст.

Танҳо:

китоб**ам** — китоби **ман**

китоб**ат** — китоби **ту**

китоб**аш** — китоби **ӯ**

Ҷамъ:

китоб**амон** — китоби **мо**

китоб**атон** — китоби **шумо**

китоб**ашон** — китоби **онҳо.**

Вале бояд гуфт, ки дар ҷумла исмҳо гарчи бо бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ оянд ҳам, ҳамеша онҳоро бевосита бо -и (изофа) ва ҷонишини шахсии муродифи он иваз кардан мумкин аст. Масалан, дар мисолҳои зерин ин ҳолатро ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Коратонро гӯед, шояд он хизмат аз дасти худам ояд *(С.Айнӣ, Ё*ддоштҳо). Одил Саркор дар қатори дуюми аъзоёни ҳайати раёсат бепарво бо ҳамсояаш гапзанон менишаст *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Мо ба осудаҳолӣ расида, аз зиндагониамон хушнуд будем *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Дар ин маврид онҳоро бо **и-**и изофӣ ва ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ иваз намудан мумкин аст.

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибии шахси якум ва дуюм ба одамон тааллуқ доштани предметро мефаҳмонанд. Бандакҷонишини шахсӣ-соҳибии шахси сеюм ғайр аз соҳибият боз маъноҳои дигари грамматикӣ ҳам дорад ва соҳибияти ғайри одамонро низ далолат мекунад: Хона равшан ва озода, дар **тирезаҳояш** пардаҳои сап-сафеди нафис кашидагӣ... фарши тахтагинаш ранг кардагӣ ва шаффоф буд *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳамин хел одами бетолеъ будаам, ки ҳанӯз як ғаму ғуссаро фаромӯш накарда дигар**аш** аз гулӯям мегирад *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ бо феълҳои гузаранда (дар шакли тасрифӣ) ва қисми номии феълҳо омада объекти амалро мефаҳмонад: Агар яке аз ин шартҳоро вайрон кунӣ, ҳамон соат мекушам**ат**... *(С.Айнӣ, Ё*ддоштҳо).

Гашт маълум**ам**, ки меҳмон омадаст,

Меҳмон аз мулки Афғон омадаст.

*(Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон).

Аз бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ баъзан садоноки «а» ме афтад:Равандагон, пас аз аз ташнагӣ халос кардани аспҳо**шон**, боз ба роҳ даромаданд... *(С.Айнӣ,* Ғуломон). ... дигар талабагон ҳам аз ҳуҷраҳо**шон** баромада нигарони шунидани беҳудагӯиҳои бой шуда истоданд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

## ҶОНИШИНИ НАФС/-ТАЪКИД/

Ҷонишини нафсӣ-таъкидии **худ** предметро муайян намуда, маънои онро таъкид мекунад ва муносибати шахсро нисбат ба **худ** мефаҳмонад. Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ ба ҳама предметҳо мансубият дорад. Вақте ки бандакҷонишинҳо ба онҳо пайваста оянд, маънои онҳо конкрет мешавад ва монанди ҷонишинҳои

шахсӣ истифода мешаванд. **Худам** медонам, ки ба кӣ гуфтан даркор ва ба ки нагуфтан (С.*Айна, Ё*ддоштҳо). Резаворфурӯш **худаш** аслан ҳам одами суханбофу суханпардоз буд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Рафиқ, **худатон** медонед, ки ман як деҳқони ранҷбар ҳастам, худам дар замини худ кор карда зиндагониамро як навъ мегузаронам (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **худ** агар барои ифодаи таъкид ба кор бурда шавад, он гоҳ аксар пеш аз ҷонишинҳои дигар ва исмҳо омада бо онҳо ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд мешавад: Худи ман ҳам мехостам, ки туро гирифта барам... (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини худ соҳибиятро низ ифода мекунад. Дар ин маврид пас аз исмҳо омада, бо онҳо ба воситаи изофӣ алоқаманд мешавад: Дар соли 1890 ман ҳамроҳи акаи худ барои хондан ба Бухоро омадам (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини худ бо суффикси-**ҳо** ҷамъ баста мешавад ва шахси бисёреро мефаҳмонад. Дар ин маврид ҳамеша бо бандакҷонишинҳои соҳибӣ-шахсии шакли ҷамъ истеъмол мешавад: **худҳо, худҳомон, худҳотон, худҳошон:**

Баъд аз як-ду соат роҳ рафтан одамонн ҳукумат гурусна монданд, **худҳошон** нон хӯрданӣ ва аспҳошонро ба алаф монданӣ шуданд (С.*Аинӣ,* Куллиёт).

Дар адабиёти классикӣ ва назми имрӯза калимаҳои хеш ва хештан ба маъно ва вазифаҳои грамматикии ҷонишини **худ** ба кор бурда мешавад:

Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро,
Бихар бо хун гуноҳи **хештан**ро.(Лоҳутӣ) .

## ҶОНИШИНҲОИ САВОЛ/

Ҷонишннҳои к**ӣ (киҳо), чӣ (чиҳо), кадом, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ навъ, чанд, чӣ қадар** ҷонишинҳои саволӣ ба шумор меравaнд. Ба воситаи ин ҷонишинҳо предмет, аломат ва миқдори он пурсида мешавад: Ӯ аз кӣ чӣ харидааст ва ба кӣ чӣ фурӯхтааст, дар ин дафтар буд *(С.Айнӣ, Ё*ддоштҳо). Дар Тошкент **чӣ** қадар пул кор кардед? Ба мо **чӣ** савғотиҳо овардед (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Онҳо ҳар рӯз ба кимкуҷоҳо мерафтанд ва шаб дар хона бо кадом роҳ ва чӣ гуна ба деҳа баргаштанро муҳокима менамуданд... *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ин ҷонишинҳо дар ҷумлаҳои саволӣ предмет ва аломати конкрети онро далолат намекунанд. Предмет ва аломати он танҳо дар гуфтугӯи ҳамсӯҳбатон муайян мегардад:

- Вай **кист** ва онҳо киёнанд?
- Вай Зайнаби бистудусола... аст, ки аз шаҳр омадааст. *(Ҷ. Икромӣ*).
- Ту **кистӣ?** — пурсид Степанов.

Соҳиби ҳамин хона,— ҷавоб дод писарак. Дар хонаат кӣ ҳаст? — савол дод Ермаков. Одамон.

—Номат **чист,** ба **чанд** даромади?

— Номам Дима, ба чордаҳ даромадам.

— Номи ту **чӣ**?

— Наташа.

— Ин ба ту **кӣ** мешавад?

— Ин робитачии ман аст,— ҷавоб дод писарак *(Ф. Ниёзӣ*).

Ҷонишини **кӣ** дар пурсидани одамон ба кор бурда мешавад. Бо ёрии ҷонишини **чӣ**? тамоми предметҳои дигар пурсида мешавад. Ҷонишинҳои **кӣ** ва **чӣ** инчунин шакли ҷамъ доранд: **киҳо, чиҳо.**

Охир, ман ба он ҷо ба пеши **кӣ** меравам ва **киҳоро** гирифта меорам? — гуфтам дар тааҷҷуб *(С.Айнӣ,* Марги судхўр)

Ҷонишини **чӣ** инчунин барои пурсидани аломати предмет низ ба кор бурда мешавад. Дар ин маврид ин ҷонишин ба маънои «**чӣ гуна**» меояд: Ба сари шумо чӣ балоҳоро оварданд... (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Чӣ қадаҳҳои нағз гуфта шуданд *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Ҷонишини **чӣ** дар ҷумла барои ифодаи аломати номуайянии предмет, дараҷаи он ва дар ҷумлаҳои хитобӣ барои ифодаи ҳиссиёт низ ба кор бурда мешавад:Пиразан чашмони худро молидаю пичирросзанон чӣ чизро хонда рўяшро ба тарафи дарича тофт *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Ўро баъд занаш ҳамон вақт меёбад, ки одами чию кори **чӣ**! *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишнҳои саволии **кӣ** ва **чӣ** бо бандаки хабарии «аст» дар мавриди афтидани садоноки «а» якҷоя навишта мешаванд. Аз ҷонишини саволии чӣ ва калимаҳои **гуна, хел, тавр, навъ, сон** ҷонишинҳои таркибии **чӣ гуна, чӣ хел, чӣ навъ, чӣ сон, чӣ қадар** сохта мешавад, ки онҳо барои пурсидани аломати предмет, миқдори он ва аломати амал ба кор бурда мешаванд:Бахр мешўраду намедонад, ки чӣ гуна таронае хонад *(М.Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон).— Чӣ хел ту солдати босаришта, офарин *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Ҳой, бародар, ту ин кадар бори вазнинро **чӣ тавр** мебардорӣ *(Р.Ҷалил,* Шўроб)?

Ҷонишини саволии **кадом (кадомин**) нисбат ба дигар ҷонишинҳои саволӣ маънои васеътар дорад. Вай ҳам предметҳо ва ҳам аломати онҳоро далолат мекунад. Онро барои муайян намудани предмет аз ҳамҷинсҳояшон ва ё аломати он кор мефармоянд: Ҳавлии ў дар кадом гузар ва дар кадом кўча будааст?— гуфта пурсидам *(С.Айнӣ,* Марги судхўр). Намедонам кадом кувва маро ба сари чашма бурд *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). **Кадом** маҳбуб мемондааст, ки маҳбубаи ба ҷон баробарашро озор диҳанд (Ҳ.*Карим,* Оқшуда).

Ҷонишини **кадом** барои ифодаи аломати номуайянии предмет низ ба кор бурда мешавад: Мегуфтанд, ки... падари вай бо зани дуюмаш дар кадом деҳаи дуре зиндагӣ мекард... *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо)... кадом китобе, ки ба дасташон афтад, шаррос зада хонда рафтан мегирифтанд... (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини саволии **чанд** ва **чӣ қадар** барои пурсидани миқдори предметҳо ба кор бурда шуда, инчунин миқдори номуайяни предметҳоро далолат мекунад:

— Ту аввали шаб **чанд** пул доштӣ? — ба хисоби якҷоя даромаданд (С.*Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). **Чанд** гурўҳ меҳмонони дигар ҳам омада ош хўрда рафтанд. (С.*Айнӣ,* Марги судхўр).— Соли гузашта **чӣ қадар** ҳосил додед? (С.*Улуғзода,* Навобод).

## ҶОНИШИНҲОИ ИШОРАТ/

Ҷонишинҳои ишоратӣ ба предмет ва ё аломати исм ишора мекунанд. Ҷонишинҳои ишоратӣ инҳо мебошанд: **ин, он, ҳамин, ҳамон, чунин, чунон,**

**ин хел, ин гуна, он гуна, ин тавр, ҳамин хел, ҳамин гуна, ин қадар, он қадар. Ин гуна** шаҳри чашмасорро ман ҳеҷ надидаам... (С.*Айнӣ*).

Ҷонишини **ин** ва **он** ба предмет ишора мекунад ва барои ҷудо кардани предмете аз ҳамҷинсонаш кор фармуда мешаванд. Ҷонишини **ин б**арои ишораи предмете ба кор бурда мешавад, ки он дар пеши чашми бинанда аст ва ё он предмети маълум мебошад.

Ин одамҳо ба ту чӣ даркорӣ доранд *(Ҷ.Икромӣ)*? Ин хаёлҳои талху ширин, ин гумонҳои неку бад ва ин васвасаҳои пурташвиш Одинаи бехонумонро ором намегузошт (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳамин** аз ҷиҳати маъно ва функсия ба ҷонишини **ин** наздик аст, вале он ишораи предметҳои наздикро бештар таъкид мекунад:Туро лозим буд ки, ана бо ҳамин одам алоқа бандӣ (С.*Улуғзода,* Навобод). Вай бо ҳамин фикр... нӯг-нӯги по қадам монда омад *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишини **он** ва ҳамон барои ишораи предметҳое ба кор бурда мешавад, ки аз назари бинанда дур воқеанд: Лекин ду-се рӯзи тоқатфарсо мегузараду он ҳама пуписаи падар ва панди модар аз ёд меравад *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Аз он тараф овози дутор ба гӯш мерасад *(Икроми,* Ман гунаҳгорам).

Ҷонишини шахсии «вай» ба маъно ва вазифаи ҷонишини «он» низ ба кор бурда мешавад: Ман бачаи дар кӯча мондаги надорам, ки ба даргоҳи вай мумсик фиристам *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

Аз ҷонишинҳои **ин, он, ҳамин**, **ҳамон** ва исмҳои хел, гуна, сон, тавр, навъ ҷонишинҳои таркибӣ сохта мешаванд. Онҳо предметеро далолат мекунанд, ки монанди он зикр шуда бошад: **Ин хел, он хел, он гуна, ин гуна, он сон, ин сон, ҳамин хел, ҳамон хел, ҳамин гуна, ҳамон гуна, ин тавр**, **он тавр** ва ғайра.

Инҳо ҷонишинҳои ишоратии сифатӣ мебошанд: Ғам нахӯред... ман ба шумо ҳамин хел чӯб медиҳам, ки устои ҳунарманд аз вай қаср... месозад *(С.Улуғзода,* Навобод). Ин хел ҳодисаро то ин вақт ҳеҷ кас надидааст... *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот). Ҳеҷ гумон накарда будам, ки хоҳарони зебои гуландом дар **ҳамин гуна** кулбаи гадоёна зиндагӣ кунанд *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Агарчи ин суханҳо он гуна суханҳо буданд... боз аз шунидан дилгир намешуд *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Дигар мо ба он тавр саҳву хатоҳо роҳ намедиҳем *(Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҷонишини «**чунин**» ва «**чунон**» ба таври умумӣ предметеро пшора мекунад, ки монанди он пештар зикр шудааст, ё он предмети маълум аст: Навбати бадарғакунии онҳо мерасид, ки ин нуқтаи баланди чунин кори муҳим ва заруре буд *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Ҳеҷ надидӣ ту **чунин** чормағз,
Ҳеҷ бад-инсон ананасҳои нағз.
Пас ҳама нӯшем, рафиқон, шароб
Баҳри **чунин** одами олиҷаноб.
*(М.Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон).

Набудани **чунин** шахсоне, ки дӯсти ҷонии аҳли ин оила будани онҳоро медонистанд, ҷамъомадагонро дар ҳайрат мегузошт *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Ҷонишини **чунон** ба дараҷаи зиёди ягон сифат, ҳолат, ки бо исм ё сифат ифода гардидааст, далолат мекунад:

Ҳозир бошад, **чунон** марди камгапи ботамкин... шудааст, ки тамоман ба пештарааш монандӣ надорад *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Ҳуҷрачаи ӯ чунон танг буд, ки фақат ду нафар талаба дар он ҷо нишаста дарс хонда метавоиист *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳои **ин қадар, он қадар, ҳамин қадар, ҳамон қадар** барон ишораи миқдори предметҳо хизмат мекунанд. Инҳо ҷонишинҳои ишоратии микдорӣ мебошанд.

Ҳеҷ кас дар ин солу моҳи наздик дар ин ҷоҳо **ин қадар** одами бисёр ва ин гуна маъракаро надида буд *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Ин сухани охирини падарам маро чунон азоб дод, ки агар сад химча мезад, **ин қадар** азоб намедод *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

## ҶОНИШИНҲОИ ТАЪИН/

Ҷонишинҳои таъинӣ калимаҳои зерин мебошанд: **ҳама, ҳар (ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар як, ҳар кас, хар кадом, ҳама гуна, ҳар гуна).** Ин ҷонишпнҳо аломати предметро ба таври умумӣ таъин мекунанд: Бо ҳамин тариқа вай ҳар рӯз ба ман аз китоби алифбо сабақи нав медод ва дафтарамро медид. Ҳар як сабақи нав аз шиносондани якчанд ҳарф иборат буд *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини **ҳама** маънои ҷомеият дорад. Вай одатан маҷмӯи предметҳо ва фаро гирифтани тамоми ягон чизро нишон медиҳад.

Ман **ҳамаи** хонаҳо, ҳ**амаи** заминҳо, **ҳамаи** боғҳо, ҳамаи дарахтҳо, **ҳамаи** одамҳои зинда, ҳатто мурдаи ин кишлокро медонам *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳама** одатан пеш аз исмҳо меояд ва бо онҳо ба воситаи бандаки изофӣ (-и) ва бе он алоқа пайдо мекунад. Мисол: Ман ба боло чашм андохтам, ки **ҳамаи** дарахтон аз бача пур буданд (С. *Айнӣ,* Куллиёт). Имсол барои Рустам ҳама чизи зимистонӣ тайёр буд (С.*Айнӣ)*

Ҷонишини ҳама дар шакли «**ҳамагӣ**» низ кор фармуда мешавад. Қисми асосии биноҳои таърнхии Ҳиндустон... ки **ҳамаги** аз санги мармар сохта шудаанд, дар замони ҳамин ду подшоҳ сохта шудаанд (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Дар забони ҳозираи тоҷик калимаи «**тамом»** ба маъно ва вазифаи ҷонишини «**ҳама**» низ истеъмол мешавад: Тамоми ин корҳо бо ҷабру зулм ва бераҳмона истисмор карда шудани меҳнаткашони Ҳиндустон сурат мегирифт (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳар** ва шаклҳои таркибии он: ҳар кӣ (ҳар он кӣ), ҳар кас (ҳар он кас), ҳар чӣ (ҳар он чӣ), **ҳар кадом, ҳар як, ҳар чиз**, ки аз ҷонишину исм, аз ҷонишину шумора ва аз ҷонишин сохта шудаанд, аз ҷонишини «ҳама» аз ҷиҳати маъно фарқ доранд. Маънои луғавӣ ва грамматикии «ҳар» дар алоҳидагӣ он қадар равшан нест. Ҷонишини ҳар одатан пеш аз исмҳо омада ягон предмети алоҳидаро нишон медиҳад.

Аз ин кор ҳар моҳ 100—200 танга меёбам (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Инҳо ба ҳар касу ҳар чиз як айб мондаю эрод нагиранд, хобашон намебарад *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

Ҷонишини **ҳар як, ҳар кадом (ҳар кадоме)** аз байни предметҳои ҳамҷинс предметҳои алоҳидаро нишон медиҳанд: Ҳар як сухани ӯ дар бораи ҷингиламӯям ба мани пирсол як кабат гӯшт меафзуд. *(Ҳ.Карим,* Ҳикояҳо).

Ҳозир ҳар кадоме яктоӣ пиёларо гирифта беист чой менӯшиданд *(Муҳаммадиев,* Тири хокхӯрда).

Ҷонишинҳои **ҳар кадом** ва **ҳар як** бо ҷонишинҳои шахсӣ (шумораи ҷамъ) дар алоқаи изофӣ меоянд ва шахси чандум будани предмет конкреттар мешавад: Ҳар кадоми мо ҳам ба қадри тавонистанамон муридонро ба фидои ҷону мол... далолат мекунем (С.*Айнӣ,* Ёддоштхо). Ба **ҳар кадоми** мо яктоӣ қаламу дафтари тоза доданд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Бинобар ин дар мавридҳои муносиб аз **ҳар кадоми** онҳо дар бораи Аҳмад-махдум чизҳо мепурсидам (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишинҳои таъинии **ҳама, ҳар як, ҳар кадом** бандакҷони-шинҳои шахсӣ-соҳибиро (бештар шакли ҷамъ) мегиранд ва ба ин восита шахси онҳо конкреттар мегардад: То баргашта омадани ман ҳамаатон аз ин ҷо наҷунбетон... (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҳар кадомамон ба таъзим ва саломи ӯ азамат ва калониро аз даст надода, бо гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳе кунем... (С.*Айнӣ, Ё*ддоштҳо). Баъд аз ним соат... тойҳои пахтаро баркашида, вазни **ҳар кадомашро** ҷудогона ба дафтар менавиштанд... *(С.Айнӣ,* )

Ҷонишинҳои **ҳар чӣ, ҳар чиз аз** куллии предметҳо предметҳои алоҳидаро мефаҳмонанд. Ин ҷонишинҳо барои ҳамаи предметҳо (ғайр аз одамон) ба кор бурда мешаванд:

Баъд аз он аз ман **ҳар чӣ** мепурсида бошӣ, пурсидан гир (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ҳар он чӣ, ки ман дар поезд медидам ва мешунидам, бароям ҳама нав ногаҳонӣ ва шавқовар буд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишини «**ҳар»** бо шумораҳои як, ду, се, чор, панҷ омада микдори муайяни одамон ва предметҳоро нишон медиҳад. Онҳо бо ҷонишинҳои шахсӣ ва бандакҷонишинҳо низ меоянд: Буттазор аз **ҳар** ду тараф ба бешаи начандон калон рафта мепайваст *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). **Ҳар** ду зан бо ёрмандии якдигар беморро ба рӯи бистар гузарониданд... (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини **ҳама, ҳар** бо исмҳои гуна, хел, навъ, хел омада гуногунии предметҳоро далолат мекунад. Дар бораи он **ҳар** хел гапҳо паҳн мешуд (С. *Улуғзода,* Навобод). Ин ҳолати пурасрор фикру хаёли Сафарро ба **ҳар г**уна андешаю мулоҳизаҳо бурда, чашму қавоқҳои ӯ аз шиддати диққат ба дард меомад *(Ф. Ниёзӣ,* Вафо).

## ҶОНИШИНҲОИ МАНФӢ

Ҷонишинҳои манфӣ: **ҳеҷ, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ кас, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кадом, ҳеҷ як, ҳеҷ гуна** маънои умумии инкорӣ доранд. Ба назарам ҳеҷ чӣ наменамуд (Д.*Карим,* Ҳикояҳо). Тамоми рӯз ман ғайр аз Раҳимҷон бо ҳеҷ кас ҳамгап нашудам ва аз напурсидам *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳеҷ овозе **ҳеҷ кас ҳеҷ чизе** ба гӯшам нарасид *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Шаклҳои таркибии ҷонишинҳои манфӣ аз ҷонишини **ҳеҷ** ва ҷонишинҳои саволии кӣ, чӣ, кадом, исмҳои кас, чиз, гуна, шумораи **як** сохта шудаанд**: Ҳеҷ** яке аз он сифатҳоро мо дар ошнои деринаамон Мирзодиккак надида будем (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дасти **ҳеҷ** кадоми инҳо тағма надошт... *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

Ҷонишини **ҳеҷ гуна** ба набудани ягон аломати предмет далолат мекунад: **Ҳеҷ гуна** гап ба гуши командир намедаромад *(Ҳ.Карим,* Ҳикояҳо).

Ҷонишини **ягон** ва исмҳои **касе** ва **чизе** ба маънои ҷонишини манфӣ низ меоянд. Дар ин маврид хабари чунин ҷумлаҳо дар шакли инкорӣ меояд: Аммо дигар ягон ч**изе** ва касе ба чашм наменамуд *(Ниёзӣ,* Вафо). Аммо бар хилофи чашмдошти онҳо падарам ба имом **чизе** нагуфт...*(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

## ҶОНИШИНҲОИ НОМУАЙЯН/

Ба гурӯҳи ҷонишинҳои номуайянӣ калимаҳои зерин дохил мешаванд: баъзе, **ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом, фалон, фалонӣ, ягон, чандин, якчнд, ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чӣ** тавр. Ин ҷонишинҳо ба мавҷудияти шахсону предметҳои номаълум ва ё сифати онҳо ишора мекунанд: Баъзе талабаҳо ба сабаби дар зери ҳимояти ягон одами калон ё шогирди ягон муллои бонуфуз будан, ба воситаи онҳо ҳуҷраеро ба даст дароварда, чанд гоҳ аз дарбадарӣ халос мешуданд. *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Нуралӣ ва Каримов баъд аз он **ким-чӣ гуна** мубоҳисае сар карданд... *(*С.Улуғзода, Навобод). Ҷонишинҳои **ким-кӣ, ким-чӣ, баъзе, ягон, ким-кадом, фалон, фалонӣ** шахс ва предметҳои номуайянро далолат мекунанд. Ҷонишини **ким-чӣ** шахси номуайянро нишон медиҳад. Ҷонишинҳои боқимонда ҳам шахс ва ҳам предметҳои номуайянро далолат мекунанд: **Баъзе** мунозирачиён ба домулло хитоб карда, шубҳаҳо баён мекарданд, баъзеҳо дар миёнаи худ мунозира сар мекарданд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар ягон вақти муносиб ман уро танбеҳ хоҳам дод *(С.Айнӣ, Ё*ддоштҳо) Падарам... аз ким кадом идора шаҳодатнома... гирифта омад *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Шабҳо дар ҳуҷраи **кадом** аз шарикдарсҳоям, ки рост ояд, мехобидам *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ҷонишини **кадом** бо шумораи як ҳамроҳ омада (**кадом як),** предмети алоҳидаи номуайянро далолат мекунад. Ана, **кадом як** дарвозае ғиҷиррос зад *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҷонишинҳои **ким-чӣ хел, ким-чӣ гуна, ким-чи тавр** аломати номуайян ва тақрибии предметро далолат мекунанд: Баъзе бачагон ба ман ким-чӣ гуна хатчаҳои русиро бароварда нишон дода... мегуфтанд *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).— Писарат ба ин ҷо ким-чӣ хел корд монда рафт... *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҷонишинҳои **якчанд, чандин, чанд** миқдори номуайянии предметро нишон медиҳанд. Дар рӯи сарой **якчанд** деги миси калони якманиро шинонда пуроб карда меҷӯшонданд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар даруни молхона **якчанд** нафар хобида буданд *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

## ҶОНИШИНҲОИ МУШТАРАК

Дар забонамон ба ин гурӯҳи ҷонишинҳо калимаҳои **якдигар, ҳамдигар** (ҳам)-ро дохил намудан мумкин аст. Ин ҷонишинҳо иишон медиҳанд, ки амал ба ду ҷиҳат равона шудааст.

Ҳар ду ҳам **якдигарро** нағз шинохтанд *(Ҳ.Карим,* Ҳикояҳо). Аммо ба назари ман ҳар дуи ин озодӣ ҳам аз **якдигарашо**н ширинтар менамуданд *(С.Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Мо ба **якдигарамон** нигоҳ карда хомӯш менишастем, баъзе касон бо ҳам пичиррос мезаданд... *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). ... Ҳамаи онҳо байни **ҳамдигар**... пайваст шуда буданд *(*Ф. Муҳаммадиев, Тири хокхӯрда).

### *Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ*

1. Ҷонишин чист ва чи гуна хусусиятҳо дорад?
2. Ҷонишинҳо аз рӯи муносибаташон бо исм, сифат ва шумора ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?
3. Ҷонишинҳо аз рӯи маъно ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?
4. Ҷонишинҳои шахсӣ чанд шахс ва чанд шумора доранд?

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3.Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.
4.Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забон адабии тоҷик, Душанбе, Ирфон, 1972.

### *Маърӯзаи 10*

### *Феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ

Феъл ҳиссаи мустақили нутқ мебошад, ки амал ва ҳолату вазъиятро ҳамчун амал мефаҳмонад ва ба саволҳои предмет чӣкор кард?, предмет чи кор мекунад?, предмет чӣкор карда истодааст? ҷавоб мешавад. Феъл дорои категорияҳои хоси худ мебошад. Масалан, чунин феълҳо амал, кору ҳаракатро ифода мекунанд: **давидан, омадан, рафтан, хондан, кор кардан, навишта гирифтан ва м. ин**. Як пирамарди тахминан 80-сола ба гиряи занонаи падари Гулнор хандаи тамасхуромезе карда **гуфт…** *(*С.Айнӣ, Дохунда). Духтарҳо ӯро дида, аз ҷо **бархостанд** *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Ифодаи ҳолат: **истодан, хобидан, сукут кардан, пинак рафтан ва** ғ. Гулнор ҳам бо диққати тамом **гӯш дод** (С.*Айнӣ,* Дохунда). Ман ташна мондам, амакҷон, камтар об **ёфта диҳед** *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Ифодаи вазъият ва тағири аломат: **сабзидан, доштан, дигар шудан ва ғ.** Ҳамаи ин гуфтугӯҳо ба Мирак сахт мерасид *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ин дара, чунон ки аз номаш маълум аст, аз назарҳо пинҳон буда, танҳо аз ду тарафаш: тарафи Сариҷӯй ва Боботоғӣ ду тангно намоён мешавад *(С.Айнӣ,* Дохунда).

Ифодаи муносибат (ба касе ё чизе): дӯст доштан, иззат кардан, бад дидан ва ғ. Ҳама ба ҳамин қарор **розӣ шуданд** *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Гӯштин ба ҷавонон **мезебад** *(Ф.Муҳаммадиев,* Сози Мунав.).

Амал, ҳолат, вазъият ва муносибат бо категорияҳои грамматикии зерини феълҳо алоқамандона ифода меёбад:шахс, шумора, тарз, намуд, замон ва сиға. Инчунин феълҳо дорои масдар, асос ва шакли инкорӣ ва хусусиятҳои дигар мебошанд.

## ШАКЛҲОИ ТАСРИФ/ ВА ҒАЙРИТАСРИФИИ ФЕЪЛ

Феълҳо шакли тасрифӣ ва тасрифнашаванд низ дорад. Ба гурӯҳи тасрифии феъл феълҳои дорои категорияи шахсу шумора, тарз, намуд, замон ва сиға дохил мешаванд ва дар ҷумла одатан хабар шуда меоянд.

Гурӯҳи дуюмро шаклҳои тасрифнашавандаи феъл ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол дохил мешавад. Ин гурӯҳ баробари соҳиб будан ба баъзе категорияҳои грамматикии феъл дорои хусусиятҳои ҳиссаҳои номии нутқ ҳам мебошад. Аз ин ҷиҳат масдар ва сифати феълиро шаклҳои номии феъл низ меноманд. Чунин шаклҳои феълӣ дар ҷумла ба вазифаҳои гуногуни синтаксисӣ меоянд. Ба ҳамин тариқ, дар забони тоҷикӣ системаи мураккаби шаклҳои феъли мавҷуд аст, ки асоси он аз чор гурӯҳи зерини феъл иборат мебошад:

**I. Шаклҳои тасрифии феъл**.

Ин шаклҳои феълӣ аз рӯи шахсу шумора тағир меёбад ва дорои тарз, намуд, замон, сиға ва дигар категорияҳои феълӣ мебошанд. Шаклҳои тасрифӣ шаклҳои шахсии феъл низ номида мешаванд.

1. **Масдар.** Масдарҳо тарзу намуд ва баъзе аломатҳои дигари феълро ифода карда метавонанд (масалан: монда, гузаранда, бевосита, бавосита ва ғ.).
2. **Сифати феълӣ**. Ин шакли номии феъл дорои тарз, замон ва намуд мебошад.
3. **Феъли ҳол**. Ин шакли феъли намудро ифода карда метавонад.

Ҳамаи ин шаклҳои феълӣ асоси ташкилдиҳандаи системаи мураккаби шаклҳои феълии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошанд, ки ду асоси феълӣ қисми муҳимми онҳост.

## АСОСҲОИ ФЕЪЛ

Дар забони тоҷикӣ шаклҳои феълӣ микдоран бисёр ва гуногун буда, системаи муайяни устувор доранд:

**Феъл ду асос дорад** ва ҳамаи шаклҳои феълии забонамон аз ҳамин ду асос сохта мешаванд: асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта.

Асоси замони ҳозира амалеро мефаҳмонад, ки ба замони ҳозира ва ё бештар ба замони оянда мансуб аст. Асоси замони ҳозира бо шахси дуюми танҳои феъли фармоиш (сиған амрӣ) як аст. Чунончи: **хон, навис, рез, дав, бин, о(й)** ва ғайра. Шаклҳои замони ҳозира-оянда, феъли фармоиш ва сифати феълии замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феъл сохта мешаванд.

Асоси замони гузашта амали дар гузашта воқеъшударо мефаҳмонад ва бо шахси сеюми танҳои замони гузаштаи феъл баробар аст. Масалан: **афтид, борид, гуфт, дод, монд, навишт, омад, шунид** ва м. инҳо.

Замони гузаштаи наздик (гузаштаи оддӣ), гузаштаи ҳикоягӣ, баъзе шаклҳои ифодаи замони ва сиғавӣ аз асоси замони гузаштаи феъл сохта мешаванд.

Асосҳон феълӣ аз ҷиҳати дучор шудан ё нашудан ва табдили овозӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи якум феълҳое дохил мешаванд, ки дар вақти гузарондан аз асоси феълии замони ҳозира ба асоси феълии замони гузашта дар онҳо табдили овоз ба вуҷуд намеояд. Ин гурӯҳ феълҳо миқдоран каманд. Масалан:

| **Асоси замони ҳозира.** | **Асоси замони гузашта** |
|---|---|
| бор | борид |
| боф | бофт |
| бор | борид |
| ист | истод |
| дав | давид |
| кан | канд |
| куш | кушт |
| кӯш | кӯшид |
| лес | лесид |
| мур | мурд |
| нӯш | нӯшид |
| пӯш | пӯшид |

Гурӯҳи дуюми феълҳо миқдоран зиёд аст. Ба ин гурӯҳ феълҳое дохил мешаванд, ки ҳангоми аз асоси замони ҳозира ташкил кардани асоси замони гузашта табдили овоз рӯй медиҳад. Бештар бадалшавии ҳамсадоҳо ва гоҳо табдили садонокҳо ба вуҷуд меояд:

**1) Ҳамсадои з ба х бадал мешавад:**

| | |
|---|---|
| андоз | андохт |
| афрӯз | афрӯхт |
| гудоз | гудохт |
| дӯз | дӯхт |
| навоз | навохт |
| паз | пухт |
| пардоз | пардохт |
| соз | сохт |
| сӯз | сӯхт |
| рез | рехт |

**2) Бадалшавии ҳамсадоҳои гуногун ба ҳамсадоҳои дигар.**

| | |
|---|---|
| кӯб | кӯфт |
| рав | рафт |
| рӯб | рӯфт |
| тоб | тофт |
| фурӯш | фурӯхт |
| хоҳ | хост |
| чин | чид (чинд) |
| ҷаҳ | ҷаст ва ғ. |

**3) Садонок ба садоноки дигар бадал мешавад:**

| | |
|---|---|
| бар | бурд |
| намо(й) | намуд |
| супор | супурд |
| шумор | шумурд ва ғ. |

**4) Дар баъзе феълҳо табдили садонок ба садоноки дигар ваҳамсадо ба ҳамсадои дигар баробар воқеъ мегардад:**

| | |
|---|---|
| бош | буд |

гӯй гуфт
деҳ дод
кун кард
шав шуд
шӯй шуст ва ғ.

**5) Шакли асосҳои баъзе феълҳо таърихан аз решаҳои гуногун гирифта шудааст, бинобар ин асоси ҳозира ва асоси замони гузаштаи чунин феълҳо аз якдигар фарқ мекунад:**

бин дид
о(ой), биё омад...

Асосҳои феъл дар калимасозӣ ҳам иштироки фаъол доранд. Чунончи, асоси замони гузашта дар ҷумла исм шуда меояд.

Аз асоси замони ҳозира ба воситаи баъзе суффиксҳо шаклҳо ва калимаҳои гуногун сохта мешаванд, масалан: **хониш, пушок, тавоно, равона, пазанда ва ғ.**

Аз ҳар ду асоси феълӣ бо ёрии инфиксҳои **-у-** ва **-о-** ва гоҳо бевосита калимаҳои мураккаб сохта мешаванд, масалан: **равуо, додугирифт, шустушӯ, тозотоз, даводав** ва м. ин.

## ФЕЪЛҲОИ МУСТАҚИЛ ВА ЁРИДИҲАНДА

Дар назари аввал ҳамаи феълҳои забони тоҷикӣ ҳамчун феълҳои мустақил тасаввур мешаванд. Аммо дар ҳақиқат мустақилии як қисми феълҳо мафҳуми мутлақ ва қисми дигараш мафҳуми нисбӣ дорад. Аз ин ҷиҳат феъле, ки одатан ба вазифаи грамматикӣ ба шакли мустақил истеъмол меёбад, мумкин аст, ки дар навбати худ дар таркибҳои гуногуни феълӣ ҳамчун феъли ёридиҳанда кор фармуда шавад. Баръакс, феъле, ки одатан дар ташкили таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳанда меояд, мумкин аст, ки дар мавриди дигар ҳамчун феъли мустақил омада бошад. Ба ин маънӣ феълҳо аз рӯи вазифаи грамматикӣ, тарзи нстеъмол ва табиати маъноиашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: мустақил ва ёридиҳанда.

Феълҳое, ки вазифаи грамматикӣ ва маъноиашон дар ҷумла бевосита, бе ёрии ҳиссаҳои дигар, анҷом меёбад, **феълҳои мустақил номида мешаванд,** масалан: андохтан, баромадан, ваҳмидан, газидан, гирифтан, даромадан, додан, ёфтан, кандан. лесидан, мондан, молидан, нолидан, оростан, пухтан, рафтан, рӯидан, сохтан, сӯхтан, тафсидан, фаҳмондан, хӯрдан, часпидак, шоридан ва ғайра.

Дар ҷумлаҳои зерин ба таври мустақил омадани ин гуна феълҳоро мебинем: Албатта, маърӯзаи ӯро м**ешунавем** ва чораи корашро **меандешем** *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ҷавонмарди дасту по гумкарда аз куҷо **медонист**, ки бача... об **мепурсид** *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Маълум шуд, ки маро **намешинохтаед?** (Ҳ. Карим, Оқшуда).

Феълҳое, ки дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ иштирок карда, барои ташкили категорияҳои феъл ва ифодаи вазифаву маънои таркибҳои феълӣ хизмат мекунанд, **феълҳои ёридиҳанда ном доранд.**

Дар забони ҳозираи тоҷик шакли таркибии феълҳо хеле инкишоф ёфтааст ва чунин шаклҳои феълӣ қисми муҳимми феълро ташкил медиҳанд. Аз ин

ҷиҳат адади феълҳои ёридиҳанда зиёд, доираи вазифаи грамматикиашон васеъ ва тобиши маъноии онҳо гуногун мебошад.

Феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ аз ду қисм иборат мешаванд: қисми асосӣ (соҳибмаъно), ки маънию мафҳуми асосиро ифода менамояд ва қисми ёридиҳанда, ки барои адои вазифаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои маъноӣ хизмат мекунад. Қисми асосии феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ (феъл ва ҳиссаҳои номӣ), вале қисми ёридиҳанда ҳамеша аз феъл иборат мебошад. Қисми асосӣ вобаста ба мазмуну мақсади сухан тағир ёфта меистад, аммо қисми ёридиҳанда бетағир мемонад.

Феълҳои **кардан, намудан** (ба маънои кардан), шудан, гардидан (гаштан), сохтан ҳамчун ёридиҳанда феъли таркибии номӣ месозанд, ки қисми асосии ин гуна феълҳои таркибӣ аз ҳиссаҳои номии нутқ иборат аст: **сӯҳбат кардан, кор кардан, тайёр намудан, хоҳиш намудан, озод шудан, сурх шудан, омода гардидан, намудор гаштан, муҳайё сохтан** ва м. ин.

Гоҳо (Ҳамида) бекор монад ҳам, ба зеҳбофӣ машғул **мегардид...** *(А.* Деҳотӣ, Куллиёт, ч. III).

Аз феълҳои ёридиҳанда **кардан, намудан ва шудан** дар феълсозӣ хеле сермаҳсул ва серистеъмол буда, феълҳои гардидан (гаштан), сохтан, додан, кашидан ва ғ. нисбатан камистеъмол мебошанд: Ҳар гоҳе ки падараш дар хотираш меомад, оҳ мекашиду гиря мекард, лекин модараш бо ҳар гуна суханҳои ширин ва бозичаҳо тасаллӣ медод *(*А. Деҳотӣ, Куллиёт, ч. III).

Дар назар ӯ ҷилва **созад** гоҳ-гоҳ
Аз ақиби пардаи абри сиёҳ.
*(*М. Турсунзода, Дар ёди кас).

Феълҳои ёридиҳандаи **будан, истодан, гаштан, шудан** ва ғ.дар таркибҳои гуногуни феълӣ омада, барои ташкили шакл ва ифодаи категорияҳои грамматикии феъл (тарзи мафъул, намуди давомдор, замони гузаштаи дур ва ғ.) хизмат мекунанд. Қисми асосии ин гуна таркибҳои феълӣ аз феъл иборат бошад, ба шакли феъли ҳол меояд (ёридиҳандаи феъли таркибии номӣ низ ҳамчунин), аммо феълҳои ёридиҳанда ба шакли тасрифӣ оварда мешаванд. Масалан: Он кас сиҳат **шуда истодаанд** *(Р.Ҷалил,* Шӯроб). Боз диққати ҳама ба тарафи хат **кашида шуд** *(Ҳ.*Карим, Оқшуда). Бисёр дида мешавад, ки якчанд феъли ёридиҳанда паси ҳам дар як таркиби феълӣ меояд, ки ҳар кадоми он дорои вазифа ва тобиши муайяне мебошад. Чунончи: Мӯе, ки ғунучин карда, ба қабзаи шона **дода шуда буд**, аз дарозиаш хабар медод.— Аз дусад нафар зиёда саворони мусаллаҳ... дар ялангии қишлоқ саф **кашида истода буданд** *(Ҳ.Карим,* Оқшуда).

Адади феълҳои ёридиҳанда аз ҳисоби феълҳои мустақил, ки дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳанда хизмат мекунанд, хеле меафзояд. Масалан, феълҳои таркибии масдарӣ бо ёрии гирифтан сохта мешаванд (**хондан гир, навиштан мегирам, омадан гирифт, рафтан мегирифтааст** ва ғ.). Ин гуна таркибҳо бо ёрии гирифтан давомнокии амал ва таъсиру ҳолатро ифода мекунанд: Ба ҷои ин аз чашмонаш ашкҳо **рехтан гирифтанд** *(Ҳ.*Карим, Оқшуда). Духтарча овози ӯро шунида, аз гиря бозистод ва хӯсида-хӯсида гоҳ ба Дилбар гоҳ ба Давлат нигоҳ **кардан гирифт** *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Бо ёрии феълҳои **додан (гуфта додан), гирифтан (навишта гирифтан), фиристодан (хандида фиристодан), мондан (омадаондан), рафтан (сурх шуда рафтан)** ва амсоли инҳо феълҳои таркибии ҳоли ба вуҷуд меоянд, ки хеле сермаҳсул ва серистеъмоланд: Ман мактуби дуру дарозе **навишта додам**.— Кор аввал оҳиста-оҳиста давом намуд, баъд авҷ **гирифта рафт**.— Вақте ки ман ин ҳодисаро шунидам, аз хурсандӣ **гиря карда фиристодам** *(Ҳ.Карим,* Оқшуда). Дар Бойсун аскарҳои мо истода монданд *(*Ҷ.Икромӣ*,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Хелҳои дигари чунин феълҳои ёридиҳанда ва тарзҳои гуногуни истеъмоли онҳо низ мавҷуд аст *(*ниг. Сохти феълҳо).

## ФЕЪЛҲОИ МОДАЛ/

Як гурӯҳи махсуси феълҳои ёридиҳандаи забони тоҷикӣ бо маънои луғавӣ ва моҳияти грамматикии худ муносибати ба воқеият доштаи мазмуни суханро ифода мекунанд ва аз ин ҷиҳат дорои тобишҳои сиғавӣ мебошанд. Ба ин маънӣ ин гуна феълҳои ёридиҳанда «феълҳои модалӣ» низ номида мешаванд, ки инҳоянд: **тавонистан, хостан, боистан, шоистан.**

## ТАРЗҲОИ ФЕЪЛ

Феълҳо вобаста ба маъно ва доираи муносибатҳои грамматикиашон дорои хусусиятҳои гуногун мебошанд. Ба туфайли гуногунии хел ва шаклу тарзи ифода табиат ва хусусияти робитаҳои грамматикии феълҳо, муносибати феъл бо фоилу мафъул (субъект ва объект) муайян мегардад. Феълҳои монда ва гузаранда, бевосита ва бавосита, тарзи фоил ва мафъул маҳз ҳамин қисмати феълро ташкил медиҳанд.

## ФЕЪЛҲОИ МОНДА ВА ГУЗАРАНДА

Як хусусияти барҷастаи феъл он аст, ки шаклҳои вай вобаста ба сохту таркиб ва тобишҳои маънои луғавии худ муносибати нисбат ба фоил (субъект) ва мафъул (объект) доштаи амалро мефаҳмонад ва дар ин бобат тарзи алоқаҳои морфологию синтаксисиро муайян мекунад. Масалан: Гулнор инро ҳам **медонист**, ки Ёдгор фақир ва камбағал аст *(С.Айнӣ,* Дохунда). Роҳат,—**гуфт** ва ба пеши аскарон омада, дар қатори дигарон ин ҳам ба рӯи алаф ғел зад *(Х*.. Карим, Оқшуда).

Чунон ки маълум аст, маъни ва муносибати бо фоилу мафъул доштаи амал, ки дар ин ҷумлаҳо бо феълҳои гуногун ифода меёбад, якхела нест. Ин аст, ки аз рӯи муносибати байни фоилу мафъул ва муносибати амал бо онҳо хамаи феълҳои забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд, ки ҳар кадом дорои хусусиятҳои грамматикии худ мебошад: як гурӯҳ феълҳои монда, гурӯҳи дигар феълҳои гузаранда ном дорад.

**Феълҳои монда**. Феълҳое, ки ба мафъул (объект)-и бевосита гузаштани таъсири амалро намефаҳмонанд, феълҳои монда номида мешаванд. Масалан: **хестан, нишастан, баромадан, дамидан, давидан, ларзидан, омадан, сӯҳбат кардан, вохӯрди кардан, ғалаба кардан, раҳсипор гардидан, хомӯш шудан, хиҷолат кашидан** ва м. ин.

Ин гуна феълҳо аз рӯи маънии луғавии худ ва ё маънон ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ бевосита бо фоил (субъект) алоқаманд буда, пайваста ба ҳамин бо пуркунандаи бавосита ва ҳол муносибат дошта метавонанд. Аз ин

ҷиҳат саволҳои пуркунандаи бевосита **чӣ?, чиро?, киро**? бо феълҳои монда кор фармуда намешавад. Масалан, дар ҷумлаи «**Салим аз ҷояш озод хест» муносибати амал бо аъзоҳои дигари ҷумла ба тарзи зер воқеъ мешавад: хест — кӣ? — Салим (мубтадо), аз куҷо?—аз ҷояш (ҳоли макон), чӣ тавр? — озод (ҳоли тарзи амал).**

Муносибати ҳамаи феълҳои монда бо аъзоҳои синтаксисӣ низ ҳамин тавр мебошад: **Фирӯза ба ҳуҷраи таи айвони дарвозахона даромад, Мирак ба рӯи суфаи таи айвон нишаст** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). **Ришу мӯйлабаш ларзиданд**.*(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Феълҳои таркибии номии монда бо феълҳои гуногуни ёридиҳанда сохта мешаванд, аз ҷумла онҳое, ки бо ёридиҳандаҳои ҳаммаънои **шудан, гардидан ва гаштан** сохта шудаанд, феълҳои монда мебошанд: Ҳамин тавр, се-чор дарс мехонданду ҷавоб мешуданд *(Ҷ.*Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Давлат ҳайрон мешуд, ки ин ҷавон чӣ қадар пурдон аст *(Р.* Ҷалил, Шӯроб).

**Феълҳои гузаранда**. Дар ҷумлаҳои зерин феълҳо бо аъзоҳои гуногуни ҷумла алоқаманд бошанд ҳам, муносибати мафъулии онҳо мавқеи асосӣ дорад ва он бо пуркунандаи бевосита вобаста мебошад: Ман дар ин ҷо гӯсфанд мечаронам *(*С. Айнӣ, Дохунда). Ронанда мошинро ба каноре баровarда нигоҳ дошт.(Ф. *Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Давлат ӯро шинохт *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Муносибати мафъулии феълҳои гузаранда аз ин қабил аст: **Мечаронам — кӣ? — ман (мубтадо), дар куҷо? — дар ин ҷо (ҳоли макон), чӣ?— гӯсфанд (пуркунандаи бевосита); нигоҳ дошт— кӣ? — ронанда (мубтадо), чиро? — мошинро (пуркунандаи бевосита), дар кадом вазъият?—ба каноре баровarда (ҳол); шинохт — кӣ? — Давлат (мубтадо), киро? — ӯро (пуркунандаи бевосита.**

Ҳамин тариқа, феълҳое, ки бевосита ба объект гузаштани таъсири амал, яъне ғайр аз муносибати субъектӣ маҳз ба объект нигаронида шудани амалро мефаҳмонанд, **феълҳои гузаранда** ном доранд. Чунончи: **омӯхтан, ғундоштан, поидан, овардан, дидан, донистан, кашидан, коридан; такрор кардан, пешвоз гирифтан, омода сохтан, муайян намудан** ва м. ин.

Баъзе феълҳо вобаста ба маънӣ, мавқеъ ва муносибати бо аъзоҳои ҷумла доштаашон гоҳ чун феъли монда, гоҳ чун гузаранда меоянд, масалан: шикастан, пухтан, рехтан: **коса афтоду шикаст (монда) —вай косаро шикаст (гузаранда); гелос пухт** — **ширбиринҷро Ҳомид пухт**; **об аз сатил рехт** — **вай дар зери ниҳолҳо об рехт.**

Ҳамчунин баъзе феълҳои таркибии номӣ вобаста ба маънои луғавии чузъи номиашон монда ва ё гузаранда шуда метавонанд, Чунончи: **дам гирифтан** (монда), **пешвоз гирифтан** (гузаранда); **гулдурос задан — чағ задан; ханда кардан — тоза кардан; кор кардан — такрор кардан** ва ғайра.

Ҳодисаи ҳайратангезе **рӯй дод.** Даря мехост барои Давлат шуда худро ором, хотирҷамъ **нишон диҳад** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Пагоҳ сӯҳбат **мекунем**. *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Онҳо... аз пеши полизи Саидпаҳлавон гузашта истода ӯро табрик **мекарданд (***Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Аксарияти феълҳои таркибии номии гузаранда бо феъли ёри-диҳандаи **кардан** ва ҳаммаънои он намудан сохта мешавад: иҷро кардан (намудан), хурсанд кардан (намудан), даъват кардан (намудан), тайёр кардан (намудан) ва м. ин

## ФЕЪЛҲОИ БЕВОСИТА ВА БАВОСИТА

Феълҳо аз ҷиҳати воситаи иҷрои амал ва муносибати бо он доштаи фоилу мафъул бевосита ва бавосита мешаванд: Давлат Ҷамиларо бардошта, ба боми заминкан баромада, ўро ба палос нишонду аз хона тухмбирён ва ширро бароварда ба Ҷамила хўронд ва худаш ҳам хўрд *(Р. Ҷалил,* Шўроб).

Чунон ки дида мешавад, дар ин мисолҳо маъно ва муносибати грамматикии феълҳои хонад ва хононад, хўрд ва хўронд як хел нест: яке ҳамчун феъли бевосита, дигаре ҳамчун феъли бавосита омадааст.

Фелҳои бевосита аз тарафи фоил (субъект) барои худи фоил воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд. Ба ин гурўҳ ҳам феълҳои монда дохил мешаванд, ҳам феълҳои гузаранда. Чунончи: Акбар дар суфачаи дарвозахона нишаст *(*Р.Ҷалил, Шўроб). Аҳмадбек ба қафо нигарист.*(*Ф.Муҳаммадиев*,* Сози Мунаввар). **Фурсате гузашту Ҷамилаи дар рўи ҷогаҳ хамёзаю дарозкашида чашмакони сиёҳашро пўшид** *(Р.Ҷалил,* Шўроб).

Феълҳои бавосита ё барои мафъул воқеъ гардидани амал ва ё ба воситае иҷро шудани амалро мефаҳмонанд.

**Шаклҳои бавоситаи феъл бо роҳи ба асоси замони ҳозира хамроҳ кардани суффикси -он (-ён) сохта мешаванд. Ҳамаи феълҳои бавосита феълҳои гузаранда мебошанд ва онҳо моҳиятан ду гурўҳанд.**

Гуруҳи якуми феълҳои бавосита аз феълҳои монда сохта мешавад, монанди: **рафтан — равондан, ҷунбидан — ҷунбондан, афтодан — афтондан, гузаштан — гузарондан** ва ғ.

Аксарияти феълҳои бавоситаи гурўҳи якум маҳз барои мафъул воқеъ шудани амалро мефаҳмонад ва ба ин восита хусусияти гузарандагии ин гуна феълҳо бо роҳи таъкид қувват мегирад. Масалан: гузаштан — гузарондан, афтодан — афтондан, кўчидан — кўчондан, нишастан — шинондан, гаштан — гардондан, хобидан — хобондан; ҷингирос задан — ҷингирос занондан.

Аз феълҳои **омадан, зистан, будан, шудан** бо суффикси -он шакли бавосита сохта намешавад (аз шудан гоҳо дар забонн гуфтугў сохта шудани чунин шакл мумкин аст: шав — шавондан).

Гурўҳи дуюми феълҳои бавосита аз асоси замони ҳозираи феъли гузаранда бо иловаи ҳамон суффикси **-он (-ён**) сохта мешавад. Ин гуна феълҳои бавосита тавассути каси дигар иҷро шудани амали фоилро мефаҳмонанд, яъне амали шахси дигар ҳамчун натиҷаи амали фоил (субъект) воқеъ мегардад. Чунончи: хондан — хонондан, хўрдан — хўрондан, коридан — корондан, **чидан — чинондан, бастан — бандондан, кандан — канондан, пурсидан — пурсондан, овардан — оварондан, фуровардан — фуроварондан, омўхтан — омўзондан. рехтан — резондан, шинохтан — шиносондан, гирифтан — гирондан, навиштан** — нависондан ва ғ. (ба маънни навиштан кор фармудаии шакли нависондан хоси лаҳҷа аст, нормаи адабӣ нест).

Вай... дами гарме тайёр намуда, ба ҷону ҳоли меҳмононаш намонда, ба онҳо нимшокосагӣ хӯронд*(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Феълҳои таркибии номии гузаранда ҳам бо суффикси **-он** айнан дорои ҳамин гуна хусусияти маъноӣ ва грамматикӣ мебошанд: қайд кардан — қайд кунондан, суст кардан —суст кунондан, қоил кардан — қоил кунондан, даъват кардан — даъват кунондан ва ғ.

Дар ин қабил феълҳои таркибии номӣ муайянкунандаи моҳияти грамматикии амал ҳиссаи номӣ не, балки феъли ёридиҳанда мебошад, ки бо суффикси -он (-ён) омадааст. Чунончи:

Баъзе феълҳои содда ва таркибии бавосита, ки аз феълҳои монда бо суффикси -он сохта шудаанд, аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ба гурӯҳи дуюми феълҳои бавосита медароянд: давидан — давондан, рақсидан—рақсондан, шиштан — шинондан, гурехтан — гурезондан, гап задан — гап занондан ва м. ин. **Ғолибонро бо чашми адӯ нигоҳ мекард ва бо хашму ғазаб ба пеш сур менамуд, медавонд, мерақсонд** (Ҳ. Карим,_ Оқшуда).

Як хусусияти феълҳои бавосита ин аст, ки дар аксарияти онҳо дар шаклҳои гуногуни феълҳои замони гузашта пас аз суффикси **-он (-ён)** овози **и** пайдо мешавад. Вале чунин тағири ҷузъии шакл ба маънӣ таъсир намекунад ва аз ин рӯ ҳар ду шакли феълҳои бавосита баробармаъно ва серистеъмол аст: расондан — расонидан, ёзондан — ёзонидан, рӯёндан — рӯёнидан, даргирондан — даргиронидан, гузарондан — гузаронидан, печондан — печонидан, паррондан — парронидан, мубаддал гардондан — мубаддал гардонидан ва ғ.

Чунончи, феълҳои бавоситаи ду ҷумлаи аввалро бо феълҳои бавоситаи ҷумлаҳои дигар муқоиса кунед: Ман ҳар рӯз як соат вақтамро сарф карда, ӯро алифбо хонондам *(С.Айнӣ,* ёддоштҳо). Вай... нишастагонро як аз назар гузаронду пас оҳистекак ба гап сар кард *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

## НАМУДҲОИ ФЕЪЛ

Феълҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати ифодаи ҳадду ҳолати иҷрои амал, яъне лаҳзаи замонии иҷро, анҷом ва ё ҷараёни ҳаракату ҳолат гуногунмазмун мешаванд. Баъд аз соате дубора дари обхона кушода шуд, боз касеро монанди буз ҳаво доданд ва дарро баста рафтанд *(С.*Айнӣ, Дохунда.)

Дар ин ҷумла феълҳои **кушода шуд**, **ҳаво доданд, рафтанд** лаҳзаҳои ҷудогонаи амал ва анҷоми онро мефаҳмонанд. Дар ин гуна феълҳо баробари хотима ёфтани вақти амал натиҷаи он ҳам маълум аст.

Феъли **шуда гузашт** дар ҷумлаи зерин оғозу анҷоми амалеро мефаҳмонад, ки дар он мурури ҳодиса низ тасаввур карда мешавад. Инчунин феълҳо ва таркибҳои феълие низ ҳастанд. ки вобаста ба сохту маънии худ иҷрои **мӯлкаратӣ** ва ё **давомнокии** амалро мефаҳмонанд ва дар онҳо ҷараёни ҳолату ҳаракат ифода меёбад. Чунончи: **мешунидам, мехонад, таҳсил дорад, омада истодааст, гуфтан гирифт, навиштан мегиранд** ва м. ин. Мисол: Аммо ҷӯраҳо ба тарзи эҳтиром ӯро Махсум ва ё Махсумҷон **мегуфтанд.***(*Ҷ.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро)

## ФЕЪЛҲОИ ШУҲУД/ ВА НАҚЛ/

Ҳамаи феълҳо аз рӯи муносибати фоил ба маънои иҷрои амал ва ҳолату вазъият боз ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд:

1) феълҳои шуҳудӣ,

2) феълҳои нақлӣ.

Ин тақсимот дар забони ҳозираи тоҷик фақат ба шаклҳои тасрифии феълҳо дахл дорад.

**Феълҳои шуҳудӣ.** Феълҳое, ки дар иҷрои амал ва оғозу анҷоми он ҳамчун шоҳиди кору ҳол муносибат доштани фоил (гӯянда)-ро мефаҳмонанд, феълҳои шуҳудӣ номида мешаванд.

Аксарияти шаклҳои замони гузашта, инчунин шаклҳои замони ҳозира ва оянда, ки маънои чун шоҳиди амал сухан кардани фоилро ифода мекунаид, ба гурӯҳи феълҳои шуҳудӣ дохил мешаванд. Чунончи: **афтид, баргаштам, наомадӣ, фаро гирифтанд, мехонондем, ҷеғ зада бурданд, идора мекард, рафта истода буд; хандида истодааст, меравем, хсҳанд гуфт** ва м. инҳо. Ба рӯи дастурхон ду-се нон, косаи ҷуғрот ва дар табақчае намак гузошт, ба ошхонаи худ **баргашт (***Ф.Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Ҳайдарқулро соати чори саҳар омада ҷеғ зада б**урданд** *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

**Феълҳои нақлӣ.** Феъли нақлӣ амалеро мефаҳмонад, ки фоилаш дар бораи вуқӯи он на ҳамчун шоҳиди бевосита, балки аз рӯи шунида ва сарчашмаҳои дигар сухан мекунад. Масалан: дидааст, шикастаанд, сохта будааст, медодааст, менависондаанд, гуфта мегаштанд.

## СИҒАҲОИ ФЕЪЛ

Сиға яке аз хусусиятҳои фарққунандаи феъл аст. Гӯянда вуқӯъ, ҷараён ва анҷоми амалро баён карда, муносибати нисбат ба воқеият доштан онро муайян менамояд. Муносибати амал ба воқеият сиға номида мешавад.

Дар забони тоҷикӣ чор сиға ҳаст ва ҳамаи шаклҳои замонии феълҳо аз рӯи маънӣ ва хусусияти воқеияташон ба ин сиғаҳо мансуб мегарданд: сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи амр, сиғаи эҳтимолӣ.

## СИҒАИ ХАБАР/

Сиғаи хабарӣ воқеъ шудан ё нашудан, тасдиқ ё инкор ва ё қайд карда шудани факти амалро мефаҳмонад. Ба ин сиға чунин шаклҳои шуҳудӣ ва нақлии феълҳои замони гузашта, инчунин баъзе шаклҳои замони ҳозира ваояндаи феълҳо мансубанд:

**Замони гузаштаи наздик** (гуфтам, сӯҳбат кардам, ба даст овардам, хондан гирифтам); **гузаштаи дур** (омада будам, кор карда будам, нависонда будам); **гузаштаи давомдор** (дошта истодам, гуфта истод); **гузаштаи дури давомдор** (омада истода будам, рафта истода буд); **гузаштаи ҳикоягӣ(**медидам, мебастам, гӯш меандохтам); гузаштаи давомдори ҳикоягӣ (рафта меистодам, омада меистод); гузаштаи нақлӣ (кандаам, кандаӣ, кандааст); **гузаштаи нақлии дур** (рафта будааст, зиндагӣ карда будааст); гузаштаи нақлии ҳикоягӣ (мебардоштааст, мефуровардааст). Чанд мисол: Рӯзи истироҳат соатҳои нӯҳ аз хоб бархостам.— Саид Амон ба назди Мунавваршоҳ рафта истоданашро фаромӯш карда буд.— Мунавваршоҳ ба ин сӯ кема меронд. (Ф. *Муҳиммадиев,* Сози Мунаввар). Ба назари Ёдгор ин мулло шинос барин

менамояд, аммо ба ёдаш намерасид, ки ӯро дар куҷо ва кай дидааст (С. *Айнӣ,* Дохунда).

## СИҒАИ ШАРТ/-ХОҲИШМАНД/

Феълҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунанд, ки гӯянда воқеъ гардидани онро раво, имконпазир ва ё вобаста ба шарте медонад. Яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартӣ-хоҳишмандӣ буда, вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркиби тобишҳои замони ва маъноӣ ифода меёбанд.

1. Шакли бошад (аз будан) дар ҷумла ба вазифаи пайвандаки хилофӣ низ кор фармуда мешавад: Баққол бошад, ба ин суханҳо гӯш намедод *(С. Айнӣ,* ёддоштҳо).

2. Дар забони ҳозира аз феъли будан шакли кӯҳнаи хоҳишмандӣ—шахси сеюми танҳо бод ва бо садоноки **о бодо** боқӣ мондааст, ки дар шиорҳо, зарбулмасал, табрик ва таҳқир кор фармуда мешавад: **Зинда бод! Ҳар чи бодо бод! Муборак бод! Муҷда бодо! Забони бадгӯён бурида бод!**

Замон ва тобишҳои маъноии феълҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ вобаста ба сохту робитаҳои синтаксисӣ ва оҳанги гуфтор низ равшан мегардад. Ҳамаи тобишҳои маъноии ин сиға, ки бештаринашон аҳамияти услубӣ доранд, ба ду маънии умумӣ ва асосӣ, яъне шарт ва майлу хоҳиш марбутанд. Дар забони ҳозираи тоҷик ду тарзи баёни маъниҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмаидӣ маъмул аст:

Тобишҳои маъноии сиға бо худи шаклҳои феълӣ алоқа мандона бо сохти ҷумла, робитаҳои синтаксисӣ ва оҳанг ифода меёбанд. Калимаҳои махсуси ёридиҳанда кор фармуда намеша ванд. Масалан: Тӯйро ба чор кас маъқул карда **гузаронем** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

Дар нутқ фаҳмидан мехостам, ҷӯр кардан мехостам, пӯшидан мехоҳад барин таркибҳо худ ба худ маънои майлу хоҳишро ифода мекунанд. Аммо дар ҷумлаҳои мураккаб маҳз дорои чунин маъниҳо будани аорист бо феълҳои дар сарҷумла омадаи **хостан, тавонистан** ва ҳаммаъноии онҳо таъкид меёбад. Чунончи: Дар баҳор ҳар кас мехоҳад, ки озодонатар нафас кашад, аз хонаи тангу тор, аз байни чор девор барояд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Усто Оқил мехост, ки ҳунари худро ба писараш мерос гузорад *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Аммо ҷаноби шумо, охир, метавонед, ки инро ба тарзи дигар нависед, ба ман ҳамчун яке аз мухлисҳои худ назар кунед *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Феълҳое, ки асосашон аз сифати феълии замони оянда гирифта шудааст, бо маънои грамматикии худ низ ба сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ мансубанд. Ҷузъи асосии чунин феълҳо сифати феълии замони оянда буда, он аз масдар бо иловаи суффикси-ӣ сохта мешавад. Чунончи: **рафтанӣ, диданӣ, тафтиш карданӣ, аз назар гузаронданӣ, дида баромаданӣ** ва ғайра.

## СИҒАИ АМР/

Сиғаи амр изҳори хоҳишу супориш, фармону таъкид ва водор кардан ба амалеро, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад.

Ҳарчанд ки аз рӯи маъно ва оҳанги сухан баъзан аорист ва дигар шаклҳои феълӣ ба сиғаи амр наздик мешаванд, дар забони тоҷикӣ шакли асосии сиғаи

амр феъли фармоиш мебошад, ки бо майли замони оянда ба гурӯҳи феълҳои замони ҳозира-оянда дохил мешавад.

Феъли фармоиш фақат як шахс, яъне шахси дуюми танҳо ва ҷамъ дорад. Шахси дуюми танҳои он бо асоси феълии замони ҳозира баробар аст. Чунончи: рав, бин, биёр, дам гир. Шахси дуюми ҷамъ бо роҳи ба асос ҳамроҳ кардани бандаки феълии **— ед,** гоҳо — **етон** ифода меёбад, Масалан: равед — раветон, бинед — бинетон, биёред—биёретон, гиред—гиретон ва ғ. Ту худдорӣ карда аз роҳҳои ниҳонӣ поёнтар фуро, агар дидӣ, ки ясавул духтаратро дастгир карда бурданӣ аст, бо ғелонидани санге ба мо хабар деҳ *(С.Айнӣ,* Дохунда).

Шакли тасрифии сиғаи амр феълҳои таркибии номӣ, таркибии масдарӣ ва таркибии ҳолӣ бо феълҳои ёридиҳандаи онҳо сурат мегирад. Масалан: роҳат кун — роҳат кунед — роҳат кунетон; дам гир — дам гиред — дам гиретон; тайёр шав — тайёр шавед — тайёр шаветон; омадан гир — омадан гиред — омадан гиретон; навишта мон — навишта монед — навишта монетон ва м. ин.

Шакли инкории сиғаи амр низ вобаста ба матн хоҳишу таъкиди нарму навозишкорона ва ё, баръаке. ҷиддият, сарзанишу эътироз ва манъи кору ҳолеро ифода мекунад. Чунончӣ: Боз маъзарат мехоҳам, хаста нашавед *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ту ғам нахӯр, додарҷон *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Зебӣ, Зебиҷон, гиря накун. Ба болои сӯхта намакоб мапош *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

Шакли сиғаи амрии феъл баъзан бо ҷонишинҳои шахсӣ (ту, шумо — шумоҳо, шумоён) ва аксар бе ҷонишни истеъмол мешавад. Бо ёрии калимаҳои модалии мабодо, ҳаргиз, албатта маънии лозима махсус таъкид мешавад. Шакли амрии феъли омадан (биё — биёед — биёетон) низ ба маънии модалӣ омада, ҳамин гуна тобиш ба вуҷуд меоварад, Ҳиссачаи –ҷӣ ҳам ҷилои услубии гуфтугӯӣ пайдо мекунонад, Чунончи: Мабодо ин гапҳоро аз даҳонатон набароред! — Биёед, суруди модари озод, таронаи модари хушбахти моро бишнавед! *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Ин гапҳои пандомезро харгиз фаромӯш накун, додарам! —Ҳамин вақт ба куча баромада як давр зада оед-чӣ? *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр).

Шакли амрии феъли омадан (биё, биёед), мондан (мон, монед), гузоштан (бигузор бигзоред), хестан (хез, хезед) ҳамчун калимаи модалӣ омада, дар ҷумла ба шаклҳои ҳозира-оянда тобиши ҳукму фармоиш мебахшад: Монед, равад! Бигзор, хонад! Хезед, хонаро ғундорем! Биёед, давр мезанем.

Сиғаи амр шакли бавосита ҳам дорад, ки он монанди ҳамаи феълҳои бавосита тавассути фоили дигар шудан ё нашудани амалро мефаҳмонад: хон — хонон; хонед — хононед; навис — нависон; нависед — нависонед ва ғ.

Аммо шаклҳои кашон — кашонед, пӯшон — пӯшонед, гирон — гиронед даргирон — даргиронед ва ғ. аслан бавосита бошанд ҳам, дар мавридаш аз сабаби суст шудани чунин маъно ҳамчун феъли бевосита истеъмол мешаванд.

## СИҒАИ ЭҲТИМОЛ/

Сиғаи эҳтимолии феъл дар бораи воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолат аз рӯи тахмин, эҳтимол, гумон ва шубҳа сухан кардани гуяндаро мефаҳмонад.

Шаклу воситаҳои ифодаи сиғаи эҳтимолӣ низ гуногун буда, замони гузашта, ҳозира ва оянда доранд. Маънии замонии ин гуна шаклҳои феълӣ ҳам вобаста ба сохту таркиби онҳо, сохти ҷумла ва оҳанги сухан ифода меёбад. Шакли маъмулу серистеъмоли сиғаи эхтимолӣ аз сифати феълӣ гирифта мешавад, ки он ду тарзи ифода дорад: шакли пурра ва шакли мухтасар.

Таркиби шакли пурраи феъли эҳтимолӣ аз сифати феълии замони гузашта бо суффикси **–гӣ**, ба шакли ихтисори **ст** ба он васл ёфтани ҳаст ва иловаи бандакҳои хабарӣ иборат мебошад.

Шахси сеюми танҳо ҳамчун асос бе бандак меояд. Чунончи, тасрифи феъли **хондан** ба тарзи пурраи сиғаи эҳтимолӣ чунин аст:

| Танҳо . | Ҷамъ | |
|---|---|---|
| 1. | **хондагистам** | **хондагистем** |
| 2. | **хондагистӣ** | **хондагистед** |
| 3. | **хондагист** | **хондагистанд** |

Шакли мухтасари чунин феълҳои эҳтимолӣ низ аз рӯи қоидаи баёншуда сохта шавад ҳам, аз он як андоза фарқ дорад: шакли ихтисори калимаи ҳаст (ст) фақат дар шахси сеюми танҳо дида мешавад; Зада одатан дар ҳиҷои аввал меояд:

| Танҳо | Ҷамъ | |
|---|---|---|
| 1. | хондаги**ям** | хондаги**ем** |
| 2. | хондаги**ӣ** | хондаги**ед** |
| 3. | ходаги**ст** | хондаги**янд** |

Дар айни ҳол ин ду тарзи ифодаи сиғаи эҳтимолӣ шаклҳои замони гузашта буда, барои шаклҳои дигари замони сиғаи эҳтимолӣ низ ҳамчун асос хизмат мекунад. Дар забони гуфтугӯ ва лаҳҷаҳо истеъмоли шаклҳои дигари нн сиға низ дида мешавад: Бечора, балки ин модар доштагист, ки вай ҳам ман барин муштипар ва барҷомонда будагист (Х *Карим,* Оқшуда). Ягон моҳ шудагист *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Шакли эҳтимолии феъли **будан** аксар замони ҳозира, гоҳо замониояндаро мефаҳмонад. Масалан: Агар ҳамон фаранҷидор Пулод набошад, миёнаравак будагист. — Ягонта тақдир кардагиаш будагист-дия, — мегуфт *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Шодӣ ба идораи ҷамоа рафта буд,— гуфт мӯйсафед,—дар ҳамон ҷо будагист *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ).

Дар адабиёти бадеӣ ва забони гуфтугӯӣ шаклу воситаҳои дигари ифодаи сиғаи эҳтимолӣ ҳам мавҷуданд. Баъзан калимаи эҳтимол бо шакли эҳтимолии феъл дар як ҷумла омада, маънии сиғавиро таъкид мекунад: «Эҳтимол боз ягон чиз даркор будагист» гуфтанду ба кори худ машғул шуданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда).

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1.Феъл чист? ва чи гуна аломатҳои грамматикӣ дорад?

2.Асосҳои феъл чи гуна сохта мешавад?

3.Феълҳои гузаранда аз феълҳои монда чӣ фарқ дорад?Ҷонишинҳо аз рӯи маъно ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?

4.Сиғаҳои феъл чи гуна хусусият доранд?

5.Феълҳои тасрифшаванда аз феълҳои тасрифнашаванда чӣ фарқ доранд?

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.
5. Сиёев Б. Доир ба таърихи феълҳои забони адабии точик. Душанбе, Дониш, 1973.

*Маърӯзаи 11*

## *ТАСРИФИ ФЕЪЛҲО*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

### ТАСРИФИ ФЕЪЛҲО

Аз рӯи шахсу шумора тағир ёфтани асосҳо ва шаклҳои замонии феълҳо тасриф номида мешавад. Тасрифи феълҳо бо ёрии бандакҳои феълӣ ва хабарӣ воқеъ мегардад.

**Шахсҳои феъл**.

Феъл се шахс дорад.

Шахси якум — гӯянда **(ман, мо, моён),**

шахси дуюм — шунаванда (**ту, шумо, шумоён**) ва

шахси сеюм — ғоиб (**вай, ӯ, онҳо)** ном дорад.

Шахси ғоиб шахс, предмет ё ҳодисаеро мефаҳмонад, ки дар бораи он сухан меравад.

**Шумора дар феъл**. Феълҳо ду шумора доранд: шумораи танҳо ва шумораи ҷамъ. Воситаҳои ифодаи шахсу шумораи феълҳо бандакҳои феълӣ ва хабарӣ мебошанд.

Феълҳое, ки аз асоси замони ҳозира сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зерин тасриф меёбанд:

| **Шахсҳо** | **танҳо** | **ҷамъ** |
|---|---|---|
| шахси 1-ум | -ам (-ям) | -ем |
| шахси 2-юм | -й | -ед, -етон |
| шахси 3-юм | -ад (-яд) | -анд (-янд) |

Тасрифи феъли **рафтан** :

| | **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|
| 1. | ман рав**ам** | мо (моён) рав**ем** |
| 2. | ту рав**ӣ** | шумо рав**ед** |
| 3. | вай (ӯ) рав**ад** | шумоён рав**етон** (ед) |
| | | онҳо рав**анд** |

Тасрифи феъли **хондан** дар шакли замони ҳозира-оянда:

| | **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|
| 1. | ман мехонам | мо (моён) мехонем |
| 2. | ту мехонӣ | шумо (шумоён) мехонед (етон) |

3. ӯ (вай) мехонад онҳо мехонанд

Феълҳое, ки аз асоси замони гузашта сохта мешаваид, бо бандакҳои феълии зерин тасриф меёбанд:

| **Шахсҳо** | | **танҳо** | **ҷамъ** |
|---|---|---|---|
| 1. | шахси 1-ум | -ам | -ем |
| 2. | шахси 2-юм | -ӯ | -ет (-етон) |
| 3. | шахси 3-юм | — | -анд |

Шахси сеюми танҳо бо асоси замони гузашта як аст. Ин қоида барои шахси сеюми танҳои ҳамаи шаклҳои феълии бевосита аз асоси замони гузашта ҳосилшаванда умумӣ мебошад. Масалан:

Тасрифи феъли **дидан** дар шакли замони гузаштаи наздик (оддӣ):

1. ман дидам мо (моён) дидем
2. ту дидӣ шумо днбед
3. вай (ӯ) дид шумоён дидетон (ед)онҳо диданд.

Тасрифи феъли **навиштан** дар шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ:

| **Танҳо** | | **Ҷамъ** |
|---|---|---|
| 1. | ман менавиштам | мо (моён) менавиштем |
| 2. | ту менавишти | шумо менавиштед |
| 3. | ӯ (вай) менавишт | шумоён менавиштетон (ед) онҳо менавишт**анд**. |

**ТОБИШҲОИ МАХСУСИ ШАКЛҲОИ ТАСРИФ/ ВА ИФОДАИ ШАХСУ ШУМОРА**

Дар тарзи тасрифи феълҳо ва ифодаи шахсу шумора бо бандакҳои феълӣ хусусиятҳои зерин ҳамчун қоидаи забони тоҷикӣ ба эътибор гирифта мешаванд:

1. Баъзан дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба ҷои бандаки феълии шахси якуми танҳо (-ам) вобаста ба фоил (мубтадо) бандаки шахси якуми ҷамъ омада, тобишҳои махсуси услубиро ифода мекунад. Чунончи:

**Мо** метавон**ем**, ки соли таваллуди Саъдиро бо қиёси як сухани худи ӯ бо тахмине, ки аз ҳақиқат бисёр дур набошад, муайян намоем (С.Айнӣ, аз «Мухтасари бӯстон»). **Мо** ба ин фикри муаллиф низ ҳамроҳ шуда наметавон**ем** ... *(*А.Мирзоев*,* Сайидо ва мақоми ӯ...).

Дар ин мисолҳо (мо метавонем, мо... ҳамроҳ шуда наметавонем) ҷонишин ва бандаки феълии ҷамъ ба ҷои танҳо омада, хоксорона ва бо эҳтиром сухан карданро мефаҳмонад.

2. Бандаки феълии шахси дуюми ҷамъ **(-ед)** барои ифодаи ҳурмат нисбат ба шахси дуюми танҳо низ кор фармуда мешавад. Дар ин тарзи ифода ҳам бандаки феълӣ бо фоил (мубтадо) мувофиқат дорад, дар муомилот сeристеъмол аст ва дар адабиёт низ айнан истеъмол меёбад. Масалан:

Шумо ҳанӯз ҷавон ҳастед, аз дастатон корҳои бисёр меояд,— гуфт ба Ситора *(Ҷ.Икромӣ,* Ситора). Ин тавр бошад, барои чӣ шумо дафъаи гузашта бо

ман базӯр... хайру маъзур кардед? ё аз ягон кори ман хафа шудедмӣ? *(С.*Улуғзода, Навобод).

3. Бандаки феълии шахси дуюми ҷамъ **-етон** асосан ба нутқи гуфтугӯӣ хос буда, бештар бо шакли ҷонишини **шумоён, шумоҳо** ва баъзан бо шумо мувофиқат карда, шумораи ҷамъро ифода мекунад. Дар сурати бе фоил омаданаш ҳам мазмунан бо ҳамин шаклҳои ҷонишин мувофиқат дорад. Масалан: Хайр, бачаҳо, **шумо** гап зада шине**тон**, ҳолпурсӣ кунет**он** *(Ҷ.*Икромӣ Шодӣ). Хезе**тон**, зуд боше**тон**, вақт нагузарад (С.*Айнӣ,* Дохунда). Хуб оламу одами бисёрро дида омаде**тон**-мӣ?

4. Баъзан бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд** (-янд) барои ифодаи эҳтиром нисбат ба шахси дуюми танҳо (ба ҷои -ед) кор фармуда мешавад. Ин ҳол дар муомилаи расмии гуфтугӯӣ ва хаттӣ ба услуби махсус воқеъ мегардад. Масалан:

Канӣ марҳамат кун**анд**, аз боло гузаранд... бифармоянд... Пурсидан айб надорад, тақсирамон аз кадом қишлоқ мешаванд? (Ҳ.*Карим,* Оқшуда).

5. Бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд (-янд)** барои ифодаи шахси сеюми танҳо бо ду тобиши маъноӣ истеъмол ме шавад: якаш, бештар барои ифодаи ҳурмат ба шахси танҳо. Масалан: Воқеан, Саркор хеле гапи ҳақро гуфт**анд**. Ана аз барои ҳамин шавҳарам ҳамеша дар хонаанд ва корҳои майда-чударо карда мешинанд *(Ҳ.Карим,* Оқшуда).

6. Дар феълҳои тасрифӣ бандакҳои феълӣ одатан шахсҳоро далолат мекунанд ва аз ин сабаб, чунон ки дар баъзе мисолҳои боло ва ҷумлаҳои зерин дида мешавад, ҷонишин чун фоил (мубтадо, субъект) зикр наёбад ҳам, вай ба воситаи бандакҳои феълӣ ифода мегардад: Ягон рӯз апемро фиристонед, нағз мешавад *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Тасаввур кунед, ки шуморо ба даруни як тобаи азими пур аз реги тафсон гузоштанд *(А.Деҳотӣ,* Куллиёт, ч. III).

7. Феълҳо бо бандакҳои шахси якуми танҳо (баъзан), шахси дуюми танҳо (гоҳо бе бандак), шахси сеюми танҳо ва ҷамъ дар ҷумлаҳои бешахс ва умумишахс, дар зарбулмасалу мақолҳо ва иборaҳои устувор бисёр кор фармуда мешаванд, аммо маънии шахсу шумораи онҳо конкрет нест, балки умумӣ аст:

**Дара задам — девор кафид. Ту дидӣ, ман надидам. Кор кунӣ—нон мехӯрӣ. Дер ояд—шер ояд,—«Гӯсола каҳдон холӣ мекунад, бача нондон», гуфтаанд... (***С.Айнӣ,* Дохунда).— «**Орзу ба ҷавонон айб нест**» мегӯянд дар урфият *(Деҳотӣ,* Куллиёт, ч. III).

## ТАСРИФОТ БО БАНДАКҲОИ ХАБАР/

Бандакҳои хабарӣ, ғайр аз шахси сеюми танҳо, бо бандакҳои шахсии феъл баробаранд. Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо аст мебошад. Бандакҳои хабарӣ инҳоянд:

| **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|
| шахси якум -ам (-ям) | -ем |
| шахси дуюм –ӯ | -ед |
| шахси сеюм –аст | -анд (-янд) |

Бандакҳои хабарӣ аз ҷиҳати вазифаи грамматикӣ аз бандакҳои шахсии феъл фарқ доранд. Бандакҳои шахсии феъл фақат бо феълҳо (замони гузаштан наздик, дур, ҳикоягӣ, замони ҳозира—оянда, замони оянда—фармоиш,ояндаи дур—таркибӣ) меоянд. Аммо доираи вазифаи грамматикии бандакҳои хабарӣ танҳо бо феъл маҳдуд намешавад: онҳо ҳам бо як гурӯҳ феълҳо омада, шакли тасрифии феълҳоро месозанд, ҳам бо ҳиссаҳои гуногуни номии нутқ омада, хабарҳои номиро сурат медиҳанд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам шахсу шумораро мефаҳмонанд.

Аз феълҳо гурӯҳи феълҳои нақлӣ ва феъли замони ҳозираи давомдор бо ёрии «истодан» бо бандакҳои хабарӣ тасриф мешаванд. Дар тасрифи ин гуна феълҳо шаклҳои феълии **ҳаст** ва **будан** (**буд**, мебошад) ба вазифаи бандаки хабарӣ омада наметавонанд.

Тасрифи шакли нақлии феъли **сохтан:**

| **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|
| 1.ман сохта**ам** | мо (моён) сохта**ем** |
| 2.ту сохта**ӣ** | шумо (шумоён)сохта**ед** |
| 3. вай (у) сохта**аст** | онҳо сохта**анд** |

Тасрифи шакли нақлии гузаштаи ҳикоягӣ **аз бофтан**:

| | | |
|---|---|---|
| 1. | ман мебофтаам | мо мебофтаем |
| 2. | ту мебофтаӣ | шумо мебофтаед |
| 3. | вай (ӯ) мебофтааст | онҳо мебофтаанд |

Тасрифи шакли наклии замони гузаштаи дур **аз дидан**:

| | |
|---|---|
| 1.ман дида будаам | мо дида будаем |
| 2.ту дида будаӣ | шумо дида будаед |
| 3.вай (ӯ) дида будааст | онҳо дида будаанд |

Бандаки шахси дуюми ҷамъ **-етон** дар ин гурӯҳи феълҳо нисбат ба гурӯҳи феълҳое, ки бо бандакҳои шахсии феъл тасриф мешаванд, камистеъмолтар аст.

Хабарҳои номӣ (исм, сифат, шумора, ҷонишин, зарф) ва феълҳои хоҳишмандии аз сифати феълии замони оянда сохта мешудагӣ ҳам одатан бандакҳои хабарӣ қабул карда, ба таври грамматикӣ сурат меёбанд. Ба ин маънӣ хабарҳои номӣ ҳам тасриф мешаванд. Масалан:

Тасрифи исми **омӯзгор** ва сифати **хушнуд:**

| **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|
| **1.ман омӯзгорам,** | мо омӯзгорем, |
| хушнудам | хушнудем |
| **2.ту омӯзгорӣ,** | шумо омӯзгоред, |
| Хушнудӣ | хушнудед |
| 3.**вай омӯзгор аст**, | онҳо омӯзгоранд, |
| хушнуд аст | хушнуданд |

Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо **аст** ҳам дар феълҳо ва ҳам дар хабарҳои номии бо садонок хотимаёфта ба шакли **-ст** ихтисор мешавад, яъне аз аввали он овози **а** меафтад. Дар ин сурат ҷое ки аст ба шакли пурра аз калима ҷудо навишта мешуд, ба шакли ихтисор бо калима якҷоя навишта мешавад: рафтааст — рафтаст, мехондааст — мехондаст, омада истода-аст — омада

истодаст ва ғ. **мо аст** — **мост**, ӯ аст — **ӯст,** кӣ аст — **кист**, чӣ аст — **чист,** ҳаво аст — ҳавост, Бухоро аст — **Бухорост** ва м. ин.

**Ту кистӣ** ва аз куҷо меоӣ — духтар пурсид.— Номат чист? (С.*Айнӣ,* Дохунда). Дар паҳлуи чашмаи ба номи Носири Хисрав пайдо шудани дӯкони китоб рамзи хубест... *(Деҳотӣ,* Кул., ч. III).

Истеъмоли бандакҳои хабарӣ бо хабарҳои номӣ дорои ду хусусияти хос мебошад, ки он дар истеъмоли бандакҳои шахсии феъл ва умуман дар феълҳои тасрифшаванда маъмул нест.

Хусусияти якум ин, ки хабарҳои номӣ дар нутқ, дар ҷумла (насру назм) бе бандакҳои хабарӣ ҳам омада метавонанд, яъне ҳамеша бо бандакҳои хабарӣ сурат ёфтаашон шарт нест. Ба ин вазъият баъзан дар охири хабари номӣ омадани ҳиссача низ сабаб мешавад. М и с о л ҳ о: Оҳо,— гуфт ӯро шинохта вай,— ин Муқимбой-ку! *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).—Чӣ механдӣ, ин ҷо ҷои масхарабозӣ-мӣ?(Ф. Ниёзӣ, Вафо**).**

## СОХТИ ФЕЪЛҲО

Чунон ки дар ҳиссаҳои дигари нутқ дида мешавад, ифодаи маънӣ, тобишҳои маъноӣ ва грамматикии феъл ҳам вобаста ба сохту таркибҳои феълӣ ифода меёбанд. Ин гуна тобишҳои маъноӣ, грамматикӣ ва ҳатто услубиро дар категорияҳои феъли монда ва гузаранда, бевосита ва бавосита, шуҳӯдӣ ва нақлӣ, мутлақ ва давомдор, инчунин дар сиғаҳо ва шаклҳои замонии феълҳо мушоҳида кардем.

Пас, мурод аз сохти феълҳо муайян кардани шаклҳои феъл, тарзу воситаҳои калимасозӣ ва таркибсозии феълҳо мебошад, ки ифодаи маъниҳои феълӣ ба онҳо вобаста аст. Шакл — қолиби ифодаи маъност. Дар ҳақиқат маънои феъли **гирифтан** дигар асту **даргирифтан** дигар. Монанди ҳамин, феълҳои зерин, ки аз ҷиҳати шаклу таркиб фарқ мекунанд, аз ҷиҳати маъно ва тобишҳои маъноӣ ҳам фарқ доранд: **гаштан — баргаштан — бозгаштан, истодан — бозистодан, хӯр**ан — **вохӯрдан, намудан — вонамудан, тезонидан — тез кардан;** ҳамчунин таркибҳои феълии устувор кардан — устувор шудан — устувор гардидан, омада мондан, монда рафтан, гуфта додан ва ғайра.

Ғайр аз ин, дар тарзу мавриди истеъмоли услубии ин гуна шаклу таркибҳои феълӣ ҳам каму беш фарқ дида мешавад. Яке дар ҳамаи услубҳои забони адабӣ серистеъмол, дигаре камистеъмол ё хоси яке аз услубҳо мебошад; яке тобиши адабӣ китобӣ, дигаре хусусияти гуфтугӯӣ дорад; як тарзу воситаи феълсозӣ сермаҳсул, дигаре каммаҳсул аст ва ҳоказо.

Ҳамин тариқа, вобаста ба сохти феълҳо маъноҳои лозимаи луғавӣ, грамматикӣ ва тобишҳои услубии онҳо ифода меёбанд. Феълҳо аз ҷиҳати сохт гуногунанд, вале аз рӯи коидаҳои муайян таркиб ёфта, ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: Феълҳои содда, феълҳои сохта, феълҳои таркибӣ.

## ФЕЪЛҲОИ СОДДА

Феълҳое, ки аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба шакли холис (бе суффиксу префикси калимасоз) воқеъ шудаанд, феъли содда номида мешаванд. Масалан:

афтидан, боридан, бурдан, гаштан, гузаштан, гуфтан, давидан, дидан, додан, доштан, дӯхтан, ёфтан, задан, истодан, кофтан, кушодан, ларзидан, мондан. Феълҳои омадан, овардан, андохтан, пазируфтан ва пайвастан таърихан бо аффиксҳои о-, ан-, паз-, пай- сохта шудаанд. Вале бо мурури замон аз сабаби гум шудани тобиши маънон ва ҳамчун калимаи рехта ба ҳам омехтани ҷузъҳо ба гурӯҳи феълҳои содда дохил шудаанд.

## ФЕЪЛҲОИ СОХТА

Феълҳое, ки ба воситаи префикс ва суффиксҳои калимасози феъл сохта шудаанд, феъли сохта ном доранд. Чунончи: бардоштан, даромадан, бозгаштан, вохӯрдан, талабидан, коллективонидан, хонондан, шӯёндан ва ғайра.

Аффиксҳои калимасоз на танҳо маънии луғавии феълҳоро тағир медиҳанд, балки баъзе аз онҳо тобишҳои грамматикӣ низ ба вуҷуд меоваранд. Воситаҳои калимасози феъл инҳоянд:

## ПРЕФИКСҲОИ ФЕЪЛСОЗ

Дар забони ҳозираи тоҷик бо префиксҳо сохта шудани феълҳо чандон сермаҳсул набошад ҳам, аҳамияти калимасозии онҳо зиёд аст. Префиксҳои маъмули забони ҳозира инҳоянд:

1.Префикси **бар-.** Ин префикс дар феъл маънои ба боло, бар рӯй ва сатҳ ҳаракат доштанро ба вуҷуд меоварад. Масалаи: **гаштан — баргаштан, дамидан — бардамидан, доштаи — бар- доштан, ниҳодан — барниҳодан, овардан — баровардан, ома-дан—баромадан, хостан—бархостан, ҷастан—барҷастан** ва ғ.

Префикси **бар**- дар баъзе феълҳо тобише ба вуҷуд оварда, маънои луғавии феълро тағир диҳад ҳам, маънои аввалаи худи он префикс нигоҳ дошта намешавад: **задан — барзадан, кашидан — баркашидан, хӯрдан — бархӯрдан, гузидан — баргузидан (интихоб кардан)** ва м. ин. Ҳар се аз ҷо бархоста, берун баромаданд.— Инро пай бурда, вай боз зӯр зад, боз тамошобинон ғулғула бардоштанд *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Котиб ба болои коғаз сар **бардошт** *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Баъди як моҳ Аҳмадбек аз саф баргашт.— Мард ба тарафи духтарак хам шуда, аз қуттие, ки дар поёни кабина, дар муқобили ӯ воқеъ буд, сачоқеро баровард *(Ф. Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

2.Префикси **дар**- бо феъл омада, маънои равон шудан ба дарун, дар ҳолате буданро мефаҳмонад. Чунончи: омадан — даромадан, овардан — даровардан, афтодан — дарафтодан, гирифтан — даргирифтан, мондан — дармондан, гузаштан — даргузаштан, расидан — даррасидан, ёфтан — дарёфтан ва ғайра.

Кампир баромада рафту пас аз дақиқае Насимҷон ба хона даромад.— Насимҷон давида рафта, холаашро бардошта гирифт ва садқаю балогардон шуда, ба хона дароварду ба замин гузошт *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Ва ба хаёлаш дарҳол зарбулмасали машҳури халқ «аввал пурсиш, баъд кушиш» даррасид *(Ҳ.Карим,* Оқшуда). Худат дарёб. Қаҳрат наояд *(Ф.Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

3.Префикси **боз-** маънои феълро кувват медиҳад ва тобиши нави маъноӣ пайдо мекунонад: доштан — боздоштан, гаштан —

бозгаштан, истодан — бозистодан, мондан — бозмондан, хостан — бозхостан. Бо шунидани ин сухани ман Қори-ишкамба аз роҳ рафтан бозистод *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр). Синааш, ки чун дами оҳангарӣ пасту баланд мешуд, оҳиста-оҳиста гӯё аз ҳаракат бозмонд *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

4.**Префикси во-** маънои ҳаракат ба сӯи предмет ва тобишҳои дигари маънонро ифода мекунад: хӯрдан — **вохӯрдан** (рӯ ба рӯ шудан), намудан — вонамудан (нишон додан), растан — ворастан ва ғайра: Гоҳо аспакие ё аробае вомехӯраду бас *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Он марди ношинос худро сайёҳ вонамуд.

5.**Префикси фур-** (аз фурӯ ва фуруд) ба феъл илова шуда, ба он маънои ба поён равона шуданро медиҳад ва монанди префикси во-каммаҳсул аст. Чунончи: омадан — фуромадан, овардан — фуровардан: Қодирову соҳибхона пасу пеш фуромада, ба ҳавлӣ даромаданд.— Ҳар ду ба кишлоқ **фуромаданд** *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Мо борҳоро **фуровардем.**

6.Префикси **фар-** ҳамчун вариант айнан тобиши маънони префикси фурро дорад: **фаромадан фуромадан, фаровардан, фуровардан.**

Ҳайдарқул пеш-пеш, Саидпаҳлавон, Мирак ва Асо аз қафои вай ба пеши дарвоза, ба роҳи калон фаромаданд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Ёдоварӣ: Маънои мустақили калимаҳои фурӯ, фуруд, фаро хеле суст шуда бошад ҳам, онҳо ҳанӯз пурра ба гурӯҳи префиксҳои калимасозии феъл нагузаштаанд. Бинобар ин бо феъл омадани онҳо зохиран ҳамчун феъли таркибии номӣ воқеъ ме-гардад: **фурӯ рафтан, фурӯ нишастан, фурӯ овардан, фурӯ бурдан, фуруд омадан, фуруд овардан.**

Мавқеи префиксҳои калимасози феъл нисбат ба префиксҳои шаклсози **ме-** ва **на-** дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳангоми бо префиксҳои шаклсози феъл ме- ва на- омадани феълҳо мавқеи баъзе аз префиксҳои калимасози феъл устувор, баъзеаш ноустувор аст.

Чунончи, мавқеи префиксҳои **бар-, дар- дар** аксарияти феълҳо устувор аст, бинобар ин префикси ме- ва на- пеш аз онҳо меояд: баромад — набаромад — мебаромад — намебаромад; даромад — надаромад — медаромад — намедаромад ва м. ин.

Дар баъзе феълҳо мавқеи бар-, дар- ноустувор буда, префиксҳои ме- ва на- пас аз онҳо меоянд: даргирифт — дарнагирифт — дармегирифт — дарнамегирад; баргашт — барнагашт — бармегардад — барнамегардад...

Префиксҳои фур-фар дар ҷои худ муқиманд, аз ин ҷиҳат префиксҳои ме- ва на- пеш аз онҳо меоянд: ***фуромад — нафуромад —*** **мефуромад — намефуромад...**

Дар феълҳои бо префикси боз- ва во- сохташуда ме- ва на-пас аз ин префиксҳо меояд: бозгашт—бознагашт—бозмегашт— бознамегардад; вохӯрд — вонахӯрд — вомехӯрд — вонамехӯрад.

## ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБ/

Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфта, хамчун воҳидҳои ҷудогонаи лексикаи феълӣ маъниҳои алоҳида ва баъзе тобишҳои грамматикию услубиро ифода мекунанд, феълҳои таркибӣ номида мешаванд. Қариб ҳамаи феълҳои таркибӣ, қатъи назар аз таркиби морфологиашон, шакли масдарӣ доранд ва ҳамчун воҳидҳои луғавӣ воқеъ

мешаванд. Масалан: кор кардан, тайёр шудан, ба ҳиссб гирифтан, зӯр омадан, гуфта додан, навишта гирифтан, чашида дидан ва ғайра.

Аз ин ҷиҳат ҳам феълҳои таркибӣ аз шаклҳои таркибии намуд, сиға ва замонҳои феъл фарқ мекунанд. Азбаски шаклҳои таркибии категорияҳои номбурда маънои мафҳумҳои грамматикӣ доранд, масдари онҳо одатан на аз шакли пурраи таркиби феълӣ, балки аз ҷузъи асосии он ташкил меёбад. Чунончи, масдари феъли хоҳам рафт — рафтан; хонда истодаам, хонда истода будам — хондан; гирифта истода бошам — гирифтан; тайёр шуда меистод — тайёр шудан ва ғайра.

Шакли масдарӣ гирифтани як қисми чунин таркибҳои феълии намуд, сиға ва замон низ мумкин аст, лекин дар онҳо на маънои луғавӣ, балки маънои грамматикии категорияҳои феъл, бештар давомнокӣ, ғолиб мебошад. Феъли **будан** умуман ба таркиби масдарии феълҳо дохил намешавад. Масалан: навишта истодаам — навишта истодан (давомнокии амал); фикр карда гашта будам — фикр карда гаштан (давомнокии амал) ва ҳоказо.

Дар забони ҳозираи тоҷик феълҳои таркибӣ торафт инкишоф меёбанд. Ин тарзи феълсозӣ хеле сермаҳсул ва серистеъмол аст.

Феълҳои таркибӣ ба эътибори таркиби морфологиашон ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: феълҳои таркибии номӣ ва феълҳои таркибии феълӣ.

## ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ НОМ/

Феълҳое, ки таркибашон аз ҳиссаҳои номии нутқ ва феълҳои ёридиҳанда иборат аст, феълҳои таркибии номӣ шуморида мешаванд.

Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, ҳиссаи нутқ ва як аъзои ҷумла ҳисоб меёбад. Аз ин ҷиҳат байни ҷузъҳон феъли таркибии номи на алоқаи синтаксисӣ, балки таносуби маъноӣ ва мувофиқати морфологӣ мавҷуд аст. Ба ин маънӣ байни таркибҳои тоза чидам ва тоза кардам фарқи куллӣ дида мешавад: дар байни ҷузъҳои таркибии аввал алоқаи синтаксисии ду ҳиссаи нутқ (зарф ва феъл) ё ду аъзои ҷумла (ҳол ва хабар) мавҷуд асту байни ҷузъҳои таркибии сонӣ мувофиқати шаклию маъноии ифодакунандаи маънии як воҳиди луғавӣ дида мешавад. Муносибати ҷузъҳои таркибии ёрӣ талабидам ва ёрӣ додам низ монанди ду таркиби аввала мебошад.

Ҳамин тариқа, аз сабаби мавҷудияти алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳо ибораҳои тоза чидам, ёрӣ талабидам, даст расондам ва амсоли инҳо таркибҳои синтаксисӣ, аммо ба сабаби мавҷудияти танҳо мувофиқати шаклию маъноӣ таркибҳои тоза кардам, ёрӣ додам, мадад расондам ва монанди инҳо таркибҳои морфологӣ мебошанд. Ҳар яке аз ин таркибҳои морфологӣ ҳамчун воҳиди луғавӣ, як ҳиссаи нутқ, яъне ҳамчун феъли таркибии номӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

## ТАРКИБИ МОРФОЛОГИИ ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ НОМ/

Таркиби феълҳои таркибии номӣ аз ду ҷузъ иборат аст ҷузъи номӣ ва ҷузъи феълӣ.

## ҶУЗЪИ НОМ/

Ҷузъи номӣ ҷузъи асосӣ ва соҳибмаънои феъли таркибии номӣ буда, маънои феълро муқаррар ва муайян мекунад. Дар феълсозӣ ҳиссаи сермаҳсул исм ва сифат мебошанд. Масалан:

1. Исм — ҷузъи феъли таркибии номӣ мешавад ва хеле сер маҳсул аст: кор кардан, хизмат кардан, ҷустуҷӯ кардан, бовар кардан, муаллимӣ кардан, ишорат намудан, сарф шудан, ҳаво додан, анҷом ёфтан, воқеъ гаштан, чашм андохтан, қадам гузоштан, ҷавоб гардондан, чарх задан, қасос гирифтан ва м.ин.

Мо барои бахт, барои саодати худамон ва насли ояндаамон кор мекунем (Х Карим, Оқшуда). Раву бахти худро ҷустуҷӯ кун *(Р.Ҷалил,* Шӯроб). Дар баъзе ҷойҳо ханӯз ҳам дуд фаввора мезад *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

2. Сифат — ҷузъи номии феъли таркибӣ мешавад: озод кардан, босавод кардан, сафед кардан, тоза кардан, пароканда намудан, сер шудан, сиҳат шудан, хунук шудан, соқит гардидан, намоён гаштан ва амсоли инҳо.

Ин пешбиниҳои онон рост баромад *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Зани Шоҳмуродбек ба духтараш таълим дода, дар андак муддат ӯро босавод кард.— Дар симои оқилонаи ӯ аломати ҳузн намоён гашт *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

3.Таъбирҳое, ки аз такрори бевоситаи исм иборатанд (даст- даст кардан, пора-пора кардан, порча-порча шудан), таркибҳои исм бо пешоянд (дар бар кардан, дар ғазаб шудан, ба нофаҳмӣ задан, аз назар гузарондан, ба ҷо овардан, аз худ намудан, ба ҳисоб гирифтан ва ғ.) ҷузъи асосии феъли таркибии номӣ мешаванд. Мисолҳо: Маъмурияти корхона ҳурмати коргарони содиқи худро ба ҷо овард *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Саид Паҳлавон яке аз ҳамин хел деҳқонҳои ҳунарманд ва пурдон ба шумор мерафт *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

4. Ибораҳои номӣ ба шакли такрори исм бо пешоянд (рӯ ба рӯ шудан, ҷо ба ҷо кардан, дар ба дар шудан), ибораҳои синонимӣ ва антоними (оҳу фиғон кардан, фикру хаёл кардан, дӯғу пӯписа кардан, зеру забар кардан, сурху сафед шудан...) ва таркибҳои изофии устувор (касби камол кардан, зери по кардан, дуои бад кардан, таги бинӣ кардан) ҷузъи номии феъли таркибӣ шуда меоянд. Мисолҳо:— Дар кӯчаи қишлоқ ба вай раиси ҷамоа рӯ ба рӯ шуд *(Ҷ. Икромӣ,* Шодӣ). Деворҳояш бо нақшҳои кандакорӣ ва гулҳои гуногун зебу зиннат дода шуда буд (С. *Айнӣ,* ёддоштҳо). Арбоб тамоми овози чирроси худро сар дода, дӯғу пӯписаҳо кард *(Р.* Ҷалил, Шӯроб).

5. Ҳиссаҳои дигари нутқ, масалан, шумора, зарф ва баъзе шаклҳои феъли ҳолу сифати феълӣ, ки як андоза тобиши исмӣ ё сифатӣ пайдо кардаанд, низ ҷузъи номии феъли таркибӣ мешаванд, вале каммаҳсуланд: як кардан, як шудан; бас кардан, бадар рафтан, пеш гирифтан, пайдо шудан; омӯхта кардан, омӯхта шудан, равон шудан, пурсон шудан ва ғайра.

6. Калимаҳои тақлиди овозӣ ҳам ҷузъи номии феъли таркибӣ шуда метавонанд. Дар ин маврид ин гуна калимаҳо маънии исмӣ пайдо мекунанд: ғуввос задан, шуввос задан, ғур-ғур кадан, тақ-тақ кардан ва ғ.

Пайдо шудани одами ношиносро ба хотир оварда, аъзои баданаш виҷиррос зада рафт (Ф. *Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя). Дар зери чарххо гоҳе муми нарми часпак, гоҳе сангрезаҳои хушк фишор хӯрда, шуввос мезаданд.— Аҳмадбек ба қадаммонии шахси оянда зеҳн монда, дилаш ҷиғғӣ карда рафт (Ф. *Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

*Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ*

1.Тасриф чист?
2.Феъл чанд шахс ва чанд шумора дорад?
3.Тасрифи феълҳо бо бандаки хабарӣ чи гуна ба амал меояд?
4.Бандакҳои феълии шумораи танҳо ва ҷамъ кадомҳоянд?
5.Феълҳои сохта бо кадом роҳҳо сохта мешавад?

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.
5. Сиёев Б. Доир ба таърихи феълҳои забони адабии точик. Душанбе, Дониш, 1973.

*Маърӯзаи 12*

*ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

Чунон ки дида шуд, феъл ҳамчун мураккабтарин ҳиссаи нутқ дорои доираи васеи маъноӣ ва муносибати грамматӣ ки мебошад, ки он дар шаклҳои феълӣ, тарзҳо, намудҳо, сиғаҳо ва замонҳои феъл ифода меёбад.

Замони феъл муносибати амалро ба ҳангоми нутқ ва ё ба лаҳзаи дигари дар нутқ зоҳиршуда нишон медиҳад. Феъл се замон дорад ва бо шаклҳои гуногуни замонӣ тасриф меёбад: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.

Замони гузаштаи феъл, сарфи назар аз ҳамаи шаклу тобишҳои грамматикиаш, амали пеш аз лаҳзаи нутқ воқеъшударо мефаҳмонад; яъне гӯянда дар бораи замони катъшудаи амал ва просессҳои дигар сухан меронад: навиштам, навиштаам, менавиштам, навишта будам, навишта истода будам, ва ғ. Ҳамаи феълҳои замони гузашта шакли нақлӣ доранд.

Замониояндаи феъл амалеро мефаҳмонад, ки он баъд аз лаҳзаи сухани гӯянда содир мешавад, чунончи: Аз гунҷишк тарсӣ — арзан накор *(Зарбулмасал).* Расул ба Норак меравад, ман низ хоҳам рафт.

Замонҳои феъл дорои лаҳзаҳо ва тобишҳои зиёди грамматикие мебошанд, ки ба воситаи шаклҳо ва таркибҳои муайяни феълӣ дар нутқ (матн) ифода меёбанд. Аз ин рӯ аксарияти шаклҳои замонии феълҳо сермаъно ва сервазифа буда, ғайр аз вазифаи асосии худ маънои вазифаҳои иловагиро низ дар бар мегиранд. Шаклҳои асосии замонҳои феъл инҳоянд:

## ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ФЕЪЛ

Замони гузаштаи наздик (гузаштаи оддӣ)

Феъли замони гузаштаи наздик (гузаштаи одди) аз асоси замони гузашта ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад. Шахси сеюми танҳои ин феъл бо асоси замони гузашта баробар аст.

Ҳамаи феълҳои гузаштаи наздик ба тарзи зер тасриф меёбанд:

| Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|
| 1. ман хондам | 1. мо хондем |
| 2. ту хондӣ | 2. шумо хондед |
| 3. вай (ӯ) хонд | 3. онҳо хонданд |

Шакли гузаштаи наздик (оддӣ) ба чунин маъниҳо меояд:

1. Феъли гузаштан наздик амали яккаратаи анҷомёфтаро мефаҳмонад, ки катъи назар аз фосилаи замони амал натиҷаи он маълум аст. Масалан:Пиракӣ ба ман аз оби ширчой як пиёла нӯшонд.— Хоб пахш кард, хобидам.— Хуб кардетон, ки ин бачаро ба хондан овардетон,—гуфт *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ч. I). Маро ҳайрон кардед, дӯстам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Фахмидам! — гуфт Наими Талх ва хомӯш монд *(Ҷ.* Икромӣ*,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Баъзан дар нутқ барои таъкиди лаҳзаи замони амал калимаю ибораҳои замонӣ кор фармуда шаванд ҳам, фосилаи замонии феълро комилан не, балки нисбатан муайян мекунанд. Чунончи: Баъд аз чанд дақиқа Махдуми ҳазорагӣ маро аз пеши мардикорон имо карда хезонд ва ба роҳрави ҳавлӣ бурда, ба болохонае баровард *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ч. I).

Феъли гузаштаи наздик ҳам вобаста ба маънин луғавии худ, ҳам алоқамандона бо матн амали бардавоми анҷомёфтаро мефаҳмонад: Назарҷон моро ба ин ҷо кӯчонида овард. Пас аз ин маслиҳати табиби оқил ва роздон Карим хеле фикр кард, дуру дароз андешид ва қарори қатъй дод, ки дар ҳақиқат пеш аз ҳама сиҳат шудан лозим *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Анҷоми амали замони гузашта дар баъзе ҷумлаҳои саволӣ ва феълҳои аз сифати феълии замони оянда бо феъли ёридиҳандаи шудан таркибёфта (масалан: рафтанӣ шуд) на бевосита, балки вобаста ба рафти сухан ва алоқаи байни ҷумлаҳо муайян мегардад. Чунончи: Аҳволатон чӣ тавр? Доруҳои духтур додагиро хӯрдед-мӣ? *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Шакли замони гузаштаи наздик дар нутқи гуфтугӯӣ ва дар адабиёти бадеӣ бо тобишӣ маъноии майлу хоҳиш, таъкиду қатъият ва шарту замон омада, амали ояндаро низ ифода мекунад. Масалан:Хуб! Ман рафтам (меравад).—Канӣ, рафтем *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Канӣ, ба кор сар кардем — ҳама ба гуфти сардор итоат карда аз дунболи вай рафтанд *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

## ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ НАҚЛ/

Замони гузаштаи нақлӣ аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асссӣ бо иловаи бандакҳои хабарӣ сохта шуда, ба таври зер тасриф меёбад:

| **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|
| 1. ман навиштаам | 1. мо навиштаем |
| 2. ту навиштаӣ | 2. шумо навиштаед |

3. вай (ӯ) навиштааст 3. онҳо навиштаанд

Феъли гузаштаи наклӣ мефаҳмонад, ки гӯянда воқеъ шудани амалро аз рӯи шунид ва баёни сарчашмаҳои дигар нақл мекунад. Ғайр аз ин, гузаштаи нақлӣ натиҷаи амал ва бо хулосабарории мантиқӣ огоҳ шудан аз амалро мефаҳмонад.

Замони гузаштаи нақлӣ дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

Феъли нақлӣ аз руи шунид ва баёноти шахси дигар маълум шудани воқеаро ифода мекунад: Ассалом, духтараки нағз,— гуфтаанд ва хам шуда аз пешонаи духтар бӯсиданӣ шудаанд.— Инак, дар вақти вафоти падарам ман ба дасти модарам ёздаҳмоҳа мондаам *(Ҳ.* Карим, Оқшуда).

Агар дар нутқ (матн) манбаи ахбор ба ягон шакл зикр ёбад, маънои нақлии феъл равшантару возеҳтар зоҳир мешавад: Ёдоварӣ: Феъли ёридиҳандаи будан ва феълҳои дигар дар афсонаҳо ва ривоятҳои халқӣ аксар ба шакли нақлӣ истеъмол мешаванд. Чунончи: Будаст, набудаст, як кампир будаст. Вай як писар доштааст. Як рӯз писараш ба саҳро баромадаст...Дар ҳамин гуна мавридҳо кор фармуда шудани таъбири феълии буд-набуд низ маънон нақлӣ дорад. Масалан: Буд-набуд, будгор буд, Замин набуд, шудгор буд... (Фолклор).

2. Феъли замони гузаштаи нақлӣ амали воқеъшудаеро мефаҳмонад, ки натиҷааш маълум аст. Истеъмоли ин шакли феълӣ ба ин маъно аксар бо шаклҳои феълӣ, баъзан бо ёрии ибораҳои тавзеҳӣ воқеъ мешавад. Ин гуна ибораҳо аз «маълум аст», «маълум шуд», «маълум мешавад» иборатанд. Феълҳои нақлие, ки бидуни ин гуна тавзеҳот ифода меёбанд, мантиқан натиҷаи чунин тавзеҳот мебошанд. Чунончи, мисолҳои зеринро муқоиса кунед: Маълум шуд, ки роҳи оҳанро одамони амир вайрон кардаанд *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Пас маълум мешавад, ки аз ақибамон афтодаанд *(Ҳ.* Карим, Оқшуда).

Феъли замони гузаштаи нақлӣ натиҷаи амалро мефаҳмонад, ки он пеш аз ин ба гӯянда номаълум буда, бо хулосабарории мантиқӣ ва ё пас аз воқеаи дигаре маълум мешавад. Аксаран тарзи ифодаи натиҷа ва хулосаи мантиқӣ ба ҳам монанд аст ва ин ду маъно ба осонӣ аз ҳам фарқ намекунад. Бо вуҷуди он, дар ин миён фарқи нозуке ҳис карда мешавад: Ба шумо фақат ҳаминашро мегӯям, ки он чиз ба модарам аз модаркалонам мерос мондааст.

Агар феъли нақлӣ ҳамчун натиҷаи муҳокима воқеъ шуда бошад, маънои хулосаи мантиқиро дорад. Ғайр аз ин, дар ҷумла ба шакли нақлӣ омадани феъли будан низ далели хулосаи мантиқист. Масалан: Наим фаҳмид, ки суханаш ду маъно дода, талх шуда рафтааст, бинобар он узр хоста, дарҳол ба пиёлаҳо май рехт *(Ҷ. Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).Ман надонистам, ки ту дил надоштӣ ва агар бошад ҳам, дар дасти худат набудааст *(Ҷ.Икромӣ,* Ситора).

Дар забони гуфтугӯӣ ва дар лаҳҷаҳои шимоли ғарбии забони тоҷикӣ тарзи махсуси сухани мазмунан нақлшудае ҳаст, ки бо шакли нақлии феъли будан сурат меёбад. Ин тарзи ифода дар адабиёти бадеӣ ҳам кор фармуда мешавад.

## ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ҲИКОЯГ/

Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузашта бо иловаи префикси **ме-** ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад. Тасрифи ин шакли феъл ба тарзи зерин аст:

| **Танҳо** | **Ҷамъ** |
|---|---|
| 1. ман механдидам | 1. мо механдидем |
| 2. ту механдидӣ | 2. шумо механдидед |
| 3. вай механдид | 3. онҳо механднданд |

Феъли гузаштаи ҳикоягӣ ҳам дорои тобиши зиёди маъноӣ ва грамматикӣ мебошад, ки ҳар яке аз онҳо дар матн вобаста ба равиши сухан равшантар зоҳир мешавад. Гузаштаи ҳикоягӣ ҳаминро мефаҳмонад, ки амал дар замони гузашта бардавом воқеъ шудааст, вале натиҷаи он, яъне анҷом ёфтан ё наёфтанаш маълум нест.

Тобишҳои маъноии шакли гузаштаи ҳикоягӣ аз инҳо иборатанд

1. Феъли гузаштаи ҳикоятӣ амал ё ҳолату вазъияти давомноки муттасил воқеъшударо мефаҳмонад. Чунончи: Дар он зиёфат ошро ман мепухтам ва дигар хизматҳоро ҳам ман мекардам *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ч. I). Дар ҳамин асно чанд нафар ҷанговарон бо сардории фармондеҳе бо ду пулемёт ва чанд дона милтиқ душманро даравида, майдонро тоза намуда, пеш меомаданд *(Ҳ. Карим,* Оқшуда). Дар забони тоҷикӣ феълҳои содда ва таркибие ҳастанд, ки маънои луғавиашон тобиши давомнокӣ дорад. Онҳо ба шакли гузаштаи ҳикоягӣ омада, маънои давомнокии грамматикӣ пайдо мекунанд. Масалан: боридан—меборид, навохтан—менавохт, рақсидан — мерақсид, тарошидан — метарошид, хизмат кардан — хизмат мекард, нақл кардан — нақл мекард, тамошо кардан — тамошо мекард, бози карда гаштан — бози карда мегашт ва м. ин. Он рӯз ҳаво абрнок буда, аз осмон чанг меборид *(Ҷ.* Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

2. Феъли гузаштаи ҳикоягӣ давоми мӯлкаратии амали гу заштаро мефаҳмонад, ки чунин тобиши маънон гоҳо аз мазмуни умумни нутқ (матн) маълум мешавад, баъзан бо ёрии калимаву ибораҳои алоҳида таъкид меёбад. Масалан: Ман шеърҳои дӯстдоштаамро дар коғазпораҳо навишта мегирифтам *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ч. 1). Ҳар чӣ хоҳад, пайдо мекардаму ҳар чӣ гӯяд, бо ҷону дил мешунидам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб). Дар дами дарвозаи шаҳр посбонҳо истода буданд, оянда, равандагонро тафтиш карда медиданд *(Ҷ.*Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

3. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ бо чунин маънои давомнокӣ истеъмол мешавад, ки ин маънӣ дар мавридаш бо шакли замони гузаштаи дур ва гузаштаи дури давомдор низ ифода меёбад. Ин ҳолат бештар бо феъли нишастан, истодан ва баъзан бо феълҳои дигар рӯй медиҳад:Командир дар шипанге, ки дар канори ҳавз воқеъ буд, ҷой нӯшида менишаст *(Ҳ.Карим,* Оқшуда). Бегоҳи ҳамон рӯз ману Хайдарҷон аз кор омада, дар лаби ҳавзчаи ҳавлиамон менишастем.— Мошин дар канорн роҳ, байни ду теппаи пасте меистод (Ф.Муҳаммадиев, Сози Мунаввар).

4. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ барои ифодаи тобишҳои маъноии амали воқеъшуда (шарт, хоҳиш, умеду орзу, имконпазирӣ, нобоварӣ) кор фармуда мешавад. Ин гуна тобишҳои маъноӣ вобаста ба мазмуни сухан, оҳанги гуфтор ва калимаҳон ёридиҳанда равшан мешаванд ва аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Баъзан дар шакли гузаштаи ҳикоягӣ тобиши маънои замони ҳозира-оянда ё оянда ҳис карда мешавад ва маълум аст, ки барои ифодаи чунин маъниҳо шаклҳои дигари феъл низ хизмат карда метавонанд. Чунончи: Агар рафиқони мо ҳама аз як гиребон сар мебароварданд, ҳалли ин муаммо осон мешуд *(Ҷ.Икромӣ,* Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). Агар дар ин кӯчаи беодам ҳоло касе пайдо мешуду ин пурсу посу дастфишориро медид, гумон мекард, ки паҳлавони ҷавон ба паҳлавони машҳур арзи эҳтироми шогирдона мекунад (Ф. *Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар). Дер монанд, майлашкуя, лекин говро барвақттар меоварданд, ки дар вақташ дӯшида мешуд,— гуфта боз ҳасрат кард *(С.Айнӣ,* Дохунда). Як дари даромад дошт, ки дар айни замон рӯшноӣ ҳам бояд аз ҳамон дар медаромад *(С. Айнӣ,* Куллиёт, ч. I).

5. Шакли гузаштаи ҳикоягӣ дар нутқи гуфтугӣ ва адабиёти бадеӣ замони ояндаро низ ифода мекунад, ки он бо оҳанги нутқ ва бо ёрии калимаҳои ҷудогона ифода меёбад. Ин гуна тобишҳои маъноӣ дар мавриди худ бо шаклҳои замони ҳозира-оянда ваояндаи феъл ифода шуда метавонад. Масалан: Аз шумо мепурсидем, ки соати панҷи пагоҳӣ ба клуби қишлоқ ҳозир мешудед *(С. Айнӣ,* Дохунда). Чӣ гап буду аз кӣ шунидед, фаҳмидан мехостам *(Р. Ҷалил,* Шӯроб).

## ГУЗАШТАИ ҲИКОЯГИИ НАҚЛ/

Шакли замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ аз гузаштаи нақлӣ бо иловаи префикси ме- сохта мешавад. Тасрифаш чунин аст:

| Танҳо | | Ҷамъ |
|---|---|---|
| 1. | ман мехондаам | 1. мо мехондаем |
| 2. | ту мехондаӣ | 2. шумо мехондаед |
| 3. | вай мехондааст | 3. онҳо мехондаанд |

Гузаштаи ҳикоягии нақлӣ низ тобишҳои гуногуни маъноӣ ва замонӣ дорад, ки онҳо аз омезиши тобишҳои маънои нақлӣ ва ҳикоягӣ иборатанд. Ин шакл давомнокӣ ва такрори мӯлкаратии амал, натиҷа ва хулосабарории мантиқиро бо тобиши давомнокӣ ва шоҳиди воқеа набудани гӯяндаро ифода мекунад. Ғайр аз ин, шакли гузаштаи ҳикоягии нақлӣ вобаста ба матн замони гузашта, ҳозира ва ояндаро ифода карда метавонад.

Тобишҳои асосии маъноӣ ва замонии ин шакли феъл дар мисолҳои зер равшан мушоҳида мешавад:

Шакли ҳикоягии нақлӣ замонн гузаштаи давомнок ва мӯлкаратиро мефаҳмонад. Масалан:

Сонитар фаҳмидам, ки тӯтӣ аз мурғи бисёр зебои зирак будааст. Ҳар чизро ба вай талқин кунанд, ёд мегирифтааст ва такрор карда мегуфтааст. Дар он ҷо дар заводҳои пахта ё ки дар ҷойҳои дигар кор мекардааст ва ҳар сол тобистон ба қишлоқамон бармегаштааст.— Пас аз ин падараш ба ҳар куҷое, ки мерафтааст, аввал ҳасрати мӯзаи писарашро баён мекардааст (Ҳ. *Карим,* Оқшуда).

## ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ДУР

Феъли замони гузаштаи дур аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ бо иловаи шакли замони гузаштаи феъли ёридиҳандаи будан сохта шуда, ба таври зер тасриф меёбад;

| Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|
| 1. ман дида будам | 1. мо дида будем |
| 2. ту дида будӣ | 2. шумо дида будед |
| 3. вай дида буд | 3. онҳо дида буданд |

Шакли гузаштаи дур низ дар мавридҳои гуногун бо тобишҳои гуногуни замонию маъноӣ истеъмол мешавад, ки онҳоро вобаста ба мазмуни матн муайян кардан мумкин аст. Мавриди истеъмол ва маъниҳои асосии ин шакли феъл инҳоянд:

Феъли гузаштаи дур амали гузаштаро ифода мекунад, ки фосилаи замониаш мутлақо ё нисбатан дур аст. Ин маънӣ гоҳо аз мазмуни умумии сухан (матн), баъзан аз калимаю ибораҳои алоҳида фаҳмида мешавад. Масалан: а)

Модарам як ҷуволча тутмавиз хушконда монда буд *(С. Айнӣ,* Куллиёт) Мирак дар умраш аз касе шатта нахӯрда буд *(Ҷ.Икромӣ)*

Шакли гузаштаи дур амалеро мефаҳмонад, ки пеш аз амали дигар воқеъ шуда анҷом ёфтааст. Амали дуюм дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ бештар ба шаклҳои замони гузашта (гузаштаи наздик, гузаштаи дур, гузаштаи ҳикоягӣ) ва гоҳо ба шаклҳои замони ҳозираю оянда оварда мешавад. Феъли гузаштаи дур ҳам пеш аз амали дуюм ва ҳам пас аз он омада метавонад. Мавқеи он вобаста ба сохти ҷумла мебошад. Дар баъзе мавридҳо гӯё амали якум ва дуюм ҳамчун феъли гуногуншакли ҳамзамон содир мешавад. Мисолҳо:

Гулнор, ки аз нармгуфториҳои аввалии ясавул ба халосии маҳбубаш умедвор шуда буд, бо суханҳои охиринаш якбора ба навмедӣ афтод *(С. Айнӣ,* Дохунда).

Фирӯза баргашта ба рӯи Карим нигоҳ кард, аммо Карим малӯлона сарашро хам карда буд.— Дар ин ҷо сӯҳбати онҳо ба охир расид, зеро ки ба дами дарвозаи ҳавлиашон расида будаид *(*Ҷ.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Шакли гузаштаи дур дар мавридҳое кор фармуда мешавад, ки амали дигари пас аз он зикр намеёбад, вале ба ягон шаклу маънӣ воқеъ шуданаш тасаввур карда мешавад. Ин мавриди истеъмол асосан ба ҷумлаҳои содда дахл дорад. Чунончи: Аммо набудани хӯрок барои йигитҳо, ему хошок барои аспҳо вайро аз ҳар чӣ ҳам зиёдтар ба танг оварда буд. Ронанда сару рӯяшро шуста буд.— Чанги роҳ пароканда шуда буд (Ф. *Муҳаммадиев,* Сози Мунаввар).

Ибораҳои хабарии аз сифати феълии замони оянда ва феъли будан сохташуда гузаштаи дурро бо тобиши сиғаи хоҳишмандӣ ифода мекунанд. Дар ин гуна таркибҳои феълӣ анҷоми замон маълум бошад ҳам, анҷоми амал ва натиҷаи он номаълум аст (гуфтанӣ будан, гуфтанӣ будӣ, гуфтанӣ буд...). Муродифи онҳо бо таркибҳои гуногуни феълӣ омада метавонад.

## ГУЗАШТАИ ДУРИ НАҚЛ/

Замони гузаштаи дури нақлӣ аз феъли ҳол (сифати феълии замони гузашта бо суффикси -а) ва шакли феъли будан сохта мешавад. Тасрифаш:

| Танҳо | Ҷамъ |
|---|---|
| 1. ман рафта будаам | 1. мо рафта будаем |
| 2. ту рафта будаӣ | 2. шумо рафта будаед |

3. вай рафта будааст 3. онҳо рафта будаанд

Шакли гузаштаи дури нақлӣ ҳам, монанди гузаштаи дур, амалеро мефаҳмонад, ки пеш аз рӯй додани амали дигар воқеъ шуда анҷом ёфтааст ва натиҷааш низ аён аст. Ин шакл ҳам дар нақли мазмуни сухани дигарон ва ҳам дар хулосабарории мантиқӣ кор фармуда мешавад. Ба кадом маънӣ омадани он дар матн муайян мегардад. Масалан: Падарам хату савод дошта, дар вақтҳои ҷавониаш чанд сол дар мадрасаҳои Бухоро истиқомат карда будааст. Хайрият, ки дадем хобида будаанд ( Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро).

Замони гузаштаи дури давомдор (муайян) аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи дури феъли ёридиҳандаи истодан таркиб меёбад. Дар ин гуна таркиб феъли ёридиҳандаи истодан маънии давомнокии амал, ёридиҳандаи будан гузаштаи дурро мефаҳмонад. Тасрифаш чунин аст:

**Танҳо** **Ҷамъ**

1. ман дида истода будам 1. мо дида истода будем
2. ту дида истода будӣ 2. шумо дида истода будед
3. ӯ дида истода буд 3. онҳо дида истода буданд

Шакли гузаштаи дури давомдор (муайян) одатан амали гузаштаеро мефаҳмонад, ки то вуқӯи амали дигари замони гузашта ҷараёндошта, дар айни давоми он амали дигар содир мешавад. Ба ин маънӣ ду амали замони гузашта дар як вақт воқеъ мегардад. Баъзан ҷараёни амали давомдор бо содир шудани амали дигар қатъ мешавад.

## ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ЭҲТИМОЛӢ

Феъли гузаштаи эҳтимолӣ амали воқеъшудаеро мефаҳмонад, ки гӯянда дар бораи он бо шубҳаю тахмин, гумону эҳтимол сухан меронад *(ниг.* сиғаи эҳтимолӣ).

Гузаштаи эҳтимолӣ аз сифати феълии замони гузашта бо суффикси –гӣ ва иловаи бандакҳо сохта мешавад. Вай ду тарзи ифода дорад: тарзи якум: ман хондагиям, ту хондагиӣ, вай хондагист; мо хондагием, шумо хондагиед, онҳо хондагиянд; тарзи дуюм (аз шахси сеюми танҳо бо иловаи бандакҳо): ман хондагистам, ту хондагистӣ, вай хондагист (**ем, ед, анд).**

### *Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ*

1.Тасриф чист?
2.Феъл чанд шахс ва чанд шумора дорад?
3.Тасрифи феълҳо бо бандаки хабарӣ чи гуна ба амал меояд?
4.Бандакҳои феълии шумораи танҳо ва ҷамъ кадомҳоянд?
5.Феълҳои сохта бо кадом роҳҳо сохта мешавад?

### Адабиётҳо:

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985

2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.
5.Сиёев Б. Доир ба таърихи феълҳои забони адабии точик. Душанбе, Дониш, 1973.
6. Хочиев С. Забони адабии точик дар ибтидои асри XX. Душанбе, Дониш, 1987.

*Маърӯзаи13*

## *ШАКЛҲОИ ТАСРИФНАШАВАНДАИ ФЕЪЛ*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ МАСДАР

Шакли феълие, ки амалу ҳолатро фаҳмонида замону шахсу шумора ва сиғаро ифода намекунад, масдар номида мешавад. Масдар бо хусусиятҳои грамматики ва лексикии худ дорои аломатҳои ҳам феъл ва ҳам исм мебошад. Масдар шакли номии феъл аст. Ба категорияҳои асосии феъл соҳиб будани масдарро ба назар гирифта, онро ба феъл дохил мекунанд. Дар луғат феълҳо одатан дар шакли масдар дода мешаванд.

## СОХТИ МАСДАР

Масдар аз асоси замони гузаштаи феъл бо ҳамроҳ кардани суффикси -**а**н сохта мешавад: **хондан, дидан, гирифтан**... Масдар аз ҷиҳати сохт ба чор тақсим мешавад:

1. Масдари аслӣ: **хондан, гуфтан, чидан**...
2. Масдари сохта. Масдарҳои сохта ду хеланд:

а) масдаре, ки бо префиксҳо аз масдарҳои аслии дигар сохта мешавад, масдари сохтаи феълӣ ё префикснок ном дорад: **даромадан, даргирифтан, вохӯрдан, фуромадан;**

б) масдаре, ки ба воситаи суффикси **-идан** ва ё **-онидан** аз исму сифат сохта мешавад, масдари сохтаи номӣ мебошад; номидан, ҷангидан, тезонидан, фаҳмидан, хушкидан, коллективонидан, механиконидан, мукофотонидан...

3. **Масдари таркиби номӣ**: кор кардан, кишт кардан, як шудан, ханда кардан, истифода бурдан, ба даст овардан, аз худ кардан, аз бар кардан, дам гирифтан, ёд додан, гап задан, хунук хурдан, нигоҳ доштан, нест шудан...
4. **Дар забони тоҷикӣ масдарҳои таркибии феълӣ** низ ҳастанд: хонда баромадан, хонда расида омадан, хӯрда дидан, даромада мондан, баромада рафтан...

Масдарҳои сохти дуюм низ мавҷуданд, ки онҳо одатан аз асосҳои замони хозираи баъзе феълҳо пайдо шудаанд: коридан, гардидан, хобидан..Шакли

инкории масдар бо префикси феълии насохта мешавад. Ҷои ин префикс ба сохти масдарҳо вобаста буда, дар аввал ё мобайни он ва ё дар аввали феълҳои ёридиҳандаи масдари таркиби номӣ меояд: нарафтан, нарасидан, натавонистан, набаромадан, дарнагирифтан, вонахӯрдан, тамом нашудан, хонда набаромадан, шитоб нанамудан ва монанди инҳо.

Масдар ҳамчун феъл хусусиятҳои зерин дорад:

Масдар гузаранда ва монда мешавад.

Масдарҳон монда ба воситаи суффикси -он гузаранда мешаванд: нишастан— шинондан, ғалтидан — ғалтондан, хандидан — хандондан, чаридан — чарондан.

Ман Мирзодиккакро оҳиста ба зонуяш шинонда мондам *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳоло ту танҳо дар майдони гӯштингирӣ баромада, чӣ гуна ғалтондани як ҷавони монанди худатро медонӣ (С. *Айнӣ,* Ғуломон). Бо шӯхиҳо ҳамаро механдонд *(П. Толис,* Ҳикояхо). Ман дар ин ҷо гӯсфанд мечаронам *(*С.Айнӣ, Дохунда).

Агар суффикси -он ба масдарҳои гузаранда ҳамроҳ шавад, шакли гузарандаи бавоситаи онҳо ба амал меояд: навиштан — нависондан, доштан — дорондан, дӯхтан — дӯзондан. Вай ҷаққои буд, худашро ба онҳо намедоронд (С. *Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ин хусусияти масдарҳо ба ифодаи категорияи тарзҳои феъл бевосита алоқаманд аст.

1. Масдарҳо тарзи фоилӣ ва тарзи мафъулӣ доранд:

а) Тарзи мафъулӣ: Дарвоза кушода шудан замон як нафар савор ба сарой даромад (С. *Айнӣ,* Дохунда).

б) Тарзи фоилӣ: Дар вақти хобида дам гирифтани бузғола навбати бо вай бозӣ кардани Шодӣ мерасид *(*Садриддин Айнӣ, Ятим).

2. Масдар намуди давомнок ва мутлақро ҳам ифода мекунад.

3. Масдар мисли феъл хусусияти вобастакунӣ дорад. Масдар монанди дигар феълҳо калимаҳоро ба худ вобаста мекунад. Онҳо ба шароити дар Москва хондан мароқ доштанд. *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

а) Масдар шакли ҷамъ мегирад: Гулбибӯ як ғунчаи ношукуфтае буд, ки умеди як олам шукуфтанҳо дар дил дошт... (С. *Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб).

б) Бо пешоянду пасояндҳо омада метавонад: Ман бо дидани ин ҳол аз ошхӯрӣ даст кашидам *(*С. Айнӣ, Асарҳои мунтахаб). Худамро базӯр аз гиристан нигоҳ дошта, ӯро навозиш мекардам *(*Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо).

в) Масдар бо бандакҷонишинҳои шахси-соҳибӣ низ меояд:
Зайнаб, омаданат нағзу рафтанат бад-дия (С. *Улуғзода,* ).

г) Масдар монанди исм бо шумораи микдорӣ ва ҷонишинҳои сифатӣ низ меояд: Сад задани сӯзангару як задани оҳангар (Зарбулмасал*)*.

Ниҳоят, масдар дар ибораҳои изофӣ муайянкунанда ва муайяншаванда шуда меояд: Сабаби ғирч-ғирч кардани кафши Муллотуробро аз ӯ пурсиданд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Дар замони гузашта камбағал ҳатто як порча нони хӯрданӣ надошт *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Масдар монанди исмҳо дар ҷумла ба вазифаи сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав меояд: Хобидан ҳоло барвақт буд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳар

рӯз як ош пухта як касро зиёфат кардан кори душвор нест (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр). Ақлу ҳушам ба хондан банд буд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Аммо аз гуфтан то кардан бисёр фарқ ҳаст (С.*Айнӣ,* Дохунда). Пӯлод аз он ки Салимбой барои дидани модарон ба хонааш омадааст, хурсанд шуд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Масдар шакли кӯтоҳе дорад, ки он бо асоси замони гузаштаи феъл шаклан як аст. Чунин масдарҳо дар як шакли феъли ва баъзе таркибҳои феълӣ пас аз калимаҳои модалӣ меоянд:

а) дар шакли таркибии замони ояндаи сиғаи хабарӣ: хоҳам рафт, хоҳад хонд, хоҳи шунид, хоҳем дид.

б) дар он таркибҳои феълие, ки калимаҳои модалии бибояд, бояд, шояд, мебояд, боист, мебоист, тавон, метавон даромадаанд. Таркибҳои мазкур бештар дар назм вомехӯранд:

Лайлиро бо чашми Маҷнун бояд дид *(Зарбулмасал).*

Гуфт рассом: аз ту чун тасвир мебояд кашид?
Гуфтамаш: дар шӯъла як шамшер мебояд кашид.
*(Лоҳутӣ,* Куллиёт).

Дар назм, махсусаи назми классикӣ, чунин таркибҳо бо шакли пурраи масдар низ васеъ кор фармуда мешаванд:

Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.
*(Саъдӣ,* Гулистон).

Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.
*(Ҳилолӣ).*

Масдар шакли кӯтоҳи дигаре низ дорад, ки бо сифати феълии замони гузаштаи якум ҳамшакл аст. Ин шакли масдар одатан бо феълҳои ёридиҳандаи модалии тавонистан ва шудан меояд ва пеш аз феълҳои ёридиҳанда ҷой мегирад:Ин мард аз он одамоне набуд, ки пиёда ё савора ба сарн ин кӯҳ баромада тавонад *(С. Айнӣ,* Дохунда). Офтобро бо доман пӯшида намешавад *(Зарбулмасал).* Нохунро аз гӯшт ҷудо карда намешавад *(Зарбулмасал).*

Гоҳо бо ин феълҳои модалӣ шакли пурраи масдар ҳам таркиб месозад:

Лекин ин майли охирини туро,
Ҳеҷ кардан наметавонам адо.
*(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб).

## ХАРАКТЕРИСТИКАИ УМУМИИ СИФАТИ ФЕЪЛ/ ВА ФЕЪЛИ ҲОЛ

Сифати феълӣ ва феъли ҳол шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мебошанд.Сифати феълӣ бо аломатҳои морфологӣ ва синтаксисии худ дорои ҳам хусусиятҳои феълӣ ва ҳам сифатист. Бинобар ин сифати феълӣ номида шудааст. Аммо ба категорияҳои асосии феъл соҳиб будани сифати феълиро ба назар гирифта, онро ба гурӯҳи феъл дохил мекунанд ва яке аз шаклҳои номии феъл мешуморанд. Дар ин ҷо сифати феълии рондашуда замони гузашта, намуди мутлақ ва тарзи мафъулии феълро ифода карда, хусусияти феълӣ зоҳир намуда бошад ҳам, муайянкунандаи исм (заминҳо) шуда омада, монанди сифатҳо ба ибораи изофии сифати дохил шудааст. Дар просесси инкишофи

таърихии забони адабии тоҷик ҷиҳатҳои феълии баъзе сифатҳои феълӣ суст гардида, хусусиятҳои нави грамматикӣ пайдо кардаанд.

Шакли сифати феълии замони ҳозира (бо суффикси -он) ду хусусият пайдо кардааст.Сифатҳои феълии ин шакл, ки аз феълҳои содда сохта шудаанд, ба сифати аслӣ гузашта, монанди сифатҳо ба вазифаи муайянкунанда ва ҳол меоянд: оби дурахшон, бачаи хандон, тозон омад. Ин шакл дар айни замон танҳо маънои луғавии феълии худро нигоҳ дошта меояд. Махсусан дар ҳолати такрор (давон-давон) семантикаи феълии он равшантар ифода мегардад.

Сифати феълй (бо суффикси -он) аз феълҳои таркибии номӣ сохта шуда бошад, хусусиятҳои феълии худро дар ҳолшарҳкунандагӣ нигоҳ дошта, феъли ҳол гардидааст. Мисол: Ҷавонро кашолакунон бурданд *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Шаклҳои сифати феълии замони гузашта ва ҳозираи муайян (бо суффикси -а) дар ҷумла ба вазифаи ҳам муайянкунанда ва ҳам ҳолшарҳкунанда кор фармуда мешаванд. Бачаи хандида. Вай хандида гуфт. Рӯзҳои гузашта истода. Аз болои теппа гузашта истода аълум аст, ки дар забони тоҷикӣ феъли ҳол шакли махсусе надошт. Сохти мураккаби сифати феълӣ (бо суффикси -он) ба феъли ҳол гузаштааст. Сифатҳои феълӣ (бо суффикси -а) бештар чун сифати феъли мондаанд. Ҳодисаи ба вазифаи муайянкунанда ва ҳолшаҳркунанда кор фармуда шудани сифатҳои феълии бо суффикси -а ба вазифаҳои синтаксисии сифат як аст.

Феъли ҳол бо хусусиятҳои морфологиаш ба феъл, бо вазифаи синтаксисиаш ба зарф монанд аст. Бинобар ин онро зарфи феълӣ ҳам гуфтан мумкнн аст. Аммо ба аломатҳои асосии феъл доро будани феъли ҳолро ба назар гирифта, ба феъл дохил мекунанд. Феъли ҳол шакли тағирнашавандаи феъл мебошад. Мисол: Носири Хисрав созашро озмоишкунон аз он торафт овозҳои нав ба нав мебарорад *(С.Улуғзода).*

Дар ин ҷумла феъли ҳоли озмоишкунон тарзи маълум ва намуди давомнокиро фаҳмонда, аломатҳои феълиро ифода кунад ҳам, ба вазифаи ҳолшарҳкунанда омада, ба зарф наздик мешавад. Феъли ҳоли мазкур пуркунандаи бевоситаро (созашро) низ вобаста карда, хусусияти барҷастаи феълиро низ зоҳир менамояд:

### *Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ*

1.Масдар чист?

2.Масдарҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешвад?

3.Масдарҳои сохта бо кадом суффикс сохта мешавад?

### *Адабиётҳо:*


1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Забони адабии ҳозираи точик, қисми 2.  Синтаксис.-Душанбе, 1984.
4. Сиёев Б. Доир ба таърихи феълҳои забони адабии точик. Душанбе, Дониш, 1973.


## *Маърӯзаи 14*

## *СИФАТИ ФЕЪЛ/. ХУСУСИЯТХОИ ФЕЪЛ/ ВА НОМИИ ОН.*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

### СИФАТИ ФЕЪЛ/

Шакли феълие, ки амал ё ҳолати ба ягон шахсу предмет алоқамандро ҳамчун аломати он дар яке аз замонҳо мефаҳмонад, сифати феълӣ ном дорад.Сифатҳои феълӣ чун феъл хусусиятҳои алоҳидаи грамматикӣ доранд.Сифатҳои феълӣ гузаранда ва монда мешаванд. Сифатҳои феълии монда ҳам монанди дигар феълҳо бо суффикси -он ба гузаранда мубаддал мегарданд: Хандида — хандонда, мегаштагӣ — мегардондагӣ ва монанди ннҳо.

Агар суффикси -он ба сифатҳои феълии гузаранда ҳамроҳ шавад| шакли гузарандаи бавоситаи онҳо ҳосил мешавад: пушида — пӯшонда, шунида — шунавонда ва м. инҳо.

Хусусиятҳои гузаранда ва монда доштани сифатҳои феъли ба категориян тарзҳои феъл вобаста аст.

1. Сифати феълӣ категорияи тарзи фоилӣ ва мафъулӣ дорад.

Дар тарзи фоилӣ предмет худаш амал мекунад ё амал кардааст: Дар пеши шарикони пештар омадаам навбати дарсро нигарон шуда нишастам (С. *Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб).

2. Сифати феълӣ се замон дорад: замони хозира, гузашта ва оянда. Категорияи замон хусусияти барҷастаи феъл буда, сифати феълиро ҳамеша дар доираи феъл нигоҳ медорад.

Замони ҳозира: Тирҳои ҷолавор борандаи пулемёт босмачиёни дар як ҷо ғуншударо тут барин мерехт *(С. Айнӣ,* Ятим).

Замони оянда: Шабона дарсҳои гузаштаро такрор ва дарсҳои хонда шуданиро тайёр мекардам (С. *Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Ниҳоят, сифати феълӣ хусусияти вобастакунӣ дорад. Чи тавре ки феълҳо хусусияти вобастакунӣ дошта бошанд, сифати феълӣ низ калимаҳоро ҳамон тавр вобаста мекунад: Бача китобро хонд—бачаи китобро хондагӣ (феъли гузаранда), духтар аз хона баромад — духтари аз хона баромадагӣ (феъли монда).

Сифатҳои феълии замони гузашта, замони ҳозира-оянда ва ҳозираи муайян ба ғайр аз он ки пуркунандаҳо ва холшарҳкунандаҳоро вобаста мекунанд, инчунин калимаҳоеро ба ибораи худ дохил менамоянд, ки онҳо ба маънои субъекти амал омадаанд: Чӯбҳои ман ба ҳавз фиристодагӣ чӯбҳои тут буданд (С.*Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб).

3. Сифати феълӣ намуди мутлақ ва давомнокиро ҳам ифода мемамояд: Хосият дастархони барои тӯйравӣ тахт карда мондагиашро (мутлақ) оварда, дар рӯи сандалӣ гузошт *(С. Улуғзода,* Навобод).

Сифати феълӣ ҳамчун сифатҳо шакли ҷамъ намегирад ва чун муайянкунанда ба ибораи изофаи сифатӣ дохил мешавад: Одамони омадагӣ, офтоби тулӯъ карда истода, образи фаромӯшнашаванда.

Сифати феълӣ монанди сифатҳо пеш аз муайяншаванда низ омада метавонад:Дар он ҷо шуморо мешинохтагӣ одамҳо бисёр буданд *(С.Улуғзода.* Навобод).

Ин ҳодиса хусусан дар назм бештар мушоҳида мешавад:

Пароканда лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.
(Фирдавсӣ).

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст.
Гарданда фалак низ ба коре будаст.
(Хайём).

Сифатҳои феълӣ хабари ҷумла ҳам шуда меоянд: Рангҳо парида, чашмҳо дарун рафта, биниҳо теғ кашида, дастҳо қубла зада, кафида ва хуншор шуда, пойҳо обила карда ва ҷароҳат пайдо карда ва либосҳо дарида... *(С. Айнӣ,* Куллиёт). Саломатхола бо шавҳараш гашта обдориро нағз омӯхтагӣ... *(Ҷ.Икромӣ,*Раис). Мо онро дигаргун сохтанием.

## СОХТИ СИФАТҲОИ ФЕЪЛ/

Дар забони адабии тоҷик сифатҳои феълӣ аз ду асоси феълӣ (аз асосҳои замони ҳозира ва гузашта) ва масдар сохта мешаванд. Мисол: раванда, тамомкунанда, рафта, рафтагӣ, ҳал шудагӣ, хонда истодагӣ, хонданӣ, сарф шуданӣ ва монанди инҳо.

Агар сифатҳои феълии мураккаб ва таркибӣ дар шакли инкор омада бошанд, ҷузъи ёридиҳандаи чунин сифатҳои феълӣ ҳиссачаи на- мегирад: фаромӯшнашаванда, дӯхтанашуда, тамомнакарда, хоида набаромадагӣ, хал намешудагӣ, тамом нашуданӣ, гӯш накарда истодагӣ, тамом намекардагӣ ва монанди инҳо.

### *Саволҳо бароӣ мустаҳкамкунӣ*

1.Сифати феълӣ чист?
2.Сифати феълӣ чанд замон дорад?
3.Тасрифи феълҳо бо бандаки хабарӣ чи гуна ба амал меояд?
4.Бандакҳои феълии шумораи танҳо ва ҷамъ кадомҳоянд?
5.Феълҳои сохта бо кадом роҳҳо сохта мешавад?

### Адабиётҳо:

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Хочиев С. Забони адабии точик дар ибтидои асри XX. Душанбе, Дониш, 1987.

## *Маърӯзаи 15*

## *ФЕЪЛИ ҲОЛ. ХУСУСИЯТҲОИ ФЕЪЛ/ ВА НОМИИ ОН*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

| Қисмҳои дарс | Мазмуни фаолият | |
|---|---|---|
| | **Муаллим** | **Талаба** |
| 1-қисм муқаддима (10 мин) | 1.1. Мавзӯъ, мақсад ва натичаҳои ба нақша гирифтани машғулоти хонишро эълон мекунад | Диққат мекунад аниқ менамояд, саволҳо медиҳад |

| | | |
|---|---|---|
| 2 – қисми асосӣ (60 мин) | 2.1. Оиди мавзӯъи нав мафҳумҳои асосӣ таъкид мешавад; оиди мавзӯъ рӯйхати адабиётҳои иловагӣ тавсия карда мешавад; мақсад ва моҳияти асосии мавзӯъ фаҳмонида мешавад; мавзӯъ ба якчанд қисмҳо чудо карда шуда, муносибати мантиқии байни ҳар яки онҳоро фаҳмондан; нуқтаҳои асосӣ ва мураккаби мавзӯъро гаштаю баргашта фаҳмондан: дар чараёни маърӯза аз методҳои интерфаъол истифода менамояд; слайд, асбобҳои аёнӣ, кластер ва чадвалҳое, ки моҳияти мавзӯъро ифода мекунад, ба маврид шарҳ дода мешавад; ҳар як қисми маърӯза ба тарзи мантиқӣ хулоса карда мешавад | Диққат медиҳанд, аниқ менамоянд; оиди масъалаҳои асосии мавзӯъ муносибати худро баён мекунад. |
| 3 – қисм Чамъбаст Натича (10 мин) | 3.1. Дар бораи мавзӯъ хулоса мекунад, диққати талабилмонро онро ба чиҳатҳои муҳим чалб мекунад.<br>3.1. Ба фаъолияти гурӯҳҳо баҳо мегузорад, оиди натичаҳои баҳо гузорӣ хулоса мекунад<br>3.3. Вазифа месупорад | Байни худ ба ҳамдигар баҳо мегузоранд, Саволҳо медиҳанд |

## ФЕЪЛИ ҲОЛ

Шакли феълие, ки амал ва ҳолатеро ҳамчун аломати феъли асосӣ ифода менамояд, феъли ҳол ном дорад.

Феъли ҳол одатан амали ба феъли асосӣ пайравбударо мефаҳмонад. Вай барои эзоҳи ҳам феълҳои тасрифӣ ва ҳам тасрифнашаванда меояд: Ту ба обҳои бозикунон боло чаҳандаи фонтан нигоҳ мекунӣ *(Ч. Икромӣ,* Шодӣ). Гурӯҳе гапҳои обдори ӯро шунида, қахқосзанон хандида пароканда шуданд *(С.*Айнӣ, Ёддоштҳо).

Феъли ҳол дар алоқамандии калимаҳо тағир намеёбад. Вай дорои хусусиятҳои феъл ва зарф мебошад. Барои ҳамин онро зарфи феълӣ ҳам номидан мумкин аст.

Феъли ҳол ҳамчун феъл аломатҳои зерин дорад:

1.Феълҳои ҳол гузаранда ва монда мешаванд. Ин хусуси яти феъли ҳол бевосита ба категорияи тарзи феъл алоқаманд аст.

2. Феъли ҳол намуди давомнокиро ифода карда метавонад: Дар он чо якчанд чанговарон **гапзанон менишастанд***(Ф.*Ниёзӣ Вафо). Сухани ӯро **табассумкунон шунида нишаст** *(С.Айнӣ,* ёддоштҳо).

Феъли ҳол маънои мустақили замонӣ надорад, вале вобаста ба замони феъли асосӣ замонро ифода мекунад. Маънои замонии феъли ҳол бо семантикаи асоси феъл, ки шакли феъли ҳол аз он сохта мешавад, алоқаманд аст. Маънои замониро ифода намудани шаклҳои феъли ҳол бо намуди феъл зич вобаста аст: Дам ба дам поездҳо дуру дароз ҳуштакзанон, гумбурросзанон мегузаштанд *(Л.Деҳотӣ,* Асарҳои мунтахаб). Дар бораи бахту иқболи духтарон фикркунон шабҳоро руз мекард (*Ф.Ниёзи,* Вафо).

Ниҳоят, феъли ҳол хусусияти вобастакунӣ дорад. Вай калимаҳои дигарро ҳамчун феъл вобаста карда метавонад: Яке аз дарбориён ба сӯи ҳамьён ишоракунон (муқоиса кунед: ба сӯи хамьён ишора карда) пичиррос зад (С. *Улуғзода,* Шарки Сурх. Ба ин кӯталу теппаҳо бароед, дастро ба пешона соябонкунон ба поён, ба водӯ назар кунед (Ф. *Ниёай,* Вафо).

Хусусан феъли ҳоли гузаранда объекти бевоситаро вобаста намуда, яке аз аломатҳои барҷастаи феълро зоҳир менамояд.

Аз тарафи дигар, шаклҳои феъли ҳол монанди зарфҳо тағир намеёбанд. Феъли ҳол ҳамчун зарф дар ҷумла ба вазифаи ҳолшарҳкунанда меояд ва аз ҷиҳати вазифан синтаксисиаш ба зарф наздик мешавад: Кулолҳо Абӯалиро кашолакунон мебаранд (С.*Улуғзода,* Ибни Сино). Бо шуиидани ин ҷавоб аҳли дарбор қаҳ-қаҳзанон хандиданд (С. *Айнӣ,* ёддоштҳо).

Дар ин мисолҳо феъли ҳол ба вазифаи ҳолшарҳкунандаҳо омада, ба зарф монанд бошад ҳам, вай бо хусусиятҳои феълиаш аз зарф фарқ мекунад.

## ФЕЪЛИ ҲОЛИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА

Шакли феъли ҳоли замони ҳозира аз асоси замони ҳозираи феълҳои таркибии номӣ бо ҳамроҳ кардани суффикси -он сохта мешавад: гапзанон, хандакунон, ҷирҷиркунон, фарёдкашон, роҳравон, виззасзанон ва монанди инҳо.

Феъли ҳоли замони ҳозира бештар аз феълҳоп таркибии номие сохта мешавад, ки дар дохили онҳо гурӯҳи муайяни феълҳо ёридиҳанда шуда омадаанд. Феъли ёридиҳандаи «кардан» махсусан серистеъмолтар аст.

Феъли ҳоли замони ҳозира амалу ҳолати бо феъли асосӣ дар як замон воқеъгардидаро ифода менамояд. Феъли ҳоли замонн ҳозира ҷиҳатҳои феълии худро хуб нигоҳ медорад. Бо вуҷуди он вай дар ҷумла аломатҳои намуд, замон, инчунин вобастакунии феъли худро суст намояд, ба зарф наздик шуда, бо зарфҳо ё сифатҳои ҳамчун ҳол омадагӣ баробар кор фармуда мешавад: Дӯкондорон ба ин хондани бемаҳали мо ҳайрон-ҳайрон ва тааҷҷубкунон нигоҳ мекарданд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

### ***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1.Феъли ҳол чи гуна хусусиятҳо дорад?

2.Ба феъли ҳол мисолҳо оред?

3.Боз кадом шакли тасрифнашавандаи феълро медонед?

4.Феъли ҳол аз сифати феълӣ чӣ фарқ дорад?

### Адабиётҳо:

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.

## *Маърӯзаи 16*

## *ЗАРФ ВА ХЕЛҲОИ ОН*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

### ЗАРФ

### Маълумот дар бораи зарф.

Зарф ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, ҳолат, тарз, вақту ҳангом, маҳаллу макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шарҳу эзоҳ медиҳад: Нурҳои офтоб ба гирду атроф барқвор паҳн мешуданд (*П.*Толис, Повест ва ҳикояҳо). Аробакаш... зудтар ба манзил расонда аз дасташон раҳоӣ ёфта ночор ба роҳ даромада аспашро чолокона рондааст (С. Айнӣ, Ёддоштҳо).— Имрӯз дар ин ҷо кӣ ҷомашӯ карда буд? — гӯён фарьёд кард *(С. Айнӣ,* Еддоштҳо). Қорӣ-ишкамба ба хонааш рафта ба кӯфтагии рӯҳӣ зуд дар ҷойхобаш ёзид (С. *Айнӣ,* Марги судхӯр). Ман ҳам озод шуда ба шаҳр омадам ва дар ин ҷо пурсуков кардам (С. Айнӣ, *Ё*ддоштҳо).

Таърихи бештарини зарфҳо нисбатан нав буда, бо мурури замон баъдтар, тадриҷан аз ҳисоби ҳиссаҳои мустакилмаънои нутқ ташаккул ёфта ба вуҷуд омадаанд. Баъзе зарфҳо, аз ҷумла зарфҳои дина, дишаб, дирӯз ва ғайра аз ҷиҳати сохту маъно хеле қадиманд.

Лекин воқеае, ки дишаб рӯй дод, як алами шавҳарро сад намуд. (Х *Карим.* Оқшуда). Ман дирӯз ба он тарафи дарё гузашта будам *(П.Толис,* Повесть ва ҳикояҳо).Ҳиссачаи **дӣ-**дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба таври алоҳида ба кор бурда намешавад ва ҳар ду ҳисса якҷоя дар шакли **дина** ҳамчун калимаи рехта рӯзи гузаштаро ифода мекунад. Зарфҳои дишаб ва дирӯз низ аз ҳиссаи дӣ ва рӯзу шаб ташкил ёфтаанд, ки шаби гузашта ва рузи гузаштаро мефаҳмонанд.

Зарфи **дӯш** дар забони адабии имрӯзаи тоҷик ба кор бурда намешавад, танҳо дар адабиёти класснкӣ мавқеъ дорад, ки маънояш шаби гузашта мебошад:

**Дӯш** будам ҳамнафас танҳо ба як ҷононае,
Ноз мекарду ба зулфи хеш мезад шонае.
*(Аҳмади Ҷомӣ).*

Зарфи дӯш бо суффикси -ина низ якҷоя омада метавонад:

Дӯшина куҷо рафтию меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон буд, ки ҷонони кӣ будӣ?
*(Б. Ҳилолӣ).*

Дар боби зарф боз чунин ҳодисаҳое мушоҳида карда мешаванд, ки баъзе зарфҳо аз як навъи зарф бо мурури замон ба навъи дигари зарф мегузаранд. Масалан, зарфҳои фавран, даррав ва ногаҳон аслан ба боби зарфи замон тааллуқ дошта бошанд ҳам, оҳиста-оҳиста маънои замонии ин зарфҳо суст гардида, дар айни ҳол ҳамчун зарфи тарзи амал истифода мешаванд:

Латиф милтиқро ба коши зин овехт, тасмаи шамшерро фавран ба гардан андохт *(Ҳ.Қарим,* Оқшуда). Янгаам даррав аз орди нав хамир кард *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

### КАТЕГОРИЯИ МОРФОЛОГИИ ЗАРФ

Аломатҳои морфологии зарф аз инҳо иборатанд:

1. Зарф ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, тағир намеёбад, яъне категорияи ҷамъ надорад.

2. Гурӯҳи калони зарфҳо дараҷаи қиёсӣ доранд: Вай **зудтар** ҳаракат кард,ки ба лаби ҷӯй расад.

3. Зарф афиксҳои махсуси калимасоз дорад. м: Аффиксҳои -нокӣ,- **акӣ,- она.–вор,-бар,-ӣ** ва ғайра мисол Набӣ-Полвон Неккадамро **пушнокӣ** ба замин хобонд. Пагоҳ**ӣ** шаҳрро давр задем.

## ГУРӮҲИ ЗАРФҲО

## ЗАРФҲОИ ТАРЗИ АМАЛ

Зарфи **зуд** баъзан дар шакли такрор низ меояд:

Вай саросема менамуд ва **зуд-зуд** ба соаташ нигоҳ карда мемонд *(П. Толис,* Повест ва ҳикояҳо). Тоштилло пешакӣ дар фикраш нақшаи чӣ гуна дуруст, батартиб, беталаф зуд-зуд дудаста пахта чиданро мекашид *(Ф. Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

**Якзайл:** Тарозу ҳам тири туст, ҳамеша якзайл намегардад *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

**Оҳиста:**

Мо ҳама, ки ба он тараф чорчашма шуда нигоҳ мекардем, оҳиста ва беихтиёр аз ҷоямон хестем *(П. Толис,* Повест ва ҳикояҳо).

Зарфи **оҳиста** дар шакли **оҳистекак** низ ба кор бурда мешавад: Барои фаҳмидани таги ин хабар оҳистекак аз зери дарахт пинҳон шуда ба Регистон роҳӣ гардидам *(С.Айни,* Куллиёт).

Зарфи оҳиста дар шакли такрор низ меояд: Вера ва Шодигул оҳиста-оҳиста қадам монда рафтанд (С.Улуғзода, Диёри Навобод).

**Савора:** Аз ҳар тараф деҳқонон баромада савора ва пиёда ба ин чор нафар ҳамроҳ шуданд *(Ҳ. Карим,* Окшуда). Пиру ҷавон, марду зан, пиёдаву савора ба маркази шаҳр худро зада ба сару синаву китфу бозу роҳ мекушоянд *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё).

**Пиёда:** Кадом домоди соҳибони завод ва фабрика ба нони сиёҳ қаноат карда, дар сармо кӯҳу биёбонро **пиёда** паймудааст (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Аспаки: Наздики бегоҳӣ вай аспакӣ ба «Ситораи Сурх» расид (С. *Улуғзода,* Диёри Навобод).

**Пуштнокӣ:** Миршаб бо шунидани ин хабар «вой мурдам» гӯён пуштнокӣ меафтад (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

**Паснокӣ:** Ба шакли оби зимистони дарёи Зарафшон паси ҳамдигар гӯё ях баста, танба зада, то рафт паснокӣ дамида мерафтанд. *(С.Айнӣ,* Еддоштҳо). Гоҳо дар ягон тангкӯча танбаи ароба мошинаҳоро дида пас мегардад ва мо паснокӣ хеле масофаро тай карда ба роҳи дигар мебароем *(Ф.* Муҳаммадиев, Дар он Дунё).

**Даруннокӣ:**Баъд ҳамон дақиқа ба токчаи тиреза рафта нишаста, мактубро ғурунг-ғурунг карда даруннокӣ хондан гирифт *(Ф.Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

**Даҳонакӣ:** Мазмуни он фармон даҳонакӣ ба кӯчаҳо паҳн мешуд (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

**Ёдакӣ:** Абӯалӣ каме фикр карда, ёдакӣ мехонд (С.*Улуғзода,* Абӯалӣ ибни Сино).

**Дузону**: Юлдошев ҳам ба замин дузону нишаста ба ҳар тараф нигоҳ карда, сухани раиси шӯрои ҳосилотро тасдиқ намуда эзоҳ дод (С.*Айнӣ,* Ғуломон). Ҳамаи он касоне, ки дар сари дегҳо буданд, дастҳошонро то оринҷ шуста пок карда омада, дар гирдогирди лаълии тахтагӣ бар рӯи пӯстакчаҳо дузону нишастанд *(С.Айнӣ)*

**Беист:** Вай модарамро, ки беист гиря мекард, тасаллӣ дода мегуфт, ки беҳуда замини вокзалро об назанад, вай дере нагузашта меояд *(П.Толис,* Повест ва ҳикояҳо). Бедонаҳое, ки дар шоххҳои баланд-баланди бедҳо овехта шуда буданд, аз саҳарии барвақт то нисфи шаб беист мехонданд *(Б.* Ортиқов, Гули садбарг).

**Ноист:** Танкҳо бошанд н**оист** пеш меомаданд *(Ҷ.*Икромӣ, Достони марди танкшикан).

**Пинҳонӣ:** Мирқодир баъзе шумораҳои он газетаро аз Саидаҳмад гирифта пинҳонӣ ба мадраса меовард (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

**Беихтиёр:** Ҳотам беихтиёр лаҷоми аспро раҳо намуда, ба сағрии он қамчин зад *(Р.Ҷалил,* Баҳор). Ин мисраъро беихтиёр замзакунон такрор мекардам, ки ба сурудхонӣ гузашта рафтанамро нафаҳмида мондам *(Ф.Муҳаммадиев,* Дар он дунё).

Зарфҳое, ки ба таври монандкунӣ иҷрои амалро ифода мекунанд, зарфҳои тарзи амали монандӣ ном доранд: Ман гумон мекардам: ӯ ин суханҳоро дар бораи чизҳои навбаромад ва кор фармудани онҳо аз ягон донишманди навигаридӯст шунидааст ва тӯтивор ёд гирифтааст (С.Айнӣ, ёддоштҳо). Куртаи вай аз болои миёнбандаш халтавор овезон шуда меистод (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

**Фавран:**Дар саҳни мадраса Рӯдакӣ чашмаш ба ӯ ғалтид ва фавран ба пешвозаш омад (С.*Улуғзода,* Қисмати шоир).

**Якбора:** Якбора худро ду қадам ба ақиб партофт (Ҳ.*Карим,* Оқшуда). Амон ин сатрҳоро хонда шуда, якбора хомӯш монд (Ф.*Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

Зарфҳо инчунин дар шакли таркибҳои устувор низ ба кор бурда мешаванд: **Бечуну чаро**;

«Забони мурғонро мурғон медонанд», таклифи маъмурон зуд амал карда, бечуну чаро аз беморхона баромада рафтанд *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

Зарфҳои миқдору дараҷа низ ба ҳамин гурӯҳи зарфҳо дохил мешаванд. Ин зарфхо ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд.

1. Зарфҳои тарзи амале, ки аз такрор омадани шумораҳо ташкил меёбанд.Сарбозони дигар ҳам як-як, ду-ду омадан гирифтанд *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

Баъзан зарфҳои як-як дар шакли ягон-ягон низ истифода карда мешаванд:Ёдгор шунидаҳояшро ягон-ягон ба Гулнор нақл кард *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Деҳқонон ҷуволҳои пурборро ягон-ягон ба анбор даровarданд *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

**Ду-ду, чор-чор:** Мардум ҳам ду-ду, чор-чор аз пасу пеш мерафтанд *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

**Панҷ-панҷ, даҳ-даҳ:**

Аввал ягон-ягон, пас аз он панҷ-панҷ, даҳ-даҳ харидор омада, рафта-рафта сарой бо харидорон пур шуд *(С.Айнӣ*, Куллиёт).

Баъзан зарфи миқдору дараҷа дар шакли дукаса ва секаса меояд:Ҷавонон дар байни худ дукаса, секаса ва чоркаса гарав мебастанд *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

## СОХТИ ЗАРФҲОИ ХОССАВУ ҲОЛАТ

Зарфҳои хоссаву ҳолат аз ҷиҳати сохт ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

### Зарфҳои содда

Зарфҳои содда фақат аз як реша иборат буда, як мафҳумро ифода мекунанд: зуд, пиёда, даррав, диккак, оҳиста.

Мисолҳо: Ман либосҳоямро пӯшида, зуд аз хуҷра фуромада, ба рӯи мадраса рафтам (С.*Айнӣ,* Еддоштҳо). Баъди аз дарвоза даромадан шумо даррав ҳавлии даруни моро намебинед (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

### Зарфҳои сохта

Зарфҳои сохта аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ба воситаи аффиксҳо сохта мешаванд. Аз исм ва сифат ба воситаи суффикси**вор** зарфҳои монандӣ сохта мешаванд: У бо ин ҳама бузургӣ ва муҳобот ва салобат ба ҳар кас, ҳар чанд хурд бошад ҳам, бародарвор муомила мекард (С.*Айнӣ*),

Зарфҳои сохта инчунин бо тарзи зерин сохта мешаванд: ба исм бо илова гаштани префикси бе: беихтиёр ин калимаҳо аз даҳонам мебароянд (Ф.*Муҳаммадиев,* Дар он дуньё). Маро беихтиёр ханда омад (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

**Ба сифатҳо бо илова гаштани префикси ба-:**

Ҳоло ки аз санҷиши аввалин ба ҷӯйбори обу арақ ғӯтида базӯр баромадам, бинои эътимоди худ ба худ сохтаам рахнаи намоёнаке пайдо карда буд (Ф. *Муҳаммадиев,* Дар он дунё).

**ба сифатҳо бо илова гаштани суффикси -она:** Дар осмони бепоёни нилгун порча-порча абрҳои сафед, ки ба хирмани пахта монандӣ доштанд, киштиҳои бодбонӣ барин оромона шино мекарданд.

Зарфи тарзи амали кӯр-кӯрона аз сифати такрор ва суффиксӣ**-она с**охта шудааст:

Вақте ки мову шумо ҳам ҷавон будем, ба куҷо рафтанамонро надониста кӯр-кӯрона, палмосида қадам мемондем *(Ҳ.Карим,* Оқшуда).

Ин хел зарфҳо баъзан ба зарфи монандӣ бо илова гаштани суффикси **-она** ташкил мегарданд: Ин одам бо ҳамин шаклу шамоил калонворона оҳиста-оҳиста қадам монда, ба рӯи суфа баромада, ба Миризом салом дод (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Ба исм ва зарфҳо бо илова гаштани суффиксҳои **-ноки** ва –а**кӣ** зарфҳо ташкил мегарданд: Одина дар болои тахтасанг гоҳ ба ин паҳлу, гоҳ ба он паҳлу ва гоҳе пуштнокӣ ёзида оқибат хобаш даррав бурд *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Қисмати шоир).

Акбар амак кисаи шими худро аз рӯяш даст-даст карда дида, ба будани пул қаноат ҳосил намуду дарунакӣ хурсанд шуд *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

Ба зарфи оҳиста баъзан суффикси навозиши -**акак** илова гашта, зарфи оҳистекак месозад:

Агар медид, ки мард бо кори худ машғул аст, бе он ки назари диққати ӯро ба тарафи худ кашад, ба сӯи ҷавоне, ки машғули заминхаткашӯйбуд, оҳистекак нигоҳе мекард (С.*Айнӣ*, Куллиёт).

Зарфи **беист аз** феъли фармоиши ист ва префикси **бе-** ташкил ёфтааст: Лекин ҳавои сӯзоне аз боми кема ба тан мезад ва аз бадан беист обу арақ мешорид *(Ф. Муҳаммадиев,* Дар он дуньё).

## СОХТИ ЗАРФҲОИ МУРАККАБ

а) **Зарфҳои мураккабе, ки аз шумораву исм ташкил ёфтаанд**: Асп якпаҳлӯ шуда дар даруни заҳкаш хобида бо поҳои иешу қафои худ канори заҳкашро лагадкорӣ мекард (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Вале модарам дар ҷои нишастагиаш карахт шуда монда, якзайл ба берун чашм меандохт (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Оҳиста-оҳиста як-зайл кор кун *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

**б) Зарфи паёпай аз такрор омадани исми пай ва суффикси о сохта шудааст:**

Хулоса, мардумони ҷабрдида,
Паёпай заҳри нодонӣ чашида,
Ҳама аз айшу роҳат дур буданд,
Ғулому бандаву муздур буданд.
*(М. Турсунзода,* Хазон ва баҳор).

в) **Зарфҳои мураккабе, ки аз сифатҳои мураккаб ва суффикси -она ташкил гардидаанд:**

Бо ҳамон дасте, ки кардӣ интихоб,
**Дилпурона** давлати олиҷаноб.
*(М.Турсунзода,* Ҷони ширнн).

Раис хушҳолона гуфт ба зан рӯ оварда *(Ф.Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

## ЗАРФҲОИ ТАРКИБ/

**а) Ин зарфҳо аз такрори исм ва пешоянд ташкил меёбанд:** Падари худи ӯ бисёр вақтҳо аз рӯи ноилоҷӣ дар ба даргашта, гадоӣ карда, рӯзгузаронӣ мекард (Д. Карим, Оқшуда). Ман худамро мешиносам, ки дар ба дар, ба дасти одамҳо мебошам *(П.Толис,* Повест ва ҳикояҳо).

**б) Зарфи таркибии худ ба худ аз такрор омадани ҷонишини нафсии худ ва пешоянди ба сохта шудааст:**

Вай худ ба худ сурх мешуд, таб мебаровард *(Ҳ.Карим,* Оқшуда).

**в) Зарфҳое, ки аз такрор омадани шумораҳо ва пешоянди ба сохта шудаанд:** Соро аз вай пеш, аз муомилаҳои бой ба худаш ба Мурод гап назада буд, баъд аз он ки имрӯз мақсади бой равшан шуд, аз аввал то охир як ба як ба шавҳараш гуфта дод (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Савдогарон дӯкон ва саройҳои худҳошонро баста, ба рӯи суфачаҳо ду ба ду, чор ба чор нишаста, дар бораи як кор пичирросзанон гап мезаданд (С.*Айнӣ,* Ғуломон).

## ЗАРФҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ МУҲИТУ ШАРОИТИ АМАЛ

Ба ин гурӯҳ зарфҳои макон, замон, сабаб ва мақсад дохил мешаванд.

## ЗАРФИ МАКОН

Зарфи макон макону маҳалли амалро шарҳу эзоҳ медиҳад:Як-ду руз дар ин ҷо хоб карда сиҳат шуда рафт *(Ҳ.Карим)*. Ман дар он ҷо дар рӯи суфа ба болои кат нишаста танбӯр менавохтам (С.Айнӣ, Куллиёт).

Зарфҳои макон мувофиқи маъно ва вазифаашон ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Зарфҳои макone, ки маҳалҳои наздику дур ва масофаҳои гуногунро ифода мекунанд:

**Берун:** Инро гуфта вай берун баромад *(С.Улуғзода,* Ёрони боҳиммат). Дақиқае нагузашта дар берун ва дар дохили қишлоқ тирпарронӣ авҷ гирифт *(Ҳ.Карим,* Оқшуда).

**Ақиб:** Ба ақиб нигариста як ҷавонро бо духтаре дидам *(Р.Ҷалил,* Шикасти тилисмот).

**Қафо:** Дигарҳо ба кафо гаштанд *(Ҷ.Икромӣ,* Достони марди танкшикан).

**Дарун:** Дид, ки ду танки ба тарафи чап гузаштаги аз хатти фронти мо ба дарун даромадаанд *(Ҷ.Икромӣ,* Достони марди танкшикан).

**Поён:** Модар аз тиреза чашм канда поён нигарист *(П.Толис,* Повест ва ҳикояҳо). Дар ҳамин вақт, аз поён, аз тарафи чашма, падари ман бо амакам пайдо шуданд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

**Ҳамин ҷо:** Писарам, ман дар ҳамин ҷо! Натарс, ту аз Амон зӯртарӣ *(С. Улуғзода,* Саргузашти Собир).

**Пеш**: Пеш — сӯи фатҳу зафар меравем!
Баҳри халосии башар меравем!
*(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

**ДУР:** Вай аз дур, ҳамчун капитани киштие ба назар менамуд.

**Наздик:** Рӯдакӣ наздик омада гӯш андохт *(С.Улуғзода, Қисмати шоир).*

**Он ҷо:**
Море ба кӯҳсор хазиду он ҷо
Дар танги намнок гиреҳпеч хобид ба бахр нигарон.
*(А. Деҳотӣ,* Куллиёт).

**Ин сӯ ва он сӯ:** Сабр кунед, ин сӯ он сӯро пурсида кофтуков кунем (Ф. *Ниёзӣ,* Вафо).

**Он тараф ва ин тараф:** Он тараф аз дур дарахтзоре намудор буд (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

## СОХТИ ЗАРФҲОИ МАКОН

Зарфҳои макон низ аз ҷиҳати сохт гуногун мешаванд:

### Зарфҳои макони содда

Зарфҳои макone, ки аз як калима иборатанд, зарфҳои макони содда ном доранд:

**Берун:** Баъд ҳар ду берун омаданд (Ф.*Ниёзӣ,* Вафо).

**Поён:**Баҳор гапашро анҷом дода, сарашро поён партофт. *(П.Толис,* Повест ва ҳикояҳо). Дар ин вақт асп аз кӯтал поён мефаромад *(Ҷ.* Икромӣ, Шодӣ).

**Пеш:**
Фурсатеро ҳам мадеҳ аз дасти худ,
Пеш рав бо зиндагонӣ зуд, зуд.

*(М.* Турсунзода, Асарҳои мунтахаб)

**Зарфҳои мураккаби макон**

Зарфҳои мураккаби макон аз исм ва суфикси о сохта мешаванд.

**Саросар:**

Саросар аз ғазаб лабҳо газиданд,
Ба сӯи душмани малъун хазиданд.
*(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

**Саропой:**

Бидидам дар паси кӯҳи Ҳимолой
Замини сабзу зархезе саропой.
*(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб)

**Зарфҳои таркибии макон**

Зарфҳои таркибии макон аз исм, шумора, ҷонишин ва пешояндҳо сохта мешаванд: **Сар ба сар!**

Даштҳои хорзори мудҳиши пурғору ҷар,
Сар ба сар гаштанд боғу бӯстони пурсамар.
*(М. Турсунзода,* Асархои мунтахаб).

**Сар то сар:**Оташ дар сар то сари ҳавлии шайхи рехтагар аланга мезад *(С. Айнӣ,* Куллиёт).

**Сар то ба по:**

Духтари тоҷик, мо хонанда дар тӯи туем,
Шодмон сар то ба по чашме, ки бар сӯи туем.
*(М. Турсунзода,* Асарҳои мунтахаб).

Баъзе зарфҳои таркиби аз такрори исм ва ё аз исму ҷонишин ва аз такрори ҳар дуи ин ҳиссаи нутқ сохта мешаванд: Аз байн дарахтони зарринбарг, иморатҳои сап-сафед ҷо-ҷо худситоёна қоматашонро баланд кардаанд *(Р.Ҷалил,* Баҳор). Аз роҳи тангу торик ба майдони фароху равшани дара баромад, ҳар ҷо-ҳар ҷо дарахтони арча (бурс) соя меандохтанд *(С.Айнӣ,* Куллиёт**).**

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1. Зарф чист? Аломатҳои морфологии зарфро номбар кунед.
2. Кадом хелҳои зарфро медонел?
3. Зарфҳои ифодакунандаи муҳиту шароит.
4. Фарқи зарф аз дигар ҳиссаҳои нутқ.

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.

***Маърӯзаи 17***

## *АЛОМАТҲОИ ГРАММАТИКИИ ҲИССАҲОИ ҒАЙРИМУСТАҚИЛМАЪНОИ НУТҚ.*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

## ФИКРҲОИ МУҚАДДИМАВ/.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик асосан ҳиссаҳои номустақили нутқ пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача ва нидо мебошад.

Гурӯҳи ҳиссаҳои номустақили нутқ аз калимаҳои ёридиҳанда иборат буда, онҳо дар нутқ муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода мекунанд. Чунончи:

Пешояндҳо ва пасояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, онҳо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо нишон медиҳанд. Пешояндҳо ва пасояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳатӣ, замонӣ, объектӣ, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд. Пешоянду пасояндҳо барои робитаи аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаҳои синтаксисии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд. Мисол: Ман китобр<u>о</u> хондам. Имрӯз **ба** мактаб намеравам. **Дар** хона ҳеҷ кас набуд.

Пайвандакҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои ҷумлаи содда ва ё ҷумлаҳоро бо якдигар мепайванданд.

Дар морфология оид ба сохт ва хели пайвандакҳо маълумоти умумӣ дода мешавад. Ба тафсил омӯхтани маъноҳои гуногун ва мавқеи кор фармуда шудани пайвандакҳо вазифаи синтаксис аст.

Пайвандакҳои соддаи якҳиҷогӣ зада надоранд. Дар пайвандакҳои соддаи дуҳиҷогӣ зада, одатан, ба хиҷои аввал меояд: аммо, зеро, лекин, ҳатто, гоҳо.

Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар пайдо шуда, бештар аз калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд. Бо инкишофи забон доираи кор фармуда шудани пайвандакҳо ҳам тадриҷан вусъат ёфта, муносибатҳои байни калимаҳои мустақилмаъно ва ҷумлаҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ аъзои ҷумла ва ё баъзан ҷумлаи алоҳида шуда метавонанд. Пайвандакҳо бошанд, танҳо барои пайвастани калимаҳои мустақилмаъно ва ё пайвасту тобеъ намудани ҷумлаҳо хизмат мекунанд.

Пайвандакҳо: а) калимаҳои чидаро, б) дар ҷумлаи мураккаби пайваст ҷумлаҳои соддаро, в) дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайравро ба сарҷумла ва г) ҷумлаҳои пайрави чидаро бо якдигар мепайванданд.

Калимаҳои ёридиҳанда, ки ба фикри гуфташуда муносибати субъективии гӯяндаро мефаҳмонанд, ҳиссача номида мешаванд.

Хиссачаҳо барои таъкиду ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии калима, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. Онҳо маънои луғавй надоранд, вале хамчун воситаи лексикии ифодаи муносибатҳо бо ҳамроҳии воситаҳои грамматикӣ ва интонасия кор фармуда мешаванд.

Ҳиссачаҳо аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо фақат ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда ба ҷумла ва қисмҳои алоҳидаи он тобишҳои гуногуни модалӣ-маъноӣ дода, барои пурқувват шудани таъсири нутқ ёрӣ мерасонанд. Маъноҳои модалӣ ва тобишҳои гуногуни маъноие, ки ҳар як ҳиссача ифода менамояд, асосан дар матн ифода мегардад ва бо он зич алоқаманд мебошад. Ҳиссачаҳо дар иутқ, дар диалог ба вазифаи ҷумла омада метавонанд, ки дар ин ҳол, низ маънои онҳо бо матн, бо гуфтаҳои пеш

зикршуда зич вобаста буда, бе он номафҳум мебошанд. Мисол: **Бале,** шумо гуфта будед. **Не,** ба онҷо нарафта будам.

Нидоҳо типии махсуси калимаҳо буда, чи аз калимаҳо мустаъқилмаъно ва чӣ аз ёридиҳандаҳо фарқ мекунанд. Нидоҳо барои ифодаи ҳиссиёт ва майлҳои иродавӣ хизмат мекунанд.

Нидоҳои амрӣ аз нидоҳои эмосионалӣ аз ҷиҳати маъно, аз рӯи вазифаи худ ва гоҳо аз ҷиҳати сохт фарқ мекунанд. Нидоҳои амрӣ воситаи изҳори ирода мебошанд ва аз ин рӯ онҳо аз рӯи маъно ба сиғаи амрии феъл наздиканд.

Нидоҳои амрӣ аз рӯи маъно ва вазифа ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Нидоҳои даъват ва ҷеғ задан: **эй, ҳой, ҳон, ҳо, ӯй (ууй, ув, уув), у, аё, ой, канӣ, ё, о, ало, аллае (аллае-алла), лабай, доде, ҷавре** ва ғ. Мисолҳо:

**Ҳон, душмани манфур! Бидон, ин ватанн мост! Ин ҳастии мо, қуввату ҷон дар бадани мост!** *(*Ҳ.Юсуфӣ, Маҷмӯаи шеърҳо). **Ҳо,** Карим, ту дар ин бевақтии шаб дар ин ҷо чӣ кор карда гаштаӣ? (Песаҳои драматургони Тоҷикистон). **Эй,** ака, ин ҷо ист! (С.Айнӣ, Куллиёт).

Ин нидоҳо дар баробари нишон додани маънои умумни даъват ва ҷеғ задан боз вобаста ба хусусияти хоси муҳити нутқ ва хусусияти хоси худ тобишҳои гуногуни маъно намоён мекунанд. Аз ин нуқтаи назар онҳо ба нидоҳои эмосионалӣ наздик мешаванд.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1. Ҳиссаҳои номустақили нутқ аз ҳиссаҳои мустақили нутқ чи фарқ дорад?
2. Ба ҳиссаҳои номустақили нутқ кадом ҳиссаҳои нутқ дохил мешавад?
3. Нидо дар ҷумла кадом вазифаро иҷро мекунад?
4. Ҳиссачаҳои тасдиқӣ кадомҳоянд?
5.Ба нидоҳои амрӣ мисолҳо оред?

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.

***Маърӯзаи 18***

## ПЕШОЯНДУ ПАСОЯНДҲО.
## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

**Фикрои муқаддимавӣ.**

Пешояндҳо ва пасояндҳо калимаҳои ёридиҳанда мебошанд, онҳо бо исм, ҷонишин ва дигар ҳиссаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо нишон медиҳанд. Пешояндҳо ва пасояндҳо дар ҷумла ва ибора муносибатҳои масоҳатӣ, замонӣ, объектӣ, сабаб, мақсад, восита, тарзи амал, монандӣ ва ғайраро ифода менамоянд. Пешоянду пасояндҳо барои робитаи аъзоҳои ҷумла, инчунин барои аниқ намудани вазифаҳои синтаксисии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд.

Дар ҷумлаи «Сӯҳбатро дар инҷо қатъ мекунем» (А.Сидқӣ, Фарзанди замон) пасоянди **-ро** ба объекти бевоситаи амал далолат намуда, пуркунандаи бевоситаро бо хабар алоқаманд кардааст.

Пешояндҳо ва пасояндҳо на фақат муносибатҳои байни феълу ҳиссаҳои номии нутқ, балки байни исмҳоро ҳам нишон медиҳанд. Моҳияти грамматикӣ ва мафҳуми пешоянду пасояндҳо ба семантикаи ҳиссаҳои номию феъл ва ба мундариҷаи умумии ҷумла ё ибораҳое, ки дар таркиби онҳо пешоянду пасояндҳо ҳастанд, зич вобаста аст. Ин вобастагӣ ва ё алоқамандӣ дар таркибҳое, ки ин ё он пешоянд дар дохили онҳо муносибатҳои гуногунро ифода менамоянд, ба осонӣ тасаввур карда мешавад. Дар ҷумлаи Корвонҳо дар тобистон аз бими гармии ҷонгудози рӯз бештар шабона ба роҳ медаромаданд (А.Деҳотӣ, Оби ҳаёт ба биёбони Қароқум) пешоянди аз муносибати сабабиро ифода намудааст.

Пешоянд ва пасояндҳо, ки маъноҳои гуногуни грамматикиро ифода менамоянд, аз мафҳумҳои лексикӣ тамоман маҳрум нестанд. Аммо дараҷаи ба маъноҳои лексикӣ соҳиб будани онҳо як хел нест: баъзе пешояндҳо аз мафҳумҳои мустақили лексикӣ умуман маҳрум буда, фақат вазифаҳои ёридиҳандагиро адо менамоянд.

## ПАЙДОИШИ ПЕШОЯНДҲО

Пешояндҳои забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари пайдоишашон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ба гурӯҳи аввал пешояндҳои аслӣ дохил мешаванд, ки пандоиши онҳо ба давраи қадими» инкишофи забонамон тааллуқ дорад; ба гурӯҳи дуюм пешояндҳои номӣ тааллуқ доранд, ки дертар ба вуҷуд омада, дар марҳилаи миёнаи тараққиёти забон такомул ёфтаанд ва дар айни ҳол васеъ паҳн шудаанд. Пешоянду пасояндҳо, чунон ки забоншиносии ҳозира тасдиқ менамояд, дар ибтидо аз калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд, ки бо мурури замон ба гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда дохил шудаанд. Қисме аз онҳо моҳияти лексикии худро тадриҷан гум карда истода, ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда танҳо барои алоқамандии калимаҳо истифода мешаванд. Қисми дигарашон бошад, маънои луғавии худро қисман нигоҳ дошта, дар айни замон ҳамҷун калимаҳои ёридиҳанда дар истеъмоланд.

Пайдоиши пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ таърихан ба пешояндҳои марҳилаи қадимаи забониамон (забони қадимаи форсӣ-тоҷикӣ) рафта мерасад. Чунончи, баромади пешоянди забони ҳозираи тоҷик аз бо **ҳачаи** (ҳача) забони форсӣ-тоҷикии қадим, пешоянди **ба** бо **патий** (патий ), пешоянди **бар** бо упарий (упарий), пешоянди **дар** бо антар , пешоянди **бо** бо абағ ва пешоянди **то** бо **йата** алоқа дорад.

Аз рӯи характери сохти грамматикии худ забони форсии қадим (ё тоҷикии қадим) забони флективӣ ҳисоб мешуд, яъне системаи ҳиссаҳои номии он дорои шаклҳои гуногун буда, ҳамаи онҳо бо категорияҳои ҷинсият, шумора, падеж ва сохти асосҳон феълӣ алоқамандӣ доштанд. Пешояндҳо дар марҳилаи қадимии забони форсӣ-тоҷикии қадим якҷоя бо шаклҳои падежии ҳиссаҳои номии нутқ истифода мешуданд ва, зоҳиран, калимаҳои мустақилмаънои ба зарфҳо монандро хотиррасон мекарданд, моҳияту вазифаи онҳо дар он вақт баъзан бо мафҳуми моҳияти падежҳо мувофиқат менамояд, вале дар мавридҳои дигар танҳо ҳамин моҳияти шаклҳои падежиро аниқ мекардаду бас. Ин ё он пешоянд бо ҳаман шаклҳои падежии ҳиссаҳои номӣ баробар истифода шуда метавонист. Минбаъд инкишофи тадриҷии забон ба гурӯҳи пешоянду пасояндҳо гузаштани як силсила зарфҳо, ки дар гузашта бо шаклҳон мухталифи падежҳо кор фармуда мешуданд, ба васеъ шудани маъноҳои пешоянду пасояндҳо ва афзудани моҳияти грамматикии қисме аз онҳо шароити мусоид ба амал овард.

Маҳз дар ҳамон давраи миёнаи тараққиёти забон, яъне аз асри III эраи мо сар карда то асри IX, системаи пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ барқарор мешавад, ки он дар забони давраи адабиёти классикӣ (забони форсӣ-тоҷикии нав) боз ҳам инкишоф ёфта, дар забонн имрӯзаи тоҷик ҳам боқӣ мондааст. Пешояндҳои забони имрӯзаи тоҷик аз рӯи моҳияту функсия ва таркиби овозин худ аз пешояндҳои забони давраи қадим хеле фарқ кунанд ҳам, бо системаи пешояндҳои забони давраи миёиаи тоҷик, ҳам миқдоран ва ҳам шаклан бисёр наздикӣ доранд. Дар асарҳои давраи миёна пешояндҳои бе (дар забони «форсии миёна **абе)** ва ҷуз дучор омадаанд, ки онҳо ба ҳамин шакл дар асарҳои қадим акс нагардидаанд, вале дар забони имрӯзаи тоҷик бошад, пешояндҳои мазкур айнан бо ҳамон маъноҳои ибтидоии худ кор фармуда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ дар ҷараёни тараққиёти дурударози таърихии **худ** - аз давраҳои қадим то замони мо-маъноҳои асосии худро маҳфуз доштаанд. Чунончи, пешоянди аз ҳанӯз ҳам асосан ба сарчашмаи амал далолат менамояд, пешоянди ба сӯйро нишон медиҳад ва ғайра. Аммо дар давраи ҳозира доираи ифодаи маънои пешояндҳо боз ҳам васеъ гардида, муносибати синонимии онҳо хеле зиёд шудааст. Маҳдуд шудани маъноҳои грамматикии пешояндҳо, баръакс, ниҳоят кам ба назар мерасад. Аз ҷумла пешоянди дар (андар) дар забони адабии ҳозираи тоҷик аз маънои худ-нишои додани амали ба дохили предмет равонагардида қариб маҳрум шуда истодааст. Ба мисли ҳамии маъноҳои пешоянди бо ҳам ҳоло махдуд гардидаанд.

Дар забони ҳозираи тоҷик ҳар кадом аз пешояндҳои аслӣ як системаи мураккаби синтаксисӣ-семантикиро ташкил менамояд, ки сабаби ин ба хусусияти сохти грамматикии забон алоқаманд мебошад, зеро маҳз ба туфайли тақозои он вазифа ва роли пешояндҳо дар нутқи мо хеле афзудааст.

Пешояндҳои изофӣ ва ё номӣ ҳамчун хели нави пешояндҳо тадриҷан аз ҳиссаҳои номии нутқе, ки дар вазифаҳои ёридиҳандагӣ-иловагӣ истифода мешудаанд, сурат ёфтаанд. Пешояндхои номӣ вобаста ба вазифаҳои нави забон, ки яке аз онҳо аниқ ва конкрет ифода кардани ҳодисаҳои гуногуни ҳақиқати

объективӣ мебошад, ба вуҷуд меояид. Ин хели пешояндҳо ҳанӯз дар давраи миёнаи забонамон ва минбаъд дар асарҳои аввали адабиётп классикӣ қайд шудаанд. Масалан, дар осори хаттии асри X («Таърихи Систон») дар вазифаи пешояндҳои нзофӣ бештар ҳиссаҳои номии зерин бо мафҳуми масоҳагӣ кор фармуда шудаанд: пеш, пас, миёна, сӯй, гирд ва ғайра. Бо мурури замон ба қатори пешояндҳои изофӣ миқдори зиёди калимаҳои маънодор ворид гаштанд. Дар забони хозираи тоҷик пешояндҳои изофие, ки аз исмҳои ифодакунандаи узвҳои инсон (сар, гардан, лаб ва ғайра) ва ё аз исмҳои абстрактмаъно- васф (дар васфи...), восита (ба воситаи...), сабаб (ба сабаби...), шарофат (ба шарофати...) ва ғайра ба вуҷуд омадаанд, ниҳоят серистеъмоланд.

## ТАНОСУБИ ПЕШОЯНДҲО ВА ПАСОЯНДҲО ДАР ЗАБОНИ ҲОЗИРАИ ТОҶИК

Дар забони ҳозираи адабии тоҷик миқдори пешояндҳо аз пасояндҳо дида хеле зиёд аст. Тафриқаи асосии пешояндҳо аз пасояндҳо аз бобати ҷой гирифтан дар ибора ва ҷумла ба назар намоён мебошад, яъне пешояндҳо пеш аз калимае меоянд, ки ба вай тааллуқи бевосита дорад, пасоянд бошад, баръакси ин, чунончи: Аз падарам ҳеҷ вақт гапи сахт нашунидам. Падарамро баробари ҷонам дӯст медорам. Дар забони ҳозираи адабии тоҷик ду хел пасоянд дида мешавад: гурӯҳи аввал пасояндҳое, ки ҷояшонро тағир намедиҳанд, ин гурӯҳ фақат ду пасоянд дорад: **-ро, барин.**

Пасоянди **-ро** аз пасоянди забони форсии тоҷикии қадим радий (дар забони тоҷикии миёна **-ра**) ба вуҷуд омадааст, ки он маънои сабаб ва мақсадро ифода менамуд. Пасоянди ҳозираи **-ро** бошад, дар забони адабии мо вазифаи синтаксисии нисбатан маҳдудро иҷро кард, бо феълҳои гузаранда объекти бевоситаро бо баъзе феълҳои монда объекти бавосита нишон медиҳад. Пасоянди барин бошад, фақат як маъно дорад, вай монандиро ифода менамояд. Ба мисли пешояндҳои номӣ пасоянди барин баъзе суффиксҳои номӣ ба худ қабул мекунад. Ба ин гурӯҳ пасоянди б**оз** ҳам медарояд.

Дар байни пасояндҳо калимаи ёридиҳандаи дида (дар асл сифати феълӣ) мавқеи махсусе дорад, ки он бо ҳамроҳии пешоянди аз дар ибора муқоисаи як предметро бо предмети дигар ифода мекунад: Имрӯзҳо, дар айни каналсозии мо, аз Тӯрабек дида, Муҳаммадҷон хавфноктар шуда монд *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Гурӯҳи дуюм пешояндҳо-пасояндҳо, яъне калимаҳои ёридиҳандае, ки ҳам пеш аз исм истода метавонанд, ҳам пас аз он. Ба ин гурӯҳ катӣ қатӣ ва дар баъзе мавридҳо, махсусан дар назм, пешоянди-пасоянди андар, инчунин баъзе пешояндҳои номиеро, ки маънои замонро ифода менамоянд (Чунончи, пас: аз чанг пас дар баробари пас аз чанг; қабл: аз ид қабл), дохил кардан мумкин аст.

Ҳодисаи ба ҷои пасоянд кор фармудани пешоянд дар забон решаҳои чуқур дорад. Ҳол он ки чи дар забони тоҷикии қадим ва чи дар марҳилаи миёнаи инкишофи забони мо аксарияти пешояндҳо дар ҷумла ҷои қатъӣ надоштаанд. Чун калимаҳои ёридиҳанда онҳо пеш аз исм ва пас аз он ҷой гирифта метавонистаанд, яъне онҳо ҳамчун пешоянд ва ҳамчун пасоянд кор фармуда мешуданд. Ин воқеа дар адабиёти классикин тоҷик ҳам ба таври васеъ ҷорӣ шуда будааст. Масалан, ...ва ба шаб андар табл бизад (Таърихи Систон).

Ба Пирӯз бар ахтар ошуфта шуд, Ва бар коми мо шоҳи ту кушта шуд *(Фирдавсӣ).*

## ТАРКИБИ МОРФОЛОГИИ ПЕШОЯНДҲО

Пешояндҳои забони ҳозираи тоҷик аз рӯи таркиби морфологӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1) пешояндҳои аслии-содда: аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, ҷуз;

2) пешояндҳол аслии таркибӣ: то ба, ҷуз аз, ба ҷуз. Ба ҷумлаи пешояндҳои аслии соддаи забони ҳозираи тоҷик пешоянди барои низ дохил мешавад, ки он таърихан ба назар ҳамчун ихтисоршудаи таркиби пешоянди ба ва пасоянди **-ро** (аз пасоянди забони давраи қадим -радий, ки мафҳуми сабаб ва мақсадро ифода мекардааст) мерасад. Ин пешоянд ба мисли пешояндҳои изофӣ ба худ бандакҷонишинҳо ва баъзе суффиксҳоро кабул карда метавонад, Чунончи: бароят, бароякат (муқ. кунед:пешат; пешаки ту). Вале бар хилофи пешояндҳои номӣ барои ҳамҷун пешояндҳои аслии содда аз мафҳуми лексикӣ тамоман озод буда, мустақилона кор фармуда на-мешавад;

3) пешояндҳои соддаи номӣ ва ё изофӣ (пеши..., назди..., рӯи..., паси.., баъди..., ғайри...);

4) пешояндҳои номии изофин таркибй (ба пеши..., дар назди..., рӯи..., аз паси..., дар бораи..., дар ҳаққи...);

5) пешояндҳои номии изофии такрор: (пеш-пеши..., таг-таги...);

6) пешояндҳои таркибии ғайриизофӣ, ки аз ҷузъҳои номӣ ва пешояндҳои аслӣ сурат ёфтаанд: пеш аз, баъд аз, пас аз, ғайр аз, назар ба, нисбат ба, доим ба, оид ба.

Пешояндхои аслии содда ба ғайр аз пешоянди барои ҳама якҳиҷогӣ ва дар байни пешояндҳои дигари забони тоҷикӣ сермаънотаранд. Пешояндҳои мазкур фақат дар аввали калимаву ибора ва таркибҳо омада, ба калимаи минбаъд бе ягон формати морфологӣ (бандак ва ё ҳиссача) пайваст мегарданд. Пешояндҳои номии содда, таркибӣ ва пешояндҳои такрор бошанд, бо калимаҳои минбаъда ба воситаи бандаки изофӣ алоқаманд мешаванд.

Таркибҳое, ки дар дохили худ пешояндҳои изофӣ доранд, зоҳиран, аз нуқтаи назари хусусиятҳои морфологӣ аз ибораҳои номии изофӣ тафовут намекунанд. Лекин аз рӯи семантика ва вазифаҳои синтаксисӣ байни онҳо фарқияти калоне ба назар мерасад. Дар ибораҳои номии изофӣ, ки бандаки изофи муайяншавандаро бо муайянкунанда мепайвандад, ду аъзои ҷумла мавҷуд аст, ки онҳо бо калимаҳои мустақилмаъно ифода мешаванд. Вале дар таркибҳои пешояндproperly яке аз ҷузъҳои онҳо аъзои ҷумла набуда, балки калимаи ёридиҳанда мебошад, ки ба худ ҳатман савол қабул намекунад.

Ба ин гурӯҳ пешояндҳои қадимтарин дохил мешаванд, ки онҳо бо баромади худ дар забони ҳозира бо ягон ҳиссаи дигари нутқ алоқамандӣ надоранд. Пешояндҳои аслӣ миқдоран каманд: Баъзе аз онҳо, бештар дар назм, ба тағироти фонетикӣ дучор мегарданд. Пешоянди аз дар назм мувофиқи талаби вазн садоноки аввали худро гум мекунад ва дар ду шакл - **зи, з** кор фармуда мешавад:

Зи ҳар меҳре ба мо меҳри Ватан зӯр

*(М. Раҳимӣ).*

Уфуқ з-оташ либоси сурх пӯшад

Фалак оташ барорад, баҳр ҷӯшад

*(М. Турсунзода,* ).

Дар назм пешоянди ба пеш аз ҷонишинҳои бо садонок сар мешудагӣ омада бошад, гоҳо дар шакли қадимтарини худ (бад) кор фармуда мешавад: Бад-эшон, бад-ӯ.

Пешояндҳои аз, ба, дар хеле сермаъно мебошанд. Пешоянди андар ва пешоянди ҷуз нисбатан кам ба кор бурда шуда, бештар дар назм вомехӯранд.

Пешояндҳои бе ва то аз ҷиҳати маъно ва вазифаашон нисбатан махдуд мебошанд.

Дар ҳар як пешоянди аслӣ маънои асосӣ дида мешавад, ки дигар тобишҳои маъно аз, он инкишоф ёфтаанд. Тобишҳои дигар ба калимаи бо пешояндомада ва феъл (ё ҷузъҳои ибора) вобастаанд.

**Пешоянди аз**

Пешоянди аз дар маъно ва вазифаи асосии худ барои ифодаи муносибатҳои масоҳагӣ ва замонӣ меояд: мавқеи баромад, сарчашмаи амалро нишон дода, ҷудошавӣ, дуршавиро мефаҳмонад. Пешоянди аз дар мавридҳои зерин ба кор бурда мешавад:

1. Барои нишон додани мавқеи баромади амал аз предмет, аз дохили предмет ва ё аз сатҳи он равона шудани амал: Аз Деҳнав ва ё ки Юрчӣ, аз Ҳисори Шодмон ё ки Қаротоғ биёяд, чопаре ва ё ки шогирдпешаи мирояд, албатта, ба хонаи Муҳаммад Аминбой мерафт ва меҳмони ӯ мешуд *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

2. Барои нишон додани гузаргоҳи чизе мебошад ва ё гузаштан аз ҳудуди чизе, дар ин ҳолат тобиши махсус ба худ мегирад, дараҷа ва миқдорро ҳам нишон медиҳад. Акнун барфи кӯча аз буҷулаки по мегузашт *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр). Вақт аз ними шаб гузашта буд *(С.Айнӣ,* Аҳмади Девбанд).

3. Замони сар шудани амал ё ҳодиса.

Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту *(*А.Деҳотӣ*,* Ба модар-ба Ватан).

4.Предмети бутун ё маҷмӯи предметҳо ва ё тоифаи муайян» одамҳое, ки аз онҳо қисме ҷудо мешаванд, инҷунин ба маҷмӯъ мансубияти ҷузъро мефаҳмонад: Яке аз дӯстонам ба ман бо роҳи маслиҳат гуфт (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр).

5.Ба материале, ки предмет аз он сохта шудааст, ишора мекунад. Он чилим монанди чилимҳои оддии тамокукашӣ чӯбкадугӣ ё мисин набуда, аз чӯби чормағз... сохта шуда буд (С.*Айнӣ, Ё*ддоштҳо).

Лолаву себарга ба вақти саҳар,

Ҳалқабагӯшанд зи лӯлӯи тар

*(М.*Турсунзода, Меҳмони мағрибӣ).

6. Пешоянди аз барои ифода кардани соҳибият ба кор бурда мешавад: Ии китоб аз мо, инаш аз шумо.

Навбати ояндаи тӯй аз вай аст-Шодии ҳар як дару кӯй аз вай аст.

*(М.Турсунзода).*

7. Баъзе маъноҳои пешоянди аз аз семантикаи аввалинаш дур рафта, барои нишон додани объекте, ки амал ба он равона шудааст, кор фармуда мешавад: Акрам аз гиребоии ҷомаи Рустам-амак қапида ба хона даромад *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

**Пешоянди ба**

Пешоянди ба аслан муносибатҳои масоҳагиро ифода намуда, барои нишон додани предмет, шахс ва ё ҷой, ки ақал ба сӯи он равона шудааст, кор фармуда мешавад. Ин пешоянд асосан самти амал ва ё ҳаракатро нишои медиҳад, аммо вобаста ба семантикаи феъл ва исм ва инчунин бо мазмуни умумии ҷумла пешоянди ба, тобишҳои маъноии гуногун: ҳам масоҳагӣ, хам объектӣ ва ҳам замонӣ ба худ мегирад.

**Пешоянди дар**

Пешоянди дар ба маънои асосии масоҳагии худ кор фармуда мешавад:

1. Барои нишон додани макони предмет ва ё ҷои вазъияте, ки дар он амал мегузарад. Дар ин диёр ҳаво зуд торик мешудааст (Ф.*Муҳаммадиев,* Дар он дунё). Он сой дар баъзе ҷойҳо бисёр ҷуқур аст *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Вай соатҳои даҳ-даҳуним дар маркази район аз машина фаромада буд (Ф.*Муҳаммадиев,* Муҳоҷирон).
2. Пешоянди дар барои нишон додани замони воқеъ гардидани амал хизмат мекунад: Дар нимаҳои соли 1914 хат омад, ки писараш дар ҷанг нобуд шудааст (Ҷ.Икромӣ, Духтари оташ).
3. Бо амале машғул ва ё дар ягон ҳолате будан: Маълум мешуд, ки ӯ чизеро дар паси чӯт ва назарҳои оянда-равандагон пинҳон гузошта дар хӯрдан аст (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр). Дар талоши об ҷаҳду ҷадалҳои халқи туркман махсусан шоёни диққат аст.*(А.Деҳотӣ)*

**Пешоянди бар**

Пешоянди бар муносибатҳои масоҳагиро ифода намуда, дар вазифахои грамматикии худ аксар вақт бо пешоянди ба муродиф мебошад ва монанди он маъно ва вазифаҳои зерин дорад:

Равона шудани амал ба сӯи предмет ё ба ҷое, бештарин ба сатҳ ё ба болои предмет. Қайд кардан лозим меояд, ки пешоянди бар бештар дар забони адабии китоби кор фармуда мешавад ва нисбат ба пешоянди ба тобиши услубии нутқи тантанавӣ дорад. Ин пешоянд дар назм ба таври васеъ дида мешавад. Гар ниҳад по бар заминат, зери по гардад сараш (А.Деҳотӣ, Ба модарба Ватан). Акнун бар шохҳои ҳамаи дарахтони сарҳавз лампаҳои ҷилуми овезаро овехта буданд **(С.Айнӣ).**

Барои нишон додани сӯи амал ба предмет (адресат): Модари хушнудшуда назди мо омада менишасту чашм бар писаронаш медӯхт (П.Толис, Бародарон).

Макони предмет ва ё воқеъ гардидани амал: Дар вақти гармо бар он суфа нишастан ва ба оби равони рӯд назар андохтан ба кас роҳат мебахшид (С.Айнӣ, Ёддоштҳо). Аммо дастонамро болои ҳам бар синаам мондам (С.Айнӣ, Мактаби кӯҳна).

**Пешоянди то**

Пешоянди то барои нишон додани ибтидо ва интиҳои амал дар масоҳа ва замон кор фармуда мешавад: Як рӯзи баҳор Қурбонниёз тағоиам моро то Ғиҷдувон бурда монд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Пешоянди то мафҳумоти фарқиятро низ ифода менамояд. Масалан: Одам то одам фарқ мекунад. Аммо ман он вақтҳо фарқи суф то шоҳиро намедонистам *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

**Пешоянди бо**

Пешоянди бо дар маъноҳои асосии худ барои нишон додани ҳамроҳӣ ва воситаи иҷро кор фармуда мешавад. Ғайр аз ин вобаста бо семантикаи исм ва феъл тобишҳои маъноии иловагии гуногуни он зоҳир мегарданд.

1.Дар иҷрои амал муштарак будан ва ё хамроҳшудан ба чизе ё шахсе: Дар вақтҳои барфборӣ бомҳои ин ҳавлии калонро бо саис ман мерӯфтам (С.). Бо шумо барои оянда як шартномаи даҳонакӣ бандем (С.Айнӣ, Айнӣ, Ёддоштҳо ).

2.Воситаи иҷрои амал: Мақсудҷон ва Тоҳирҷон бо панҷшохаҳо дастаҳои хори тарро оварда, дар даруни охур андохта, ҳамвор карданд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

3.Тарзи амал. Бо даҳшати аз одат берун ҳаво гулдуррос зад. (С*.Айнӣ,* Ғуломон).

**Пешоянди бе**

Пешоянди бе набудани касе, ҳодисае ва ё предметеро нишон медиҳад ва аз ин рӯ муқобили пешоянди бо мебошад: Мегузарад ӯ нанамуда назар, Бе ҳаяҷони дилу шавқе ба сар *(М. Турсунзода,*).

**Пешоянди ҷуз**

Пешоянди ҷуз мисли пешоянди бе муносибатҳои масоҳагиро ҳаргиз ифода нанамуда, ба маънои истисно меояд: Дар назм пешоянди аз забони арабӣ гирифташудаи бидуни, ки ҳаммаънои пешояндҳои бе ва ҷуз мебошад, кор фармуда мешавад:

В-ин замон мо ба вай намуда зафар,
Бо дили хуш, бидуни биму хатар *(А.Лоҳутӣ, Суханҳои вирди забон*).

**Пешоянди барои**

1) Пешоянди **барои** дар нишон додани мақсад ва таъиноти амал ба кор бурда мешавад: Аҳмад-махдум ба ин ҷо барои дамгирӣ меомад *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

2) Пешоянди барои ба фоидаи касе ва ё барои чизе равона гардидани амалро мефаҳмонад: Шунидани ин саргузашт барои шумо фоида дорад, бачагонам *(Р.Ҷалил,* Ҳикояи Бобо Барот).

3) Пешоянди барои бо пешоянди аслии аз омада (аз барои), ...тобиши таъкидиеро ба худ мегирад: Аз бароят ҷон диҳад инсон агар, арзандаӣ *(М. Турсунзода).*

**Пешояндҳои аслии таркибӣ**

Пешояндхои аслии таркибӣ то ба, ба ҷуз, ҷуз аз-аз ду ҷузъ иборат буда, яке аз онҳо соҳиби маънои асосӣ мебошад, дигараш маънои иловагие дорад, ки тобиши таъкидӣ ба худ мегирад. Пешоянди то ба муносибатҳои масоҳагӣ ва замониро ифода намуда, интиҳои равона кардани амал ба ягон сӯй ва замонро нишон медиҳад: Халқ бурдааст роҳи оҳанро то ба шаҳри ман *(М.Турсунзода).*

Баъд беморро ба он ҷо кӯчонида болояшро то ба кифташ бо курпа пушонид *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Хайрият омада мондед, тағоича, биёед, мана то ба ҳавлии оймулло бурда монед *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

Пешоянди то ба барои нишон додани интиҳо ва ё ҳадди охирини ҳодиса ва ё ҳблат истеъмол карда мешавад. Наход ки кас то ба ҳамин дараҷа монад?! *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Пешояндҳои ба ҷуз-ҷуз аз истисноро мефаҳмонанд: Вай ба ҷуз як ҷуфт барзагов ва як таноб замин ҷизи дигаре надошт *(А.Деҳотӣ,* Ҳамидаи сиёҳбахт). Давлат ба ҷуз Даша ва Пётр аз сангғелонӣ ва ба подоши амал гирифтани таппонча ба касе даҳон накушод *(Р.Ҷалил,* Шӯроб).

**ПЕШОЯНДҲОИ ИЗОФИИ ТАКРОР**

Пешояндҳои изофии такрор бо роҳи такрор шудани як гурӯҳи муайяни исмхо ба вуҷуд меоянд. Пешояндхои изофии такрор бештар аз чунин исмҳо: қад, лаб, рӯй, сар, пеш, таг, дарун, гирд ташкил ёфта, ба калимаи пешомада бо бандаки изофӣ пайваст мешаванд ва шакли зеринро мегиранд: қад-қади лаб-лаби, рӯй-рӯи, таг-таги, дарун-даруни. Пешояндхон. такрории алоҳида ба воситаи садоноки пайвасткунандаи «о» ҳам ташкнл меёбанд. Масалан: гирдогирди..., пешопеши... Ба гурӯҳи пешояндхои нзофии такрор аз рӯи вазифахои грамматикиашон таркибҳои типи: сар то сари, гирду пеши, гирду атрофи, гирду канори низ дохил мешаванд. Масалан: сар то сари соҳил, дар доманаи кӯхп Муғул шаҳои нав, шаҳои зебои соҷиалистӣ бино шудааст *(А.Сидқӣ,* Фарзанди замон). Ба ин тараф гузар, гирду пеши ӯ аз одам пур буд *(П.Толис,* Бародарон). Дар гирду канори Ленинобод ҳафт-ҳашт колхозҳои майда-майда барқарор шудаанд *(А.Сидқӣ,* Фарзанди замон).

Пешояндҳоп мазкур мисли пешояндхои номии изофӣ маънои луғавии худро нигоҳ дошта, бо калимаҳои дигар ба воситаи бандаки изофӣ алоқаи синтаксисӣ пайдо мекунанд. Вобаста бо маънон луғавиашон ин пешояндхо муносибатҳои масоҳагиро ифода мекунанд. Аз ҷиҳати функсияи грамматикиашон пешояндҳои изофаи такрор бо пешояндҳои мувофиқмаънои изофии номӣ умумият доранд, лекин фарқаш дар он аст, кн пешояндхои такрор аксар ҷараён ва давомнокии амалро нишон медиҳанд.

**ПАСОЯНДҲО**

Пасояндҳои забони ҳозираи тоҷик микдоран кам бошанд ҳам, аз ду гурӯҳ иборатанд: а) пасояндҳои аслӣ, ки маънояшон ниҳоят грамматиконида шуда, аз маънои луғавӣ тамоман маҳруманд. Ба ин гурӯҳ пасоянди «ро» дохил мешавад ва б) пасояндҳои номӣ, ки то ҳол ба вазифаи калимаҳои мустақилмаъно кор фармуда мешаванд ва дорои баъзе хусусиятҳои номӣ мебошанд. Ба ин гурӯҳ пасоянди-пешоянди қатӣ, пасоянди боз ва инчунин барин дохил мешаванд.

а) Пасоянди -ро. Бо пасоянди -ро мафҳумҳои зерин ифода карда мешавад:

1. Ба предмети муайян бевосита гузаштани амал, ки бо феъли гузаранда ифода шудааст: Гулрӯ кӯзаро гирифта, ба ҳавлӣ даромад *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Исмҳои хос, ҷонишинхои шахсӣ, нафсӣ, ки предмети муайянро мефаҳмонанд, чун объекти бевосита бештар бо пасоянди **-ро** меоянд: Аҳмадҷонро ба яке аз ду бригада.. сардор таъин карданд *(С.Улуғзода,* Навобод).

Писаратон маро масхара карданд *(С.Улуғзода,* Навобод). Борони майда меборид, мардум худроба чойхонаву ошхона гирифта буданд *(С.Улуғзода,* Навобод).

Агар исм якчанд муайянкунанда ва ё калимаҳои эзоҳкунанда дошта бошад, пасоянди -ро одатан дар охири ибора меояд ва ба ҳамаи ҷузъи ибора алоқадор аст. Қисми калони заминҳои рег пахшкардаро кушода... ба қатори заминҳои корам даровarданд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Духтар хокрӯбаи пеши ҷорӯбро ба хокпарто напартофта буд *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид). Гулрӯ ғубори ба рӯяш нишастаро бо остини васеи куртаи шолфараш пок кард *(Р. Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Вазифаи асосии пешоянди **-ро** дар забони адабии имрӯзаи тоҷик пеш аз ҳама ифодаи объекти бевоситаи амал мебошад.

2. Пасоянди **-ро** дар ифодаи объекти бавоситаи амал низ меояд, ки дар ин вазифа кор фармуда шудани он нисбатан маҳдуд аст:

Маро рӯзе ҳикоят кард бобо *(М.Турсунзода,* Қиссаи Ҳиндустон). Он бача ба сари бачаҳои дигар рафт ва онҳоро ҳам ёд дод (С.*Айнӣ,* Мактаби кӯҳна).

Бадзабонӯ туро намезебад, Ҳурмати нафсу иззати кас кун *(М.Турсунзода).* Шуморо лозим меояд, ки пеш аз коштани пунбадона ба замин об диҳед (С.*Улуғзода,* Навобод). Маро муяссар шуд, ки барои равған андохта мондан зарфи тунукагии сафед харам (С.Айнӣ, Ёддоштҳо).

Пасоянди -ро дар ифодаи объекти бевосита бо пешояндҳои ба, аз, дар, дар бораи, барои хусусияти синонимӣ пайдо мекунад.

б) Пешоянд-пасоянди катӣ (қати) муродифи пешоянди бо буда, маъноҳои зеринро ифода мекунад:

Ҳамроҳӣ дар иҷрои амал: Ман бародарам қатӣ омадам.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунӣ***

1.Доир ба пайдоиши пешояндҳо чиҳо медонед?
2.Кадом пешояндҳоро медонед?
3.Пасояндҳо кадом вазифаро иҷро мекунанд?
4.Пешояндҳои изофии такрор бо кадом роҳҳо сохта мешавад.
5.Пасоянди кати (қати) муродифи кадом пешоянд мебошанд?

**Адабиётҳо:**

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, чилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3.Забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. Синтаксис.-Душанбе, 1984.
4. Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000
5.Исматуллоев М.Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи точик. –Душанбе, 1991.

## Мавзӯи 19

## *Пайвандакҳо*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

*Фикрҳои муқаддимавӣ.*

Пайвандакҳо ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, аъзоҳои ҷумлаи содда ва ё ҷумлаҳоро бо якдигар мепайванданд.

Дар морфология оид ба сохт ва хели пайвандакҳо маълумоти умумӣ дода мешавад. Ба тафсил омӯхтани маъноҳои гуногун ва мавқеи кор фармуда шудани пайвандакҳо вазифаи синтаксис аст.

Пайвандакҳои соддаи якҳиҷогӣ зада надоранд. Дар пайвандакҳои соддаи дуҳиҷогӣ зада, одатан, ба хиҷои аввал меояд: аммо, зеро, лекин, ҳатто, гоҳо.

Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар пайдо шуда, бештар аз калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд омадаанд. Бо инкишофи забон доираи кор фармуда шудани пайвандакҳо ҳам тадриҷан вусъат ёфта, муносибатҳои байни калимаҳои мустақилмаъно ва ҷумлаҳоро ифода мекунанд.

Ҳиссаҳои мустақили нутқ аъзои ҷумла ва ё баъзан ҷумлаи алоҳида шуда метавонанд. Пайвандакҳо бошанд, танҳо барои пайвастани калимаҳои мустақилмаъно ва ё пайвасту тобеъ намудани ҷумлаҳо хизмат мекунанд.

Пайвандакҳо: а) калимаҳои чидаро, б) дар ҷумлаи мураккаби пайваст ҷумлаҳои соддаро, в) дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайравро ба сарҷумла ва г) ҷумлаҳои пайрави чидаро бо якдигар мепайванданд.

**СОХТИ ПАЙВАНДАКҲО.**

а) Пайвандакҳои содда: ва, ҳам, ё, ки, чун, то, аммо, лекин, вале, зеро, агар ва ғ.

Пайвандаки -у (-ю, -ву) бо калимаи пеш омадагӣ ҳамеша якҷоя навишта мешавад.

б) Пайвандакҳои мураккаб: чунки, азбаски, агарчи (гарчи), вагарна, набошад ва ғ.

**Мисолҳо:**

Мӯзадӯз сари худро хам карда он ҳамларо рад намуд, вагарна албатта сараш мекафид *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Инҳо барои ошу нони туро хӯрдан ғун мешаванд, вагарна ба хонаи ман чаро намераванд, чунки дар он ҷо ошу нони барзиёд нест *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Агарчи ин таъбир ҳам дар асл луғати дуруст аст, аммо дар урфи Бухоро ва Шарқи он унвони расмӣ аст *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Давидани Ноиб аз давидани сангпушт ҳеҷ фарқ надошт, чунки ӯ ҳам монанди Қорӣ-ишкамба шикамкалон ва фарбеҳ буда, гӯшти зери зақан ва пушти сари ӯ дамида баромада, гарданашро бо шикам ва тахтапушташ ҳамрӯй карда буд (С.Айнӣ, Куллиёт).

в) Пайвандакҳои таркибӣ: ё **ки, ё ин ки, модом ки, то ки, то ин ки, барои он ки, вақте ки (вақто ки), баъд аз он ки, баъди он ки, ҳамин ки, ҳар вақт ки, ҳангоме ки, пеш аз он ки, пас аз он ки, аз бозе ки, ҳоло ки, акнун ки, агарчанде ки, гарчанде ки, зеро ки, ба сабаби он ки, ба ҷои он ки, ба қадре ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, монанди он ки, мисли он ки, чунон ки, ҳол он ки ва** ғ.

Пайвандакҳои таркибӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ташкил ёфтаанд: Чунончи, пайвандаки то ки аз пайвандакҳои то ва ки сохта шудааст:

Шукурбек дар он ҷо ба ду кӯча ду санг ғурронд, то ки одамони раванда ва оянда кӯчаро холӣ кунанд *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Ман рупияҳоро ҷудо карда ба раис додам, то ки ба банки давлатӣ супорад *(Ҳ.Карим,* Оқшуда).

Барои он ки, барои ин ки аз пешоянди барои, ҷонишини он ё ин ва пайвандаки ки ташкил ёфтаанд:

Онҳо, барои он ки дили пиразанро ёбанд, як ҷанговар ҷорӯбро аз дасти Фазилатхола гирифта, ба руфтурӯб ёрмандӣ карданӣ шуд *(Ф.Ниёзӣ,* Ҳикояҳо). Дар он ҷо аҳволам бад буд, барои он ки бисёрии хизмат хусусан хизматҳои вазнин аз фурсат ва тоқати ман зиёд буд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

**Бе он ки, бе ин ки аз пешоянди бе, ҷонишини он** ин ва пайвандаки ки: Ғуломҳайдар, бе он ки гап занад, ғалбери пури ҷавро бардошта ба Назарбой нигоҳ кард (С.*Айни,* Ёддоштҳо). Агар хато накунам, Сафозода Шумоед? — гуфт ӯ бе хеҷ такаллуф ва бе. он ки қалбан саломуалек-кунад *(Ф. Муҳаммадиев,* Одамони кӯҳна). Зебо, бе он ки чашмашро кушода тавонад, дастони худро ёзонда хозир гӯён ба вай хушомад мегуфт (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ба модарам дилбаста ва меҳрубон буд, дар кору бори хона худаш, бе он ки модарам гӯяд, ба ӯ ёрӣ медод (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дарбон бачагонро, бе он ки худаш дарояд, ба ҳузури амир даровард (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Пайвандакҳои таркибии ба дараҷае ки, ба тарзе ки, ба андозае ки аз пешоянди ба, исмҳои дараҷа, тарз, андоза ва пайвандаки ки ташкил ёфтаанд:

Шунидани саргузашти Шариф ба Одина хеле таъсир гузошта буд, ба андозае ки қариб буд, фоҷеаҳои худро аз хотираш баровард (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Бояд душманонро ба андозае ки дигар сар бардошта натавонанд, мезананд ва маҳв мекарданд (С.*Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб)

Пайвандаки таркибии **вакте ки, дар вакте ки**.

Пайвандаки якум аз исми вақт ва пайвандаки ки, пайвандаки дуюм аз пешоянди дар, исми вақт ва пайвандаки ки сохта шудааст:

Вақте ки резаворфурӯш хӯрҷинро ба китфаш партофта ба бозор равон шуд, мо ҳам аз қафояш рафтем (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Вақте ки мо аз деҳа баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Дар вақте ки ман мехоҳам акнун ба сари худ кор карда, ба сари худ зиндагонӣ кунам, шумоён ҳамин чор таноб заминро ҳам аз дасти ман гирифтанӣ шавед, ман розӣ шуда наметавонам (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Вақте ки як пайт бозӣ тамом шуд, доира ва сурудхонӣ хомӯш гашт *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

Пайвандакҳои **пас аз он ки, пеш аз он ки, баъд аз он ки аз зарфҳои пас, пеш, баъд, пешоянди аз, ҷонишини он ва пайвандаки ки таркиб ёфтаанд:**

Пас аз он ки Сӯфӣ ҳам расида омада дилтангона овоз баровард, аз дарун Фирӯза лаббай гуфта баромад ва дарвозаро кушод *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Пас аз он ки пурсиши пирамард ба поён расид, сардор ҳам аз пирамард ба тадбири дар боло навишташуда аҳволпурсӣ карда ҷавоб гирифт *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ҷонишин пеш аз он ки ба ӯ ҷавоб диҳад, ба Нуралй мулоимона, аммо ба оҳанги танбеҳ гуфт *(С.Улуғзода,* Диёри Навобод)

Ҳангоме ки аз исми ҳангом ва пайвандаки ки сохта шудааст: Ҳангоме ки Малик онҳоро бо ҳаракати даст ақиб мепартофт, ҷашмони хиҷолатманди ӯ ба

назар меафтоданд *(Толис).* Ҳангоме ки шӯълаи офтоби субҳ ба рӯи баргҳои чинор афтод, аз тарафи шарқ, аз роҳи калон машинаи боркаше ба қишлоқ даромада, дар рӯ ба рӯи бинои мактаб омада истод *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Пайвандаки **ва** ҳол он ки. Ин пайвандак аз пайвандаки ва, исми ҳол, ҷонишини он ва пайвандаки ки таркиб ёфтааст: Шумо ин касро «Одами бисёр калон ва олими гузаро» гуфтед ва ҳол он ки қади ин кас он қадар баланд не ва саллаашон ҳам аз саллаи имоми мо хурд аст-ку? *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Хусусан аз ман, ки либосҳои саҳроии дар зери хизмат чиркин шуда ва дарида доштам, ҳеҷ нафрат намекард. Ва ҳол он ки ӯ дар зиндагӣ ва хусусан дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои хӯрданӣ бисёр озода буд *(С.Айнӣ,* ёддоштҳо). Ман ин харро беҳтарини харҳо гумон карда, ба як тангаю ҳашт пул то Вобканд киро кардам. Ва ҳол он ки кирои харҳои дигар аз шаҳр то Вобканд як танга буд *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо).

Пайвандакҳои **бо вуҷуди он ки ва гарчанде ки**. Пайвандакҳои бо вуҷуди он ки, гарчанде ки чи дар нутқи гуфтугӯй ва чи дар китобатӣ ба кор бурда мешаванд. Пайвандаки бо вуҷуди он ки аз пешоянди бо, исми вуҷуд, ҷонишини он ва пайвандаки ки; пайвандаи гарчанде ки аз пайвандаки гар, зарфи чанд ва пайвандаки ки тартиб ёфтаанд.  ҳам, бо вуҷуди ин ки ҳозир аэ мактабдор он ҳама чӯб хӯрда буд, ба ҳеҷ тарсу бим ба пеши ин золим омад *(С.Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб).

Пайвандакҳои такрор ва ё ҷуфт барои пайвастани калимаҳо ва ҷумлаҳо ба кор бурда мешаванд:

Пайвандаки **на... на**: Акнун писар на тағири касб кардани падарро талаб мекунад, на аз илму техника, шеъру фалсафа сатре менависад *(Ф.Муҳаммадиев,* Дар он дунё). Инҳо на парвои зану фарзанд доранд, на ғами хӯроку пӯшок *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Вай на хона дошт, на замин, на хешутабор дошт ва на зан *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Пайвандакҳои **хоҳ... хоҳ, гоҳ... гоҳ, гоҳе... гоҳе**: Навбатчиён дар давоми рӯз ӯро гоҳ дар правления, гоҳ дар пеши мактаб, гоҳ дар роҳи шифохона, гоҳе дар назди анбори қишлоқ дида мемонданд: -дар ҳама ҷо вай ҷадал карда аз паи коре мешитофт *(С.Улуғзода,* Диёри Навобод).

Пайвандаки ё... ё: Дар ин бози у ё мебурд, ё бой медод *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Ё дар шумор хато кардаанд, ё будану набудани камина дар назари уламо якранг аст *(Ф.Муҳаммадиев,* Дар он дунё).

Пайвандакҳои ё... ё ки, ё ин ки: ё хаёл мекунад, ки каналсозӣ кори бозӣ аст, ё ки онро бо дахан сохтан мумкин аст? *(С.Улуғзода,* Диёри Навобод).  Ё бачагонро саришта кун, ё ин ки бозиҳоятонро ба падарам мегӯям *(С.Айнӣ,* Асархои мунтахаб). Кадом писар ва ё кадом духтар ба падараш гуфтааст, ки ба ман зан гир, ё ки маро ба шавҳар деҳ? ( *Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки дар натиҷаи инкишофи сохти синтаксисии забони адабии хозираи тоҷик пайвандакҳои таркибии монанди ба дараҷае ки, ба андозае ки, ба тавре ки, ба сабаби он ки ва ғ. нисбатан дертар ба вуҷуд омадаанд ва аз ҳисоби ҳиссаҳои гуногуни нутқ зиёд шуда истодаанд.

## ХЕЛҲОИ ПАЙВАНДАКҲО

Пайвандакҳо мувофиқи маъно ва вазифаашон ба **пайвасткунанда** ва **тобеъкунанда** ҷудо мешаванд.

Пайвандакҳои пайвасткунанда (ва, у,ҳам, низ, вале, аммо, лекин, ё ва ғайра) муносибати баробарҳуқуқии аъзоҳои ҷидаи ҷумла ва ҷумлаҳоро ифода мекунанд.

Пайвандакҳои тобеъкунанда (ки, чунки, вақте ки, зеро, барои он ки ва ғайра) ҷумлаи пайравро ба сарҷумла мепайванданд.

## ГУРӮҲИ ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА

Пайвандакҳои пайвасткунанда ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Пайвандакҳои паиҳам.
2. Пайвандакҳои хилофӣ.
3. Пай-вандакҳои ҷудоӣ.

1. **Пайвандакҳои паиҳам** (на, у, ҳам, на... на, чи... чи, балки... Ин пайвандакҳо танҳо барои ифодаи муносибати байни калимаҳо ва ҷумлаҳои паи ҳам омадагӣ хизмат мекунанд:

Ҷӯра ва Пӯлод аз мактаб омаданд *(Р.Ҷалил).* Ҷавон буд, солим буд, каланд **ҳам** мезад, пахта **ҳам** мечид (С.*Улуғзода,* Навобод). Дар он вақт **ҳам** туро мебахшам**, ҳа**м ӯро *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр). Аслан одами нармдил ва хушфеъл бошад ҳам, **лекин** ба андак гап ҷаҳлаш хеста, ба одам дармеафтод *(Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). У на танҳо лаввоҳ ва ҷадвалкаш буд, **балки** рассоми ҳунарманд ҳам буд (С.Айнӣ, Ёддоштҳо). Мо ҷумла ҷу кӯҳем ҷи дар зӯр, ҷи дар сур. Истода бубинем ба тамкин раҳи дур. *(М.Раҳимӣ,* Роҳи равшан). Дар он наздикиҳо на деҳа буд, на девор, на дарахт буд, на киштзор *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ду дасташ ба нигоҳ доштани ҷамадон банд буда, хари худро **на** зада метавонист ва **на** хала карда (С.Айнӣ, Ёддоштҳо). Муродова фикркунон ба тарафи тутзор ҳаракат карда ва дигарон ҳам аз паси ӯ рафтанд. (С.Улуғзода, Навобод).

**2. Пайвандакҳои хилофӣ** (аммо, вале, лекин..). Ин пайвандакҳо барои алоқа ва ифодаи муносибати хилофии калимаҳо ва ҷумлаҳо хизмат мекунанд:

Дар роҳ шитоб кардан даркор буд, **аммо** аспи ман ҳеҷ шитоб намекард *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр). Саодатбибӣ ҳоло пир набуд, **лекин** ӯ дар солҳои охир худро бедармон ҳис мекард *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҷавон ду чашми худро аз дар наканда меомад, **вале** аз об баромада ба тарафи дигар рафтанӣ аст, хотири вайро парешон кард *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҳазор-ҳазор муҳоҷирони навро ба Вахш на аробаҳои чорчарха, балки машинаҳо, поездҳо ва киштиҳо мекашонданд *(С.Улуғзода,* Навобод). Нуралӣ боз чизе гуфтанӣ шуд, **аммо** Боровиков ба ишораи даст ӯро нигоҳ дошт *(С.Улуғзода,* Навобод). Дар ҳамин вакт асп аз дастам ҷудо шуд, лекин дастам сӯзиш мекард *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр).

Пайвандаки паи ҳам «у» гоҳо ба вазифаи пайвандаки хилофӣ низ омада метавонад: Дер ояду шер ояд *(Зарбулмасал).* Ман омадаму вай наёмад.

**3. Пайвандакҳои ҷудой** (гоҳо, гоҳ.. гоҳ, хоҳ... хоҳ, ё, ё... ё). Ин пайвандакҳо калимаҳо ва ҷумлаҳоеро ба хам алоқаманд мекунанд, ки танҳо яке аз фактҳо ва ҳодисаҳои дар калима ва

ҷумлаҳо зикр шудагӣ имконпазир аст ва ё онҳо якдигарро иваз мекунаид:

Обро гоҳо бо найча, гоҳо маҳин карда, гоҳо аз як тараф, гоҳо аз тарафи дигар сар дода, ба ҳазор ҳунар ва усул пахтаро аз об бояду шояд сер кунам *(Ҷ.Икромӣ,* Қадри инсон). Вай бо рақси худ **гоҳ** духтари дар пеши оина истодаро, **гоҳе** духтари пахтаҷинро тасвир мекард *(С.Улуғзода,* Навобод). Хох ба Москва рави, хоҳ ба Фарғона, ба куҷое, ки равӣ — ҷои худат, хонаи худат *(С.Улуғзода,* Навобод). Агар пуле ба даст орад, камтар орди ҷуворимакка ё ҷав, лаблабу ё сабзӣ, гоҳо ду-сета нони ҷав харида меомад *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Хамроҳрафиқ ба ин саволҳо ҷавоб надод ё ҷавобе надошт, ё ҷавоб дошта бошад ҳам, баъд аз паст шудани оташиниаш дар ҷавоб додан ҷасорат накард *(С.Айнӣ,* Марги судхўр).

## ГУРЎҲИ ПАЙВАНДАКҲОИ ТОБЕЪКУНАНДА

**Пайвандакҳои тобеъкунанда** ду ҷумларо (ҷумлаи пайравро ба сарҷумла) мепайванданд;

**Пайвандакҳои тобеъкунанда** одатан бо ҷумлаҳои пайрав меоянд. Гоҳо яке аз ҷузъҳои пайвандаки таркибӣ бо сарҷумла ва ҷузъи дигари он бо ҷумлаи пайрав омада метавонад (Ман барои он омадам, ки бо шароити кор ошно шавам). Вале чунин пайвандакҳо бо ҳамаи ҷузъҳои худ дар таркиби ҷумлаи пайрав низ омадан мегиранд: Ман омадам, **барои он ки** бо шароити кор ошно шавам.

**Пайвандакҳои тобеъкунанда** ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) пайвандакҳои сабаб, 2) пайвандакҳои мақсад, 3) пайвандакҳои замон, 4) пайвандакҳои тарзи амал, 5) пайвандакҳои монандкунӣ, 6) пайвандакҳои шартӣ, 7) пайвандакҳои хилофӣ, 8) пайвандакҳои дараҷаю микдор.

**Пайвандакҳои сабаб**: ки, зеро, зеро ки, чунки, азбаски, модом ки, чаро ки, ба сабаби он ки, аз сабаби он ки ва ғ.

Ҳар яке аз ин пайвандакҳо дар нутқ тобишҳои услубӣ ва хусусиятҳои алоҳида дорад. Пайвандакҳои ки, чунки, азбаски, аз сабаби он ки чи дар нутқи гуфтугўӣ ва чи дар нутқи китобатӣ кор фармуда мешаванд. Пайвандакҳои **чаро ки, зеро, зеро ки** бештар ба нутқи китобатӣ хос мебошанд.

Ҳаваси Боровиков бештар ба шикори моҳӣ буд, на ба худи моҳи, чунки вай моҳиёни ба шасташ омадаро дар худи ҳамон ҷо ба бачагони колхозӣ тақсим карда медод *(С.Улуғзода,* Навобод). Ман ба рўи суфачаи дигар нишаста, бо кандфурўши мазкур сўҳбат мекардам, чунки вай як одами бисёр аҷиб буда, суханҳояш бағоят завқовар буданд *(С.Айнӣ,* Марги судхўр). **Азбаски** дар байни шарикон хушовозон бисёр буданд ва онҳо бо навбат мувофиқи нағмае, ки Раҳими Ҳанд менавохт, ғазалхонӣ мекарданд, онҳо он қадар монда намешуданд *(С.Айнӣ,* Марги судхўр). Вай бефоида будани ии кор, ба тадбири он очиз будани худро ҳис кард, зеро ки дар сахни завод кор торафт зиёдтар ва адади коргарон афзунтар мегардид *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Одина дар ин гумони худ хақ дошт, зеро он ҳама намоишҳо, шодиёнаҳо, пойкўбиҳо ва кафзаниҳо, ки дар .рўзҳои ид аз оммаи мардум сар зада буд, ҳар касро ба ҳамин гумон меандохт *(С.Айнӣ,* Одина). **Модом ки** ў ин гуна одами бадгумон будааст, дигар на рўи

ӯро мебинам ва на аз вай ҳуҷра мепурсам *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр). Шабе Одина бо модаркалони худ аз ҳар дарак сӯҳбат мекард ва мехост, ки гапро ба болои сафари худ оварад, чаро ки ин матлабро якуякбора ба кушода гуфтан далерӣ наменамуд. (С.Айнӣ, Одина).

**Пайвандакҳои ки, то, то ки, то ин ки, барои он ки пайвандак-ҳои тобеъкунандаи мақсад** мебошанд. Аз ин гурӯҳ пайвандакҳо пайвандакҳои то, то ки, то ин ки бештар ба нутқи китобатӣ хос мебошанд. Пайвандаки **барои он ки** чи дар нутқи гуфтугуӣ ва чи дар нутқи китобатӣ кор фармуда мешавад: Уро оварда ба ҳизмати ин кас супурдааст**, то ки** дар кӯчаҳо сарсарӣ гашта нобуд шуда наравад. *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Деҳқон бо гуфтани ин суханон ба тарафи саисхона рафта худро аз дари он дарун кард, то бинад, ки даруни он чӣ кадар зинат дорад (С.*Айнӣ,* Ғуломон). Юнусбой **барои он ки** колхозчиёнро аз равғани худӣ ва барзаговони колхозро аз кунҷолаи арзон. таъмин кунад, ба фикри ҷувозхонаандозӯ афтод. (С.*Улуғзода,* Навобод). **Пайвандакҳои ки, ваҷе ки, баъд аз он ки, пеш аз он ки, ҳамин ки, ҳангоме ки, аз бозе ки, чун пайвандакҳои тобеъкунандаи замон мебошанд.**

Пайвандакҳои ки, вақте ки, баъд аз он ки, пеш аз он ки, ҳамин ки чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чӣ дар нутқи китобатӣ кор фармуда мешаванд. Пайвандакҳои ҳамин ки, ҳангоме ки ва чун бештар ба нутқи китобатӣ хос мебошанд.

**Вақте ки** Гулрӯ яктаки дарида ва сердарбеҳи Рустамамакро ба сараш гирифта гӯсолаи зардалоро аз оғил мебаровард, Саодатбибӣ сухани аввалаашро боз як бори дигар такрор кард *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). **Вақте ки** мо аз деха баромадем, амакам охирин бор ба падарам гуфт (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Вақте ки мо ба Галаосиё расидем, офтоб ба фурӯ рафтан наздик шуда буд (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр). Баъд аз он ки ҳар дуи онхо дар берун кадре гӯшакӣ карда, бо ҳам паст-паст гап заданд, Қорӣ аз зина фуромада рафт (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр). Пеш аз он ки ба назди пулемёт равад, вай ҷор нафар босмачии ба тарафи пулемёт асп давонда омада истодаро зада афтонд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ҷун навбати зӯр кардан ба Махмуд расид, Рӯзиро бо ду даст озод ба сараш бардошт (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Чун аз ҷоҳои серодами пеши мадраса гузашта ба тарафи шимол ба ҷои камодами кӯча расидем, ман аз ӯ пурсидам (**С.Айнӣ,** Ёддоштҳо). Чун он нури равон боз ҳам наздиктар расид, дар ман ҳеҷ шак намонд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо). Ғазалхонӣ ба поён нарасида буд, ки як гурӯҳ ҷавонон даромада омаданд (С.*Айнӣ,* Ёддоштҳо).

**Пайвандакҳои дар ҳолате ки, бе он ки пайвандакҳои тарзи амал буда, ҷумлаҳои пайрави тарзи амалро бо сарҷумлаҳо мепайванданд:**

Даллол дубора дасти Абдураҳимбойро гирифт ва дар **ҳолате ки** ӯро сахт мефушурд, гуфт (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Дар болои ҳамаи рег, **дар ҳолате ки** дар дасташ як наи ҷӯпонӣ буд, Неҷадам менишаст ва месуруд *(С.Айнй,* Куллиёт). Кулоли пир бародарзодаашро дар беруни дар пешвоз гирифта, **дар ҳолате ки** аз ҷашмонаш ашки Шодӣ мешорид, вайро ба бағал кашид *(С.Улуғзода,* Қисмати шоир). Кампир, дар ҳолате ки ба болои пойҳояш кӯрпаи навро монда лаганда мекард, ҷавонро дида ҳайрон шуд *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

У сар хам карда, **бе он ки** чизе гуяд ва ба касе нигоҳ кунад, нарм-нарм қадам мениҳод (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ҳомидхоҷа, бе он ки овоз барорад, аз дасти ман гирифта ишорат кард *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Алӣ ҳамчунон беҳаракат менишаст, вале рафиқаш, бе он ки ба рӯи Аҳрорамак нигарад, ба аломати тасдиқ сар ҷунбонид *(Ф.Муҳаммадиев,* Одамони кӯҳна).

**Пайвандакҳои монандкунӣ: монанди он ки, монанди ин ки, мисли он ки, ҷунон ки, гӯё ки ҷумлаҳои пайрави монандиро ба сарҷумлаҳо мепайванданд.**

Халифа **монанди ин ки** гавак кунад, ба сари оринҷ ва зонуҳояш хобида буд (С.*Айнӣ,* Куллиёт). У бо чашмони ҳаросон ва қунҷковона ба кас менигараду монанди он ки оҳу аз теға ба теғаи кӯҳ меҷаҳад, аз як дарахт ба дарахти дигар хез мезанад *(Р.Ҷалил,* Хамида).

Ниҳолҳои пахта аз серҳосилӣ ҳатто қомати худро рост дошта натавониста, **мисли он ки** ба парваришкунандагони худ қоил шуда таъзим медода бошанд, ба замин сар хам карда меистоданд. *(Ф.Ниёзӣ,* Духтари ҳамсоя).

Ман ҳар чиро ки аз талабагони дигар мешунидам, **мисли ин ки** исфанҷ обро мекашад, ба худ мекашидам (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Хайринисо, **гӯё ки** дар байнашон ҳеҷ гапе нагузашта бошад, ба вай ҳам дустона даст дод (С.*Улуғзода,* Навобод). Вай гӯё ки аз будани касе хабар надораду мақсадаш фақат об гирифтан аст, ба лаби дарё равона мешавад *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Муйсафед бо қаҳр рӯяшро аз Дилбар ба сӯи дигар тофт, **гӯё ки** ба ҳамаи ин Дилбар гунаҳкор бошад *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Ман, чунон ки бародарам Қоришариф изҳор кард, Мирзо Иброҳим ҳастам *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ). Фақат **чунон ки** гоҳо худи шумо шӯхӣ мекунед, ӯ ҳам як шӯхӣ карда монд (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ин сатрҳо, чунон ки дар худи ҳамин мактуб қайд ёфта буд, аз рӯи гуфти Ҳамдам бо дасти ҳамшираи Шафқати қисми санитарии полки гвардиягии артиллерӣ навишта шуда буд. (Ф.Ниёзӣ, Духтари ҳамсоя).

Пайвандаки **агар** тобеъкунандаи шартӣ мебошад. Дар назм пайвандаки шартии **агар** дар шакли **гар** ва **ар** низ меояд:

Агар ҳамон ниҳолҳо ҳамин хел кӯрак андозанд, аз як гекгар чӣ кадар ҳосил гирифтан мумкин (С.*Улуғзода,* Навобод). Гар ба нафъи ин диёри дилрабо, Лозим ояд, ҷони ширин медиҳем *(А.Шукӯҳӣ,* Чашмасор). Агар ҳозир Гулрӯ дар берун мебуд ва аз болои бом баромада ба маҳаллаи лаби сой нигоҳ мекард, медид, ки дар он ҷо ҷанги шиддатнок сар шудааст *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Ба тарафи дасти чап қадам партофтани асп дар он ҷоҳо осон нест, **агар** дар миёна баъзе чӯйҳо, заҳкашҳо ва кулмакҳо бошанд ҳам, зарар надорад (С.Айнӣ, Марги судхӯр).

**Пайвандакҳои бо вуҷуди он ки, агарчи, гарчанде ки ва ҳол он ки пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофӣ мебошанд.** Пайвандакҳои бо вуҷуди он ки, агарчи, гарчанде ки чи дар нутқи гуфтугӯӣ ва чи дар китобатӣ ба кор бурда мешаванд. Пайвандаки **ҳол он ки** бештар дар нутқи китобатӣ кор фармуда мешавад:

Ман узрҳо гуфта боварии худро ба ҳикояи ӯ исбот карда, шубҳаи ӯро нисбат ба худам тамом аз дилаш баровардам, **бо вуҷуди ин ки** ӯ чанд гоҳ ин

гуна ҳикояҳоро ба ман нақл накард *(Айнӣ,* Марги судхӯр). **Агарчи** барфҳои камарҳои кӯҳ аз таъсири офтоби баҳор кайҳо об шуда, ба ҷои барфи сафед, гиёҳҳои кабуд рӯида буданд, қуллаҳои кӯҳ ҳанӯз кулоҳҳои сафеди худро аз сар бадар накарда буданд (С.*Айнӣ,* Одина). Қорӣ-ишкамба ба хонааш рафта, бо кӯфтагии рӯҳӣ зуд дар ҷойхобаш ёзид... ва ҳар чанде ки орзу кунад ҳам, рӯи осудагиашро намедид (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр). Бими он буд, ки ошноии худро аз ман бурида, дигар бо ман ин гуна ҳикояҳоро нақл накунад, ҳол он ки шунидани ин гуна ҳикояҳои ӯ ба ман бисьёр завқ дорад (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр). Банк мувофиқи дороии онҳо пул додааст, дигар барзиёд қарз намедиҳад, ҳол он ки дар мавсимҳои хариди пусти қарокӯлӣ аз пахта барин мол тиҷорати қиматбаҳо қарзи банк ба онҳо кифоя намекунад (С.*Айнӣ,* Марги судхӯр).

**Пайвандакҳои миқдору дараҷа** ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷаро ба сарҷумлаҳо мепайванданд. Пайвандакҳои миқдору дараҷа аз инҳо иборатанд**: ба андозае ки, ба қадре ки, ба дараҷае ки, ба тарзе ки, ба ҳадде ки, ба тавре ки ва ғ.Мисолҳо:**Одина аз воқеаи Арбоб ва мулло-Хокироҳ ба зиддияти синфҳо пай намебурд, лекин сесола хизмати завод ва ташкилоти коргарон, ки дар он ҷо буд, фикри ӯро, ба андозае ки аз саргузашти худ ибрат гирифта тавонад, яла карда буд (С.*Айнӣ,* Асарҳои мунтахаб). Ҳамеша риши худро канда мегашт, **ба ҳадде ки** ҳеҷ гоҳ нӯгҳои ангуштони дасти ӯ аз. торҳои ришаш дур намешуданд (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Ман танҳо монам, бисёр дилтанг мешавам, ба ҳадде ки коре ва фикре карда наметавонам *(С.Айнй,* Куллиёт). Миршаб ба тарафи дарвозаи арк нигоҳ карда, ба дараҷае ки қариб буд, сараш ба замин бирасад, хам шуда—се-чор бор таъзим кард *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

**Савол ва супоришот:**

1. Пайвандак чист?
2. Пайвадакҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
3. Пайвандакҳои пайвасткунанда кадомҳоянд?
4. Пайвандакҳои тобеъкунанда кадомҳоянд?
5 Пайвандаки агар дар назм дар кадом шакл истифода мегардад?

***Адабиётҳо:***


1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2.Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. - Душанбе, Дониш, 1985
3. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
4. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи точик. Душанбе, Ирфон, 1978
5. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.


## Мавзӯи 20

## *Ҳиссача ва хусусиятҳои он*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

Калимаҳои ёридиҳандае, ки ба фикри гуфташуда муносибати субъективии гӯяндаро мефаҳмонанд, ҳиссача номида мешаванд.

Хиссачаҳо барои таъкиду ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии калима, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. Онҳо маънои луғавӣ надоранд, вале хамчун воситаи лексикии ифодаи муносибатҳо бо ҳамроҳии воситаҳои грамматикӣ ва интонасия кор фармуда мешаванд.

Ҳиссачаҳо аъзои мустақили ҷумла шуда наметавонанд. Онҳо фақат ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда ба ҷумла ва қисмҳои алоҳидаи он тобишҳои гуногуни модалӣ-маъноӣ дода, барои пурқувват шудани таъсири нутқ ёрӣ мерасонанд. Маъноҳои модалӣ ва тобишҳои гуногуни маъноие, ки ҳар як ҳиссача ифода менамояд, асосан дар матн ифода мегардад ва бо он зич алоқаманд мебошад. Ҳиссачаҳо дар иутқ, дар диалог ба вазифаи ҷумла омада метавонанд, ки дар ин ҳол, низ маънои онҳо бо матн, бо гуфтаҳои пеш зикршуда зич вобаста буда, бе он номафҳум мебошанд.

Масалан: Инженери об шудӣ?—**Бале**. *(Р. Ҷалил;* Ҳикояхо). Ҳама коратро тахт карда мондимӣ? — **Ҳа.** *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Шарифҷон бо ҳаяҷони хурсандӣ ба ӯ чашм дӯхт *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ту худат хӯрок хӯрди — Не. (Ф.Ниёзӣ, Вафо).

Ҳиссачаҳоро аз ҷиҳати ба калима, ибора ва ё ҷумла алоқаманд шуда омаданашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

Ҳиссачаҳои **ана, мана, ху (ҳу, ҳо), фақат, ҳатто ҳам, боз**, ҳиссачаҳои саволии **–чӣ, -мӣ** ва ҳиссачаи инкории не дар нутқ ба калима ва ба иборaву ҷумла алоқаманд шуда омада метавонанд.

Масалан: **ана,** ин ниҳолҳоро албатта сел хобондааст *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ана, ҳоло ҳафт-ҳашт рӯз аст, ки дар хонаи Шарофатхола ҳам печ дармегирад *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Чи хеле ки мебинем, дар ҷумлаи якум ҳиссачаи **ана фақа**т ба калимаи ин, ки **вай** ба калимаи ниҳолҳо ишора мекунад, вобаста шуда омадааст. Дар ҷумлаи дуюм бошад, ҳиссачаи ана ба тамоми фикри гуфташуда (ба ҷумла), яъне ҳафт-ҳашт рӯз боз дар хонаи Шарофатхола ҳам даргирифтани печ алоқамандшуда омадааст.

Ҳиссачаҳои **магар, наход, оё, на ин ки, мабодо, рафту, кошки, гӯё ки, илоҳӣ канӣ, биё, мон, бигзор ва монанди ино бошанд**, фақат ба ҷумла алоқаманд шуда меоянд: Магар ҳанӯз дилатон хунук нашудааст? *(С.Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Ба ҳар ҳол ба пешвозгирии Шодӣ тайёрӣ дидан лозим. Кошкӣ хоб кунӣ!—гуфт модараш ба ӯ *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). ...як-ду рӯз пеш дуппадуруст буд-ку. Хайр, одамӣ-дия, мешавад. Набошад, биё, ман ҳам рафта пурсида биёям *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

## СОХТИ ҲИССАЧАҲО

Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт содда, сохта ва таркибӣ мешаванд.

Ҳиссачаҳои содда аз як калима иборат мебошанд: ана, мана, ҳа, канӯӣ фақат, танҳо.

Ҳиссачаҳои сохта ба калима бо хамроҳ кардани суффиксу префиксҳо сохта мешаванд: мабодо, рафту, бигзор ва ғайра.

Ҳиссачаҳои таркибӣ аз ду ва ё зиёда калимахо таркиб меёбанд: гӯё ки, на ин ки, ҳо ана ва ғайра.

Аз ҷиҳати таърих ҳиссачаҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: ҳиссачаҳои аслӣ ва ғайриаслӣ.

Хиссачаҳои аслӣ ҳамон калимаҳое мебошанд, ки аслан ҳамчун ҳиссача вуҷуд доштанд: ҳу, ҳа, -ку, канӣ ва ғайра.

Ба гурӯҳи дуюм ҳиссачаҳое дохил мешаванд, ки онҳо аз ҳиссаҳои дигари нутқ гузаштаанд**: рафту, охир, хуб, гӯё** ва ғайра.

Маълум, ки калимаи рафту феъл, аз асоси замони гузаштаи феъли рафтан, охир—исм, хуб—сифат ва гӯё пайвандак мебошанд. Бояд қайд кард, ки ин гурӯҳ калимаҳо бо мурури замон маънои лексикиащонро гум карда, оҳиста-оҳиста ба ҳиссача табдил ёфтаанд. Масалан, калимаи рафту агар хамчун феъл (аз рафтан) ҳаракатро фаҳмонад, пас ҳамчун ҳиссача ин маъноро тамоман гум мекунад. Яъне акнун ҳаракатро не, балки муносибати гӯякдаро нисбат ба иҷрои амал ифода мекунад: рафту бо ҳамроҳии Рашидов омада монад *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Ба ҳамин тарик, гурӯҳи калони ҳиссачаҳо аз ҳиссаҳои зерини нутқ ба вуҷуд омадаанд:

Аз исм: илоҳӣ (илоҳим).

Аз сифат: хуб (хуб, хӯш).

Аз ҷонишин: чӣ.

Аз феъл: мон (монед), биё (биёед), мабодо, рафту (раваду), бигузор (бигзор, бигзоред), оре, гӯё ва монанди инҳо.

Аз зарф: фақат, ҳатто, боз, бешубҳа, ҳатман.

Аз пайвандак: ҳам, гӯё, гӯё ки, балки.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки просесси аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба ҳиссача гузаштани калимаҳо ба охир нарасида, балки дар айни замон низ давом дорад. Масалан, калимаи як-ро гирем. Вай асосан шумора буда, фақат дар вақтҳои охир хусусияти ҳиссачагӣ пайдо намудааст. Бо вуҷуди он ҳам бо шумораи як вобастагӣ дошта, маънои лексикии худро пурра гум накардааст: Як фақат Зайнаб ҳавобаландии худро напартофта, қисман бебокӣ мекард *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Инчунин, агар ба асарҳои бадеии имрӯза назар андозем, мебинем, ки гурӯҳи калони калимаҳо монанди **зоро, тоза, барин,** аслан ва ғайра ҳамчун ҳиссача кор фармуда шудаанд: Як ба ин тарафу он тараф нигоҳ кунед, зоро дида монем *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Дуруст аст, ки баъзеи ин калимаҳо ба забони гуфтугӯӣ хос буда, дар асар аз забони персонаж оварда мешаванд. Бо вучуди он онҳо оҳиста-оҳиста характери умумӣ пайдо карда, ба забони адаб дохил шуда метавонанд.

Дар айни замон гурӯҳи дигари калимаҳои ёридиҳанда ҳам ҳастанд, ки онҳо нисбат ба хиссачаҳо мустакилмаънотаранд: албатта, эҳтимол, даркор. Ин гурӯҳи калимаҳои ёриднҳандаро калимаҳои модалӣ меноманд. Дар байни ин ду гурӯҳи калимаҳои ёридиҳанда (ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ) фарқияте мушоҳида карда мешавад. Аввал ин ки калимаҳои модалӣ нисбат ба ҳиссачаҳо маънои лексикиашонро то андозае нигоҳ доштаанд. Дигар ин ки калимаҳои

модалӣ муносибати объективии дар ҷумла зикршударо ифода менамоянд: Гап, албатта, аз хусуси шумо буд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Фароед, бобо, ана ҳамин ҷо маҳаллаи шумо,—гуфт аробакаш,— ба он тарафаш ароба намеравад, хонаатон ҳам он қадар дур набошад даркор *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Бо вуҷуди ин калимаҳои модалӣ аз ҷиҳати ифодаи тобишҳон маъноӣ ва вазифаи синтаксиснашон ба ҳиссачаҳо, махсусан ба ҳиссачаҳои модалӣ шабоҳат доранд. Бинобар ин онҳоро бо ҳиссачаҳо дар якҷоягӣ меомӯзем.

**ҶОИ ҲИССАЧАҲО ДАР ҶУМЛА**

Чанде аз ҳиссачаҳо ба таркиби ҷумла дохил намешаванд: Оре, бале. Ин ҳиссачаҳо ҳамеша ё пеш аз фикри гуфташуда, яъне пеш аз саршавии ҷумла ва ё пас аз гуфтор меоянд: Оре, ин бемуболиға гапи рост аст (Ф.Ниёзӣ, Вафо). Шодӣ фикр карда истода, якбора бо нимсадо бале, мешавад,— гуфта монд *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

Ҳиссачаҳои ба таркиби ҷумла дохил мешудагӣ аз ҷиҳати ҷои худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ҳиссачаҳое, ки дар ҷумла ҷои доимӣ надоранд ва ҳиссачаҳое, ки дар ҷумла ҷои нисбатан доимӣ доранд.

Ба гурӯҳи якум ҳиссачаҳои магар, охир, канӣ, чӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд, ки аз ҷиҳати ҷои худ дар ҷумла озод мебошанд. Онҳо пеш ва ё пас аз калимаи алоқаманд дар аввал, мобайн ва охири ҷумла омада метавонанд.

Масалан: магар хислати одами нек ҳамин хел мешавад? *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Қорӣ-амак, аз дасти шумо магар халосӣ нест? *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр). Канӣ, шунавем, кӣ ба бало монанд? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ба гурӯҳи дуюм ҳиссачаҳои ана, мана, ҳу, ҳатто, ҳам, -ку, -мӣ, -дия ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Ин ҳиссачаҳо дар навбати худ боз ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) Ҳиссачаҳое, ки ҳамеша пеш аз калимаи алоқаманд меоянд: **ана, мана, ҳу, ҳатто, фақат, танҳо, боз, наход, на ин ки, биё, мон, оё, бигзор, кошкӣ**, мабодо ва монанди инҳо.

Масалан: ана Назира, аз паси он Самадов ҳам фаромад *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ҳатто пас аз ҳабс шудани ман ҳам, касе дар ҳаққи ман сухани баде нагуфтааст *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Фақат - дар қишлок расида будам, ки дидам, дар дастам портфел нест *(Ҷ. Икромӣ,* Ман гунахгорам). Кошкӣ ман ҳам ягон бор дар қаноти вай парвоз мекардам!.. (С.Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо). Дили ман аз тарс меларзид, ки мабодо даргирифта ба замин нағалтад *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҳиссачаҳои ҳам**, -ку, -мӯ. -дия, -да, -а, -е** ва монанди иихо бошанд, одатан пас аз калимаи алоқаманд меоянд. Масалан: Не, Моҳрӯ ба ин чизҳо ҳатто аҳамият ҳам намедиҳад *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Дар он дам ман дар бораи вай фикре ҳам намекардам (Ҷ.Икромӣ, Ман гунаҳгорам). Акнун ба хонаатон печка шинондан гирем ҳам мешавад-мӣ? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ? — Ёфтам-дия!.. *(С.Улугзода,* Субҳи ҷавонии мо).

## ГУРӮҲҲОИ ҲИССАЧАҲО

Ҳиссачаҳо аз рӯи маъно ва вазифаашон ба чунин гурӯҳҳои асосӣ ҷудо мешаванд:

1. Ҳиссачаҳое, ки тобишҳои гуногуни маъноии дар нутқ доштаи

калимаҳоро ифода мекунанд.

2. Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба фактҳо муносибатро ифода мекунанд.

3. Ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои модалӣ ва модалӣ-иродавӣ медиҳанд.

4. Ҳиссачаҳое, ки ҷиҳати ҳиссии нуткро таъкид ва ё ифоданокии онро пурқувват мегардонанд.

Ҳар яке аз ин гурӯҳҳо хелҳои гуногуни ҳиссачаҳоро дар бар мегирад, ки онҳо дар нутқ ин ё он вазифаи муайяни грамматикӣ доранд:

**1. Ҳиссачаҳои ифодакунандаи тобишҳои гуногуни маъноӣ**

Ба ин гурӯҳ чунин хелҳои ҳиссачаҳо дохил мешаванд: ҳиссаҷаҳои ишорӣ, ҳиссачаҳои маҳдудӣ ва ҳиссачаҳои таъкидӣ.

**а) Ҳиссачаҳои ишорӣ.** Ин ҳиссачаҳо микдоран кам буда, аз калимаҳои ана, мана, ҳу (ҳӯ, ҳо) иборат мебошанд. Ҳиссачаҳои ана, мана барои ишора кардан ба чизи наздик ва ҳиссачаи ҳу (ҳӯ, ҳо) барои ишора кардан ба чизи дур кор фармуда мешаванд: Ана ин гул, бачаам, «Анбаргул» ном дорад *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Соҳиби пештараи ана хамин заводи моро ҳам рондаанд, ҳоло завод аз они мо... (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳу, дар ёд дорӣ, мо ба хонаи онҳо рафта будем... *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Ҳо, аз он тараф — ҷониби ҷанубу ғарбии кӯҳпораро нишон дод Ҳасан *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Баъзан ҳиссачаҳои **ан**а ва **ҳу (ҳӯ, ҳо**) ҳамчун як ҳиссачаи таркибӣ кор фармуда мешаванд, ки дар ин маврид маънои ишорат боз ҳам пурқувват мегардад: ҳо ана, дар байни он ду хона душман се тӯп мондааст *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Хонаат куҷо? — Ҳо ана,— гӯён занак бо сараш як хонаи бомаш хаспӯши дар он тарафи кӯча бударо нишон дод (*Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

**б) Ҳиссачаҳои маҳдудӣ.** Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои фақат ва танҳо дохил мешаванд, ки онҳо ба калима, ибора ва ё ҷумла тобиши маҳдудӣ мебахшанд: Фақат модаркалонам дар канор нишаста буд ва ба ҳеҷ кадоми он чизҳо даст намерасонд *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Аммо ӯ фақат аз машинаҳо домангир буду халос *(Р. Ҷалил,* Ҳикояҳо). Фақат ба сӯи Зайнаб нигоҳе карда монд, ки шеър; албатта ба вай бахшида шуда буд *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

**в) Ҳиссачаҳои таъкидӣ**. Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои ҳатто, ҳам, боз дохил мешаванд. Ин ҳиссачаҳо барои таъкид намудани маънои калима, ибора ё ҷумла ва пурқувват гардонидани таъсири нутқ хизмат мекунанд: Шариф ба вай ҳатто нигоҳ ҳам накарда, қавоқашро андохта менишаст *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳатто чӣ гуфтану чӣ монданро ҳам фикр карда мондам *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Шариф ба вай ҳатто нигоҳ ҳам накарда, қавоқашро андохта менишаст (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

**2. Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба фактҳо муносибатро ифода мекунанд.**

Ин гурӯҳи ҳиссачаҳо муносибати гӯяндаро нисбат ба фактҳо нишон медиҳанд, яъне нишон медиҳанд, ки гӯянда фактҳоеро, ки гап дар хусуси онҳо меравад, метавонад тасдиқ кунад, рад намояд ва ё дар бораашон пурсад. Ҳамин гуна ҳиссачаҳо ба се хел ҷудо мешаванд: ҳиссачаҳои тасдиқӣ, ҳиссачаҳои инкорӣ ва ҳиссачаҳои саволӣ.

а) **Ҳиссачаҳои тасдиқӣ.** Ҳиссачаҳои ҳа (ҳо), бале, оре ва хуб (хӯб. хӯш), хайр ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд, ки онҳо асосан маънои тасдиқ ва розигиро ифода менамоянд. Ҳиссачаи ҳа (ҳо) нисбат ба ҳиссачаҳои бале ва оре серистеъмол буда, вай чӣ дар забони адабӣ ва чӣ дар забони гуфтугӯӣ ниҳоят зиёд кор фармуда мешавад. Вай ҳамчун ифодакунандаи маънои тасдиқ дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

1) Барои тасдиқи фикри гуфташуда: Худо ба ту аҷаб зӯру қувват дода будааст, Умархон! —Ҳо, лекин мулк надод, обу замин надод, ки ман ин зӯру қувватамро дар онҳо кор фармоям... *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонни мо).

2) Дар мавриди ба савол ҷавоб гардонидан: Ҳаво бисёр хунукмӣ, Баҳром? — Ҳа, Ҳаво хунук, шамоли изғирин... *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Бибӣ, аз дилатон ғазал бароварда истодаед-мӣ? — мепурсидам ман.—

3) Ҳиссачаи ҳа (ҳо) ба гуфтаҳои пеш розӣ будани гӯяндаро мефаҳмонад. Дар ифодаи ин маъно вай бештар бо ҳиссачаи хуб ё ба калимаҳои модалии майлаш, дуруст, рост якҷоя омада, ифодаи маъниро пурқувват мегардонад: Ба ҳавлии мо ҳам омада истед, падар! — гуфт.— Ҳа, хуб! — гуфта монд мӯйсафед *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).

4) Ҳиссачаи ҳа (ҳо) хулосабарории мантиқиро таъкид карда метавонад: Магар аз ин пеш Москваро надида будӣ? Не, надида будам.— Ҳа, барои ҳамин ҳам қишлоқиҳо барин ҳушат рафта монда будааст-дия *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Дар ифодаи маъноҳои болоӣ ҳиссачаи **ҳа (ҳо)** такрор шуда низ меояд ё ин ки бо ҳиссачаи **бале** якҷоя кор фармуда мешавад, ки он гоҳ ифодаи маъно боз ҳам пурқувват мегардад: Ҳар сеи моро якҷоя бардошта, чарх занонед канӣ! — гуфта монд Мухаббатҷон.—Ҳа, ҳа, ҳар сеи моро якҷоя!..—гуфт Ғаниҷон *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаи ҳа (ҳо) ба ғайр аз маънои тасдиқ дар ифодаи маъноҳои зерин низ кор фармуда мешавад:

а) Дар ифодаи якбора ба хотир овардани чизи фаромушшуда.

б) Барои таъкиди ифодак пурсиш:

Ҳиссачаҳои **бале ва оре** нисбат ба ҳиссачаи ҳа (ҳо) камистеъмолтар буда, бештар ба нутқи китобатӣ хос мебошанд. Ин хиссачаҳо низ асосан барои ифодаи тасдиқи фикр кор фармуда мешаванд: Чашм нарасад, кӯчаҳоро пур карда гаштани одамҳо чи хел хуб аст, Муллоҳодӣ,— гуфт Юнусбобо.— Бале, одам бошад, ободонӣ ҳаст шарик,— илова намуд Ҳодӣ-кӯса *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо)

Ҳиссачаи хуб (хӯб, хӯш, хайр) розигиро ифода мекунад: Ин корро ба ту месупорам, ба иҷро шурӯъ кун.— Хуб, рафиқ командир (*Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Тамошо кардед, акнун равед! — Хуб, ана ҳозир меравем,— ҷавоб дод Маша (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Пагоҳ ҳар ду ба он ҷо меравем, хубмӣ?— Хайр,— розӣ шуд ӯ.

Баъзан барои пурқуваттар ифода намудани маънои тасдиқ ё розигӣ ҳиссачаҳои ҳа (ҳо) ва хуб (хӯб, хӯш, хайр) дар якҷоягӣ бо калимаҳои модалӣ ё ин ки ду калимаи модалӣ дар як таркиб кор фармуда мешаванд: Се-чор каси ба нутқ мебаромадагиро ҳам ёфта тайёр карда мондетон-мӣ, Одил?—Ҳа, ҳа, албатта, рафик Собиров,— гуфт дилпурона раис. *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо

**б) Ҳиссачаҳои инкорӣ:** не, на. Ҳиссачаи не мазмуни ҷумлаи пеш омадагиро инкор мекунад: Ту худат хӯрок хӯрдӣ? — Не. *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Сар деҳ, ту Пӯлод нестӣ!—Ман Пӯлод?—Не! *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид).

Ҳиссачаи не бо хабари номии ҷумла омада метавонад: Набзатон бад не,— гуфт занак *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам). Ба модаратон ҳам осон не *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Ҳиссачаи не баъзан такрор шуда омада, ба инкори фикр таъкид мекунад: Сурайё механдиду поҳояшро дароз карда нишаста мегуфт: — Не, не, даркор не! *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаи на одатан барои муқобили якдигар гузоштани аъзоҳои чидаи ҷумла кор фармуда мешавад: Агар ман ин хизмати шуморо адо кунам, на аз барои музд, балки барои ошноии ҷандинсолаи писаратон мекунам *(С.Айнӣ,* Марги судхӯр)

**в) Ҳиссачаҳои саволӣ.** Ҳиссачаҳои саволӣ дар забони адабии тоҷик яке аз воситаҳои асосии ифодакунандаи пурсиш ба шумор меравbooks. Ин ҳиссасаҳо микдоран зиёд буда, аз –мӣ, -чӣ, оё-, а, магар, наход, наход ки, на ин ки иборат мебошанд. Ҳиссачаҳои –мӣ, -чӣ, -а, наход, наход ки умумӣ буда, ҳиссачаҳои оё ва магар бештар ба нутқи китобатӣ хос мебошанд. Ҳиссачаҳои саволӣ на фақат танҳо пурсишро ифода менамоянд, балки ба нутқ тобишҳои маъноии ҳисси-идоравӣ низ дода метавонанд.

Ҳиссачаи саволии –чӣ пеш аз фикри гуфташуда омада, ифодаи маънои пурсишро таъкид мекунад: Чӣ, ба ҷои Домулло Мирҳалим шайх шуданӣ будедми? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Ҳиссачаи оё нисбатан камистеъмол буда, характери китобатӣ дорад. Ин ҳиссача асосан саволи шубҳаомезро ифода мекунад: Оё аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Оё аз ин кор ҳеҷ кас бохабар нест? *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Оё ҳамин гапҳо боиси ситеза кардан аст, духтарам? (*Ниёзӣ,* Вафо).

Ҳиссачаи -а, одатан дар охири ҷумла омада, барои таъкиди саволи додашуда кор фармуда мешавад, ё ин ки пурсиши дубораро мефаҳмонад: Раисро мешиносед-а, Кароматов? *(Ф.Ниёзӣ.* Вафо). Ба омаданамон ду ҳафта шуд-а, Шариф?—ба рафики худ мурочиат кард Ҳаит *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҳиссачаҳои **наход, наход ки, на ин к**и маънои саволро бо тобиши тааҷҷуб ифода менамоянд: Наход ҳамаи ин гапҳо росг бошанд? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Наход ҳоло ҳам очаро надида бошед? *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Наход ки аз сари ваъдаамон набаромада мемонем-а? — мегуфт чинакчии тезчин Ҳанифа *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). На ин ки ҳамин ҳавои на он кадар сард ба пои одам таъсир кунад,— гуфт Қорӣ... *(С. Айнӣ,* Марги судхӯр)

### 3. Ҳиссачаҳое, ки ба гуфтор тобишҳои модали ва модалӣ-иродавӣ медиҳанд

Ҳиссачаҳое, ки нисбат ба гуфтаи худ муносибати хоҳишмандӣ ва имконпазирӣ доштани гӯяндаро мефаҳмонанд, ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Ин ҳиссачаҳо аз ҷиҳати тобишҳояшон ду хел мешаванд:

1. Ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалӣ.

2. Ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ.

**ҲИССАЧАҲО ВА КАЛИМАҲОИ МОДАЛ/**

Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои модалии кошкӣ, илоҳӣ, илоҳим, мабодо, рафту раваду, гӯё,гӯё ки ва калимаву ибораҳои модалии даркор, эҳтимол, бояд, шояд, аз афти кор, аз афташ, албатта, бешубҳа, ҳатман дохил мешаванд.

Ҳиссачаҳо ва калимаҳои модалии мазкур мефаҳмонанд, ки гӯянда нисбат ба гуфтаи худ муносибати имконпазирӣ дорад, яъне вай иҷрои гуфтаи худро орзу мекунад, онро зарур мешуморад ва барои иҷрои он боварӯ ё гумон дорад.

Ҳиссачаҳои кошкӣ, илоҳӣ, илоҳим орзуро ифода менамоянд: Кошкӣ ман ҳам ягон бор дар қаноти вай парвоз мекардам!.. *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Қанӣ, кошкӣ ҳозир ҳам ҳамин хел бузкашию ҳамин хел ҷовандозони номдор мешуданд... *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Аэроплан чӣ хел парронда бошад? Кошкӣ як бор аз наздик медидам! *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Илоҳӣ калон шавӣ, бою бадавлат шавӣ, кӯзичаи очаш,— мегуфт модаркалонам *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Хайр, илоҳим саломат бошед! *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Илоҳӣ ҳеҷ гоҳ аз дида дур нашавед-е, ҷони ширин *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Ҳиссаҷаи мабодо ба иҷрои гуфтаи худ тахмин ва гумон доштани гӯяндаро мефаҳмонад: Дили ман аз тарс меларзнд, ки мабодо вай даргирифта ба замин нағалтад *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Ҳа, Аминҷон, имрӯз ба ту ҷӯ шуд? Мабодо нотоб-ку нестӣ? *(П.Толис,* Ҳикояҳо). Ҷӯрабатрак ба рӯи Шодӣ нигоҳ мекард, ки мабодо ӯро хез, гап зан—гуфта аз ҷо нахезонад *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). ...мабодо боз ба нафсашон нарасад, гуфта андеша мекунам-дия... *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Ҳиссачаи рафту раваду аз ҷиҳати маъно ба ҳиссачаи мабодо наздик буда, дар бораи ягон ҳодисаи тасодуфӣ гумонро мефаҳмонад: —Онаҷон, гуфта намешавад-дия, рафту аз падарам дер монам,— «дугонааш Дилбар ҳозиракак омада, ба хонаашон гирифта рафт». гӯ, хуб-мӣ? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ба ҳар ҳол ба пешвозгирии Шодӣ тайёрӣ дидан лозим. Рафту бо ҳамроҳии Рашидов омада монад *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Чӣ шуд ба ту, Шариф? —...раваду ин одам ба мо некӣ карданӣ бошад *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Ҳиссачаҳои гӯё ва гӯё ки монандкуниро бо тобиши шубҳа мефаҳмонанд: ...доду фарьёди бачагон гӯё боми мактабро ба осмон мебардошт *(С.Айнӣ,* Мактаби кӯҳна). Мирзодиккак ба як паҳлу ғелида ҳамон лаҳза боз хеста нишаст, гӯё ки бо забони ҳол ва амал ба сӯфӣ: «Ана дар ҳамин ҷо нишастан мегирам, аз ту наметарсам» мегуфт *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Тамоми вуҷуди Пӯлод гӯё ки гӯш шуда буд *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Николаев сипоҳигарӣ накарда, бо ман ҳамту монанди ошно муомила кард, гӯё ки ман ҳам аз калонҳои завод бошам (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Калимаи модалии даркор баъд аз аорҷт омада, тахминро бо тобиши зарурият ифода менамояд: — Норинисо кай аз кор меояд?— Ҳозир омада монад даркор *(П.Толис* Ҳикояҳо). Ғайр аз ин фикр мекунам, ки бухгалтер ҳам одами дуруст набошад даркор *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Ту ҳеҷ аз ҳамин шаҳо набаромада бошӯ даркор *(Р.Ҷалил,* Ҳикояхо). Шумо ҳанӯз ба ҷанг надаромада бошед даркор *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Калимаи модалии эҳтимол имкониятро бо тобиши шубҳа мефаҳмонад: Эҳтимол баъд аз ду-се рӯз ба қишлоқи мо комиссия биёяд *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). ...Агар «хоҷаҳофиз»-и худам мебуд, эҳтимол хонда метавонистам,—гуфт бо як оханги маъюсона *(С.Айнӣ,* Ёддоштҳо). Аммо худи мингбошӣ ҳам, эҳтимол ба падарам аз ҷазое, ки мироб ба ӯ дод, ҷазои сахттаре дода наметавонист *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Таркиби модалии аз афти кор, аз афташ ба имконияти хулосабарории мантиқии худ тахмин доштани гӯяндаро ифода менамояд:—Гардам, аз афташ,—шумо ҳам ба пешвозгирии ягон кас баромадед..., *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

Маънои имконият бо тобиши тахмин ба воситаи калимаҳои модалии бояд низ ифода карда мешавад: Модом ки рост истоданду намеғалтанд, бояд зинда бошанд,—хандида гуфт падарам *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Аз хусуси ягон Пӯлоди дигар гап мерафтагист ва шумо шояд... беҳуда гумонбар бошед *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Шояд ин духтари хушсару либос заншавандаи ӯст? *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Калимаи модалии бояд, мебоист заруриятро ифода мекунад: Акнун ба пёши интихобкунандагон бояд равад *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Ба онҳо акнун мо бояд саробонӣ кунем *(Р.Ҷалил,* Одамони ҷовид). Акнун мебоист ба зудӣ ба хонаи ӯ мерафтам (*С.Айнӣ,* Марги судхӯр). Шахсн институти педагогиро тамом кардагӣ мебоист камаш се сол дар соҳаи маориф кор кунад.

## ҲИССАЧАҲОЕ, КИ ҶИҲАТИ ҲИССИИ НУТҚРО ТАЪКИД КАРДА, ИФОДАНОКИИ ОНРО ПУРҚУВВАТ МЕГАРДОНАНД

Ҳиссачаҳои ин гурӯҳ ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид менамоянд, ба гуфтор тобишҳои эмосионалӣ-экспрессивӣ медиҳанд ва ифоданокии нутқро пурқувват мегардонанд. Дар истеъмоли ҳиссачаҳои ин гурӯҳ роли интонасия калон аст. Онҳо асосан бо ҳамроҳии ннтонасия ин ё он тобиши ҳиссии нутқро таъкид карда метавонанд.

Ба ин гурӯҳ ҳиссачаҳои охир, дия, -да, е (э) -ку, -куя дохил мешаванд. Ҳиссачаҳои мазкур асосан дар нутқи гуфтугӯӣ ва дар нутқи диалогии асарҳои бадеӣ кор фармуда мешаванд.

Ҳиссаҷаи охир нисбат ба ҳиссачаҳои дигари ин гурӯҳ аз ҷиҳати маъно мустақилтар буда, вобаста ба интонасия чунин тобишҳоро ифода менамояд:

а) Дар ҷумлаҳои саволӣ оҳанги саволро таъкид мекунад: Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ? *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). Охир, бачаи бечора чӣ кор кунад? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

б) Дар мавридҳои дигар ҷиҳати ҳиссии нутқро таъкид карда, ифоданокиро пурқувват мегардонад: Охир, медонист, ки то омадани падараш ризқурӯзии мо ҳамин орд буд! *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо). О, ба як ҷо шин охир! *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ). Охир ҳоло Зайнаб он Зайнабе нест, ки шаш сол пеш аз ин буд *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаҳои дигари ин гурӯҳ: -дия, -да, -е (э), -ку, -куя низ асосан тобишҳои гуногуни ҳиссии нутқро таькнд карда, ифоданокии онро пурқувват мегардонанд. Ин ҳиссачаҳо нисбат ба фикри гуфташуда азми боваринокӣ, хашму ғазаб, эътироз, таҳдид барин тобишҳои ҳиссии нутқро таъкид мекунанд: Моҳрӯи шӯраш хушк шудагӣ бекора доду бедод намекардааст-дия! *(Р.Ҷалил,*

Ҳикояҳо). Охир, ту ин кордро аз куҷо ёфтӣ?—Ёфтам-дия (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).— Ӯ-ӯ бало-е, ҳоло ба мактабхониат як моҳ ҳам нашуда аллакай бо перою сиёҳӣ хат навиштан мехоҳӣ? (С.*Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо) Ӯббо, духтур-е!—гуфт вай *(Ҷ.Икромӣ,* Шодӣ).—Э раис, мегӯям-ку, илми камина лотинӣ бошад ҳам, майна мувофиқи замона нағз кор мекунад,—ҷавоб дод Улфатов... *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Ман номи туро гнрифта чеғ назадаам-ку! *(Ҷ.Икромӣ,* Ман гунаҳгорам).

Ҳиссачаи -ку бо ҳиссаҷаи -а якҷоя дар шикли -куя омада метавонад, ки дар ин вақт маънои тасдиқ ва азми боварӣ таъкид карда мешавад:... Ҳоло ин қадар бевақт не-куя,—гӯён Зебӣ ба соати деворӣ нигоҳ кард *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Кайфи хуб дорад-куя *(Р.Ҷалил,* Ҳиқояҳо). Гапат ҳақ аст-куя, Мамараҷаб писарам,—ҷавоб дод Юнусбобо *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Ҳиссачаи -ку вобаста ба интонасия оҳанги саволро низ таъкид карда метавонад: Қадат ба чордаҳсола монанд нест-ку? *(С.Улуғзода,* Субҳи ҷавонии мо).

Калимаи **як** низ ҳамчун ҳиссача кор фармуда мешавад. Вай бо шумораи як алокаи зич дошта, ҳамчун ҳиссача маънои лексикиашро пурра гум накардааст: Духтарат Назираро як бедор кун, бинад-чӣ, чӣ хел навиштаам... *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Як ба ин тарафу он тараф нигоҳ кунед, зоро дида монем *(Р.Ҷалил,* Ҳикояхо). Як факат Зайнаб ҳавобаландии худро напартофта, қасдан бебокӣ мекард...

***Савол ва супоришот:***

*1. Ҳиссачаҳо ба кадом гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ дохил мешавад?*
*2. Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?*
*3. Гурӯҳи ҳиссачаҳоро номбар кунед?*
*4.Ҳиссачаҳои тасдиқӣ чи гуна хусусият доранд?*
*5.Ҳиссачаҳои маҳдудӣ чи гуна хусусият доранд?*

***Адабиётҳо:***

1.**Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985**
**2.Грамматикаи забони адабии ҳозираи точик, қисми 2. - Душанбе, Дониш, 1985**
**3. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.**
**4. Зоҳидов А. Матни маърӯза – Самарқанд, СамДУ, 2000**
**5.** Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
6 . **Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо. – Душанбе, 1999.**

## *Мавзӯи 21*

## *Нидо ва хелҳои он.*

## ХАРИТАҲОИ ТЕХНОЛОГИИ МАШҒУЛОТИ ХОНИШ

### Фикрҳои муқаддимавӣ.

Он ҳиссаи нутқ, ки ҳаяҷон ва ҳиссиёти гуногунро ифода мекунад, нидо номида мешавад. Мисолҳо:

Э, ҳамин вақт омадани онҳо!... «Ҳа, ҷавонмарги ношуданиҳо, ҳа дар қатори мурғон ба зери корд *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Уҳӯ! Аз санг параха парид-ку. Шумо ҳам шӯъбаи моро ба хотир меоваред-дия.

Интонасия яке аз аломатҳои муҳимтарини маънои нидоҳост. Нидоҳо аз рӯи маъно ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: эмосионалӣ (ҳаяҷоннок) ва амрӣ(императивӣ)

## НИДОҲОИ ЭМОСИОНАЛ/

Нидоҳои эмосионалӣ маънои луғавӣ, шаклҳои муқаррарии калимасозӣ надоранд; маънои онҳо ба воситаи интонасияи гуногун -ифода мегардад. Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама нидоҳои якҳиҷогию дуҳиҷогии **э, о, а, е, и, эҳ, оҳ, уҳ, у, эй, ҳу, ҳе, уф, во, туф (туфу), воҳ (воҳ, ваҳ, вой, баҳ, аҳа, оҳо, оббо (ӯббо), эҳе, бай-бай, хуше, ана, мана, ҳи-хи, ура** ва дигарҳо дохил мешаванд. Маънои ин нидоҳо бештар ба воситаи интонасия муайян карда мешавад. Масалан, нидои э маънохои хурсандӣ, шодӣ, ваҷд, тааҷҷуб, ҳайрат, маломат, сарзаниш, таъна, тахмин, фарз, тарсу вахм, ҳарос, даҳшат, хавф, дард, озор, алам, раиҷ, норозигӣ, нохушнудӣ, ҳасрат, андӯҳ, афсӯс, дареғ, хафагӣ, истеҳзо, тамасхур, ришханд, ҳаҷв, таҳдид, дӯғу пӯписа, хатар, Шодӣ, ҷасорат, ҷуръат, бебокӣ, хашм, ғазаб, каҳр ва монанди инҳоро ифода менамояд. Вобаста ба мазмуни матн, тамоми ҷумла, вобаста ба вазъият, ҳолати рӯҳӣ ва таассуроти гӯянда барои ифодаи маънохои гуногун оҳанги нидо низ тағир меёбад; дар як маврид баланди пастшаванда, дар маврнди дигар пасти баландшаванда, ё ин ки мавзун ва ё кашишнок ва ғайра. Дар тағири оҳанги нидо имою ишорат низ (ҷунбонидани калла, тағири тархи рӯй, нигоҳ, дархам кашидани китфҳо, каҷу инҷ кардани лабу даҳон, афшондани гулӯ ва м. инҳо) иштирок мекунанд. Мисолҳо:

Ҳамин ки чашми Исомиддин-маҳдум ба вай афтод: «Э... Мулло Азимшоҳ-ку» гуфта аз ҷояш ҷаста хест *(С.Айнӣ,* Куллиёт). «Э, бечора!»—гӯён Сафар он кӯрпачаро аз рӯи суфаи меҳмонхона гирифта, ба он камбағал дароз кард (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Э, ман аз дидори ин тавр хеш безорам (Хорпуштак). Э, қанд занед, ҷони акаш, ана ин гапи дигар: ҳар рӯз ҳамин тавр кор кунед (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон). Э, беномус! Бечора Хурмо... Ман қасоси туро мегирам, Хурмо. Ман туро меёбам... (С. *Улуғзода,* Калтакдорони Сурх). Э, ҳамин вақт омадани инҳо!...Э, кош ӯ пуле медошту аз ин рӯмолҳо харида, ба Аноргул ва Гулнор савғотӣ мебурд! (С.*Улуғзода,* Восеъ). Э..., ҳа ҳа, фаҳмидам, фаҳмидам,—гуфт якбора Мансуров дасташро шарт ба зонуяш зада,—ҳафтаи гузашта шунида будам *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо).

Нидоҳои якҳиҷогӣ, духиҷогии **ҳа, о, а, е, буу, ий, и, эх, эҳӯ, эҳа, оҳ, оҳо, ӯҳу, ҳо, ҳе, ай, ай-ай, вой, воҳ (ваҳ), паҳ-паҳ, баҳ-баҳ, оббо (уббо), во, бай-бай, ҳай-ҳай, хошо,** хуше ва ғайра низ дар ҷумла, дар матн вобаста ба шароиту вазъияти ифодаи фикр тобишҳои гуногун ва сершумори маънoро ифода менамояид.

Нидоҳои бисёре, ки аз ҳиссаҳои дигари нутқ ба вуҷуд омадаанд ва ё дар просесси гузариш мебошанд, низ сермаъно шуда метавонанд. Масалан,

нидоҳои ку, мана, ана, не, ин, на, офарин, аҳсан (аҳсант), ҳайф, хайҳот, аҷаб (аҷабо), лабай, хайрият аз ҳамин қабиланд. Дар мавриди гузариш тағири интонаҷия, ки маънои нидоро дигар мекунад, аҳамияти калон дорад.

Нидоҳои **ҳм, мм** низ тобишҳои зиёди маъноӣ зоҳир мекунанд. Дар ин нидоҳо дар баробари интонаҷия имою ишорат нпз (дарҳам кашидани китфҳо, ҷунбонидани сар, табассуми пурмаъно ва ё истеҳзоомез) ширкат дорад. Нидоҳои ҳм ва мм маъноҳои тахмин, истеҳзо, тахайюл, шубҳа, дудилагӣ, нобоварӣ, киноя, хомушии сермаъно ва ғайраро нишон медиҳанд: куҷо донистед, ки ман чорчинорӣ ҳастам»? «Ҳм... Аз тӯпиат: танҳо тӯпии чорчинориҳо ин хел гул дорад» *(П.Толис,* Повесть ва ҳикояҳо). «Ҳм»—лабгазид муҳаррир бо тамасхур»—рассом бояд фикри мустақил дошта бошад» (Хорпуштак).

Нидоҳое низ ҳастанд, ки нисбатан маънои устувор доранд. Чунончи, нидоҳон туф (туфу, тфу, туфе), дрр, брр, ҳа-ҳа-ҳа, ҳо-ҳо-ҳо, ҳӯ-ҳӯ-ҳӣ, ҳу-ҳу-ҳу, ки дар натиҷаи амалиётн муайян ва ё таассуроти физиологию рефлекторӣ маъно пайдо мекунанд, ба ҳамин гурӯҳ дохил мешаванд. Дар хат онҳо шартан ва тахминан акс меёбакд.

Нидои туф (туфу, тфу, туфе) маънои нафрат, беэътиноӣ, беҳурматӣ, хашм, оташинӣ, ҳасрат, алам ва ғайраро ифода мекунад:

Туф! Ин хонашеру майдонғариб аз куҷо омадааст *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Туф ба ин касабурон, ки калонашон ҷаноби олӣ аст! (С.*Айнӣ,* Куллиёт).

Зи хуни башар хӯрдан, эй нобакор, Туро то ба он ҷо расидаст кор. (Ҳ.*Юсуфӣ,* Маҷмӯаи шеърҳо).

Маънои аслии нидои брр (дрр) рефлексест, ки дар натиҷаи таъсири хунукӣ ва намӣ дар одам пайдо мешавад. Масалан:

Аз нохуни пом то тори сарам тар шудааст, дрр..., аз баданам об шорида истодааст. Тезтар ҷунб, либосҳоямро иваз намоям, ки аз хунукӣ корам шуд, брр... *(ҷ.*Занони Тоҷикистон).

Ба воситаи нидои ҳа-ҳа-ҳа ва вариантҳои он (ҳо-ҳо-ҳо, ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ, ҳу-ҳу-ҳу, ҳе-ҳе-ҳе) маъноҳои масхараву мазоҳ, писханду пичинг, тамаллуққориву чоплусӣ, истеҳзову ханда ифода меёбанд. Масалан:

Ҳа-ҳа-ҳа! Э, намурӣ ту масхарабоз! (Садои Шарқ). Чӣ? Гиря кардам? ҳо-ҳо-ҳо... Нахобидаам? Не, аз хоб сер шудам (Песаҳои драматургони Тоҷикистон). Ҳамин тавр, боз аз об хушк баромадам. Ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ!

Нидоҳое, ки ба сулфидан, бо забону лабҳо садо баровардан, ҳуштак кашидан алоқа доранд, ба хамин гурӯҳ дохил мешаванд. Ин типи нидоҳр маънои бозӣ, ҳазлу шӯхӣ, истеҳзоро ифода мекунанд:

Уҳу-ӯху-ӯҳу, сабил монад, нон дар гулӯям дар монд, набошад ман ҷавоби ӯро дурусттар медодам *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Най-най-най, қадди Шариф мисли най *(Фольклор).* Ҳушт-хушт, тарсидаме, ака, дар лабам табхол баромад (Маориф ва маданият).

Нидоҳое, ки маънои устувор доранд, гурӯҳи алоҳидаро ташкил мекунанд.Нидои «ура»—дар забони тоҷикӣ шаклҳои фонетикии «урра» ва «урро» низ дорад. Вай барои ба таври оммавӣ ифода намудани маъноҳои хурсандиву фараҳмандӣ, ҳамфикриву ҳамраъйӣ ва таҳсин хизмат мекунад. Дар

баробари ин вай фарёду ҷеғ задани ҳарбӣ мебошад, ки ба воситаи он дар вакти ҷанг ба душман дармеафтанд, сарлашкарон, доҳиён ва роҳбаронро табрик мекунанд:

Маънои нидоҳое, ки ғаму ғусса, андуҳу ҳузн, ҳасрат, дилгирӣ, мусибат, фалокат, дарду алам, норозигӣ ва монанди инҳоро ифода мекунанд, низ устувор аст.

Нидоҳои вой (э вой, эй вой, вое, вой-вой), воҳ (эй воҳ), воҳ-воҳ, во, оббо, ӯббо аз ҳамин гурӯҳанд:

Вой мани сиёҳбахт анкун чӣ кор мекунам? *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Вой-вой, ман ба ин гуна азобу уқубатҳо тоб оварда натавонистам (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон). Воҳ-воҳ-воҳ, дастам бурида шуд *(С.Айнӣ,* Куллиёт). «Во писаракам! Во, са-ри дар офтобам» гуфта зан рӯю мӯйканон монанди мор ба худ мепечид *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Оббо, гове! Мап чанд бор ба ту фаҳмонам (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон).

## НИДОҲОИ АМР/

Нидоҳои амрӣ аз нидоҳои эмосионалӣ аз ҷиҳатн маъно, аз рӯи вазифаи худ ва гоҳо аз ҷиҳати сохт фарқ мекунанд. Нидоҳои амрӣ воситаи изҳори ирода мебошанд ва аз ин рӯ онҳо аз рӯи маъно ба сиғаи амрии феъл наздиканд.

Нидоҳои амрӣ аз рӯи маъно ва вазифа ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Нидоҳои даъват ва ҷеғ задан: **эй, ҳой, ҳон, ҳо, ӯй (уӯй, ув, уув), у, аё, ой, канӣ, ё, о, ало, аллае (аллае-алла), лабай, доде, ҷавре** ва ғ. Мисолҳо:

Ҳон, душмани манфур! Бидон, ин ватанн мост! Ин ҳастии мо, қуввату ҷон дар бадани мост! *(Ҳ.Юсуфӣ,* Маҷмӯаи шеърҳо). Ҳо, Карим, ту дар ин бевақтии шаб дар ин ҷо чӣ кор карда гаштаӣ? (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон). Эй, ака, ин ҷо ист! *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

Ин нидоҳо дар баробари нишон додани маънои умумни даъват ва ҷеғ задан боз вобаста ба хусусияти хоси муҳити нутқ ва хусусияти хоси худ тобишҳои гуногуни маъно намоён мекунанд. Аз ин нуқтаи назар онҳо ба нидоҳои эмосионалӣ наздик мешаванд. Масалан, нидои «эй» маъноҳои зеринро ифода карда метавонад:

1. Ҳасрат, андӯҳ, дареғ, хафагӣ, алам: Эй нури чашм, оҳ Мунира, куҷо шудӣ?, Ногаҳ чӣ шуд, ки аз мани мискин ҷудо шудӣ? *(П.Сулаймонӣ,* Маҷмӯаи шеърҳо).

2. **Нобоварӣ, нодилпурӣ, шаку шубҳа**: Э-эй Рӯзиев одами хурд аст. Зӯраш намерасад. Мумкин аст, ки кори Карим бошад? (Песаҳои драматургони Тоҷикистон).

3. **Хоксорӣ, рад кардан, норозиги**: Эй, ҷой чӣ даркор! (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон).

4. **Тааҷҷуб:** Эй... дар ин ҷо як аввул пайдо шудааст-ку *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

5. **Хиҷолат, ташвиш, таассуроти хафагӣ**: Эй, рӯз қариб пешнн шудаастку, ман рафта нормаи худамро кор кунам *(С.Айнӣ,* Куллиёт).

6. Таҳният, муборакбодӣ, табрик: Эй, салому алайкум, Зарифзода, хуб саҳат-саломатакак ҳастӣ? Кай омадӣ? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо).

7. **Пешакӣ огоҳонидан**: Эй холача, Шумо ба миён надароед (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон).

Нидои ало ҳангоми гуфтугӯӣ бо телефон маънои «гӯш мекунам» ва ё «гӯш кунед»-ро ифода менамояд. Масалан: «Ало! Ало! маро шинохтед?»— бонг, мезад Ҷӯрабек ба гӯшаки телефон *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Маънои аслии нидои «лабай» «гӯш мекунам», «гӯшам ба шумост», «чӣ мегӯед» мебошад. Чунончи:

«Қалмоқ!» гуфта фарёд кард. «Лаббай» гӯён як зан давида омад *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Лаббай! Ҳа, ман Нодиров, ҳамон гапатонро гуфтан гиред (Маориф ва маданият).

2. Нидоҳое, ки талаби риояи хомӯшӣ, итоат карданро ифода менамоянд. Фармони хомӯш истодан дар забони тоҷикӣ одатан ба воситаи калимаҳои **хомӯш, дам, хап, ором, ҷим, қарор** дода мешавад. Ин нидоҳо дар асл аз ҳиссаи номни шакли тасрифии феълҳо баромадаанд. Мисолҳо?

Хомӯш! Кирдори ту, аҳволи оилаи ту мардумро нотинҷ кард, ҳамаро аз кор мононд (Песаҳои драматургони Тоҷикистон). Ором! Аз роҳи кура баромада намешавад, ин ҷо дар ру ба руи хонаҳои сиёҳ аст *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Ҷим! Овозатро набарор! *(С.Улуғзода,* Калтакдорони сурх.

Нидои «диққат», ки маънои «гӯш кунед», «шунавер», «ором шавед»-ро нишон медиҳад, низ ба ҳамин гурӯҳ дохил мешавад:

«Диққат! Диққат, Боз диққат! Шунавандагоии мӯхтарам! Радиои Хорпуштак шунавонндани ниммусиқии навбатин худро ... сар мекунад (Хорпуштак).

3. Нидоҳои **ҳоппа**, **ҳа** ба соҳаи чирк ва физкултура мансубанд.

4. Нидоҳои **канӣ** ва **ма** гурӯҳи алоҳидаро ташкил мекунанд. Онҳо ҳамчун ҳиссача низ намоён мешаванд. Ин нидоҳо (хусусан нидоҳои канӣ) вобаста ба тағири интонасия ва имою ишорат метавонанд ирода ва муносибати гуногунро ифода намоянд. Чунончи:

Канӣ, кошкӣ ҳозир ҳам ҳамин хел бузкашию ҳамин хел ҷовандозони номдор мешуданд *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Ма, инро ту гир, Асадулло! *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Ма! Шумо чӣ хел одамед! Ба фикрам, дар умратон чиз надидаед *(Ҷ.Икромӣ,* Духтари оташ).

5. Нидоҳое, ки барои таъсир расонидан ба ҳайвонот истифода мешаванд.

Дар забони тоҷикӣ барои муроҷиат кардан ва фармон додан ба саг чунин калимаю ифодаҳо мавҷуданд: **маҳ-маҳ, баҳ-баҳ (боҳ-боҳ, бӯҳ-бӯҳ), куҷ-куҷ, хиҷ, киш-киш** ва ғайра.

Калимаҳое, ки ба ҳайвоноту паррандагони хонагӣ муроҷиат карда мешаванд, низ зиёданд. Масалан, калимаҳои **чигӣ-чигӣ (дигӣ-дигӣ, гидӣ-гидӣ) ҷай (ҷай-ҷай), ай (ай-ай), ҳел-ҳел -ҳай-ҳай, ҳол-ҳол, ва ғ. нисбат ба буз: чу (чу-чу), шок-шок, хеш-ҳеш, уш-уш, бош (бош-бош), баҳш (баҳш-баҳш), шук-шук, сав-сав** ва ғ. нисбат ба гов; **беҳ-беҳ, бияҳ-бияҳ, ҳут-ҳут, хат-хат, маҳ-маҳ, иш (иш-иш), их (их-иҳ, чаҳ (чаҳ-чаҳ)** ва ғ. нисбат ба хар; **ҳушт (ҳушт-ҳушт), ҳуйт (ҳуйт-ҳуйт), ҳайт (ҳайт-ҳайт), қош (қош-қош), тувӣ-тувӣ** ва ғ. нисбат ба гӯсфанд; **пиш-пиш, пишт** нисбат ба гурба; **ту-ту-ту, киш** нисбат ба парранда кор фармуда мешаванд.

Боз гурӯҳи муайяни нидоҳое ҷудо мешаванд, ки дар ҳангоми амалиёти гуногуни одам бо ҳайвонот ба кор мераванд. Масалан, ҳайвонотро бо оҳангу овози махсус об медиҳанд, ба истодану ҳаракат кардан, давидан ва хӯрок хӯрдан даъват мекунанд. Ин оҳангу овозҳои махсусро дар хат акс намудан бисёр душвор ва аксар аз имкон берун аст. Ҳамин тавр, нидоҳои амрӣ (императивӣ) калимаҳои муносибатҳое мебошанд, ки ба воситаи интонасияи махсус ифода мешаванд. Ҳатто дар фармон низ унсури эмосия мушоҳида мешавад. Нидоҳои ба монанди алла ва калимаҳои даъвати ба ҳайвонот на фақат майлу хоҳиш, инчунин навозишу тасаллоро низ ифода карда метавонанд. Нидоҳое, ки ба амалиёти бо ҳайвонот доштаи одам вобастаанд, гурӯҳи калонтаринро ташкил мекунанд.

## СОХТИ НИДОҲО

Муқаррар намудани сохти морфологии нидоҳо душвор аст, онҳо асосан чунин сохт доранд: садонок (э, о, а); садоноку хамсадо (эҳ ӯҳ; ҳамсадою садонок (ҳа, ҳо, ҳе); садоноку ду ҳамсадо ва садонок (оббо, ӯббо); ҳамсадою ҳамсадо (хм, мм) ва м. инҳо.

Воситаи муҳимми грамматикии сохтани нидоҳо шакли такрор мебошад: чигӣ-чигӣ, бияҳ-бияҳ, пиш-пиш, сав-сав, ҳол-ҳол, тувӣ-тувӣ, ту-ту-ту, ҳа-ҳа-ҳа ва ғ. Бисёр нидоҳо ҳам шакли ягона ва ҳам шакли такрор доранд. Масалан: вой, ваҳ, баҳ, наҳ, чий, эй, шок, геҷа; вой-вой, ваҳ-ваҳ, баҳ-баҳ, паҳ-паҳ, чай-чай, ай-ай, шок-шок, геҷа-геҷа ва ғ.

Нидоҳои амрие, ки муроҷиат ба ҳайвонотро мефаҳмонанд, барои он такрор мешаванд, ки оҳанги итоати ҳайвонот пурқувват гардад:

Чу-чу, ҷонвар, аз чӣ мехӯсӣ! *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Чай-чай, сабилмонда! Куҷо мегурезӣ? (Пьесаҳои драматургони Тоҷикистон). Их-их! Туро мегӯяме! Зудтар роҳ гард, торик шуд (Песаҳои драматургони Тоҷикистон).

Барои таъсирнокии нутқ дигар нидоҳо низ такрор мешаванд: Ҳой-ҳой, «йигитҳо! Шуморо ба хайр? Бай-бай-бай, ҳанӯз дар сари кӯча бӯи зирбакатон ба димоғам расида, дилам чунон гум зад, ки қариб маст барин калавида афтода будам *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Ту кистӣ? Ҳа... Маҳмуд! Ту ҳам ба даст афтодӣ! Афсӯс-афсӯс! (Песаҳои драматургони Тоҷикистон).

Баъзе нидоҳо (бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай, лай-лай» лай ё ла-ла-ла-лай ва ғ. (асосан дар шакли такрор истеъмол мешаванд:Сар то по мисли ҳалвои лавз. Бай-бай-бай... (Песаҳои драматургони Тоҷикистон). Баҳ-баҳ! Хеле нағз, дилҷасп *(С.Улуғзода,* Калтакдорони сурх. Лай-лай-лай! Худи духтури дандон барин-а! (Песаҳои драматургони Тоҷикистон).

Мавридҳои бо нидоҳо ҳамроҳ омадани ҳиссачаҳо кам нестанд, ки дар натиҷа ҷиҳати эмосионалию таъсирнокии оҳанги нидо пурқувват мегардад. Чунончи: Ҳа, баракалло, шакар ба даҳонатон, ёфтед *(Ф.Ниёзӣ,* Вафо). Вай ин хел қилиқ ҳам дорад-мӣ, таго? Э бале, дурӯғгӯӣ! (Песаҳои драматургони Тоҷикистон).

Якҷоя истеъмол шудани ду ннддо низ зиёд аст, ки дар чунин маврид оҳанги ҳаяҷоннокиву иродавии нидо пурқувват мешавад. Масалан; Вой-вой!...

Ман ғӯзаи худамро аз як ман зиёдтар тахмнн карда оварда будам (С.*Айнӣ,* Куллиёт). Эй вой!... Азизам, ту чӣ қадар тангҳавсала ва ба чӣ андоза бесабрӣ?:.. *(77. Сулаймонӣ,* Маҷмӯаи осор). Э тавба! Вай духтари худамон барин-ку! *(С.Улуғзода,* Калтакдорони сурх.

**ВАЗИФАИ СИНТАКСИСИИ НИДОҲО**

Нидоҳо ҳамчун калимаҳое, ки изҳори ирода ва таассуроти шахсро ифода менамоянд, ҷумлаҳои махсуси нидоиро ташкил карда метавонанд. Масалан: Марҳамат! Чу! Ҳейт-ҳейт! Эй! Алло! Лаббай! Урра! Эй! Вой! Пах-пах! Сабилмонда!

Гоҳо дар шароиту муҳитн муайян аз камоли хурсандӣ ва ё дигар ҳиссиёт фақат як нидо, ки як ҷумлаи пурраро иваз менамояд, гуфта мешавад. Масалан:

«А-а-а!» гӯён як қад парида оташин шуда рафт бой *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Дидам, ки нест ошён, домест—Оҳ!... Ман боз ҳам асир шудам *(А.Деҳотӣ,* Куллиёт).

Нидоҳои эмосионалӣ, ки интонасияи бой доранд, маънохои зиёдеро ифода мекунанд ва дар мавриди мувофиқ ҷумлаи мус-тақилро ташкил менамоянд. Ҷумла шуданн онҳо дар матн ба мазмун ва услуби нутқ, инчунин ба шароиту муҳит, ки услуби нутқро муайян мекунанд, зич вобаста мебошад.

Дар мавриди муайян нидоҳо ба вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла меоянд.

**Мисолҳо:**

Хабари нидоӣ нисбат ба хабари феълӣ аз бобати таъсирнокӣ ифоданоктар аст. Дараҷаи таъсирнокии хабари нидоӣ дар нутқи даҳонакӣ ба воситаи интонасия, вале дар хат ба воситаи аломатҳои китобӣ ифода меёбад. Хабарҳои нидоӣ аз рӯи маъно ба хабарҳои номни сифатӣ ва исмӣ монанд мебошанд. Дар забони тоҷикӣ феълҳои таркибии номие, ки аз нидоҳо сохта шудаанд, зиёданд. Ана ҳамин феълҳо пеш аз ҳама ба вазифаи хабар меоянд. Масалан:

Шумо чӣ оҳ мекашед? Магар хонаатонро ёд кардед? *(Р.Ҷалил,* Ҳикояҳо). Шумо оҳу воҳ накунед. Ин ҳеҷ гап нест. Ягон ду соат вақтатон сарф мешавад (Маориф ва маданият).

Як худи нидо ба вазифаи ҳол ниҳоят кам истеъмол мешавад. Баъзе нидоҳои эмосионалӣ ба вазифаи ҳоли тарз ва ё дараҷа омада метавонанд. Масалан:

Хӯҷаин: ...Ӯҳӣ-ӯҳӣ сурфа кард *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Сари худро ба оғӯши Маъмур гузошта, мехост чизе бигӯяд, ки аз гиря гулӯгир шуду бино кард ба ҳой-ҳуй гиристан (П.Сулаймонӣ, Маҷмӯаи осор).

Нидоҳо ба вазифаи ҳоли тарз ва ҳоли восита асосан ба воситаи калимаҳои пасояндии гӯён ва гуфта меоянд. Ба ин роҳ қариб ҳамаи нидоҳо ба вазифаи ҳолҳои номбурда омада метаврнанд:

Вақте ки ба пеши онҳо расид, салом дода «уффф!» гӯён нафаси худро рост кард *(С.Айнӣ,* Куллиёт). Пои хуншорашро бар замин кашола карда «вой-вой» гӯён лангон-лангон ба тарафи суфа нигоҳ карда рафт (С.Айнӣ, Куллиёт).

Аломатҳои китобатӣ дар хат алоқаи интонасионии нидоҳоро инъикос карда наметавонанд. Такрори ҳарфҳо, такрори дукарата ва секаратаи нидоҳо фақат то дараҷае талаффузи нутқи таъсирнокро нишон дода метавонанд. Дар зимни ин нидо калимае мебошад, ки аз ҷиҳати тобишҳои интонасия бисёр бой аст. Вай аз калимаҳои дигари ҷумла бо баландӣ, шиддат ва дарозии оҳанги махсус фарқ мекунад. Дар нутқи пайдарпай нпдо ифоданокии интонаҷионии худро нигоҳ медорад, ки ин ҳолат боиси кӯтоҳбаёнӣ ва мӯъҷазии фикр мегардад. Нидо мурофиди калимаҳои зиёде шуда меистанд, ки маънои луғавӣ дорад.

Нидоҳои эмосионалӣ ба сохти ҷумла таъсир мерасонанд. Онҳо ҳаяҷоннокии фикри гуфташударо пурқувват намуда, сохти ҷумларо тағир медиҳанд, миқдори калимаҳои онро ихтисор мекунанд. Дар баробари ин онҳо ҷиҳати интонасионии ҷумларо низ муайян мекунанд. Масалан, дар ҷумлаи «Ин ҳаворо бинед! Оҳе! Бо ин гуна либоси тунук район рафтан мумкин нест!» чи интонаҷияи ҷумла, ҷи интихоби калимаҳо ва хусусан нидо муносибати гӯяндаро нисбат ба факти ахбор муайян мекунанд. Гӯянда ғами шунавандаро мехӯрад, ки ӯ хунук мехӯрад. Дар баробари ин нидои оҳе! ба таври мухтасартарин öнчиро ифода менамояд, ки ба воситаи калима ва ҷумлаҳои зерин гуфтан мумкин аст: «Бисёр хунук аст, шамол мехӯрӣ ва касал мешавӣ».

### *Савол ва супоришот:*

*1.Нидо чист? Он аз дигар ҳиссаҳои нутқ чи фарқ дорад?*
*2.Нидоҳои эмосионалӣ чи гуна хусусият дорад?*
*3. Нидоҳои амрӣ чи гуна хусусият дорад?*
*4.Нидо чи гуна хусусияти синтаксисӣ дорад?*
*5. Ба нидоҳои эмосионалӣ ва амрӣ мисолҳо оред?*

### *Адабиётҳо:*

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди 1. Душанбе, 1985
2. Забони адабии ҳозираи точик қисми 1. -Душанбе, 1973.
3. Мачидов Х. Забони адабии муосири точик, чилди 1, Душанбе,2007
4. Рустамов Ш. Ҳиссаҳои нутқ ва таснифоти онҳо.